# Чаҳор китоб

«Адиб»

# Чаҳор китоб

ДУШАНБЕ
«АДИБ»
1990

Бо эҳтимом, охирсухан, тавзеҳ
ва шарҳи луғоти
*Абдунабӣ Сатторзода*

Муҳаррир *Кӯҳзод*

Мусаввир *Усмон Ашӯр*

Муҳаррири масъул *Саъдиддини Рустам*
Мударриси донишкадаи исломии ҷумҳурии Тоҷикистон

КИТОБХОНАИ
Донишгоҳи технологии
Тоҷикистон
БИБЛИОТЕКА
Технологического университета
Таджикистана
ИНВ. № 8457

м 503(12)—90 Бе эълон

© Нашриёти «Адиб», 1990.

# БИСМИЛЛОҲИРРАҲМОНИРРАҲИМ

**Шукр ва сипоси беҳад ба парвардигори олам. Ва дуруди бепоён ба пайғамбари ӯ Ҳазрати Муҳаммад Салаллоҳи алайҳи васаллам.**

Бародарони мусулмони мо имрӯзҳо имкон пайдо намуданд, ки бори аввал дар тӯли беш аз 70-соли охир ошкоро ва бетарсу лара бо осори динии хеш ошно шаванд. Чи ҷои пинҳон намудан аз хонандагони мӯҳтарам аст, ки аксари ҳамватанони мусулмонони мо ба касофатии дар як муддати кӯтоҳ ду мартаба тағйир додани алифбо аз истифодаи бевоситаи он осор маҳрум монда буд ва маҷбур буд, ки мазмунҳои динӣ, дуо, ҳатто сура ва оятҳои Қуръони шарифро ё шифоҳӣ ба хотир гирад ва ё ба алифбои кириллӣ рӯйнавис намояд ва он ҳам аглаб бо хатоиҳову иштибоҳоти фоҳише. Холо китоби машҳуре чун «Чаҳор китоб» ба алифбои имрӯзӣ аз тарафи нашриёти «Адиб» ба чоп мерасад, кори савоб аст. Зеро ба ин восита шумораи бисёре аз бародарони мусулмонони мо аз он бевосита баҳраманд мешаванд.

Ҷои таассуф аст, ки солиёни дарозе дар зери фишори шиори қабеҳи мисли «дин барои халқ афъюн аст» чи ҷои тарғибу ташвиқ, балки аз истифодаи рисолаву таълифоти динӣ мусулмононро манъ мекарданд. Чаро ки ба мардум пайваста талқин менамуданд, ки дин як ҳодисаи сирф иртиҷоӣ ва ақибгароӣ ва маҳсули замони ба истилоҳ, боию феодалӣ буда, гӯё моро аз рушду тараққӣ бозмедорад ва ба дардҳои имрӯзаи ҷомеаи мо намехӯрад. Ҳол он ки аз рӯи инсоф дини ислом динест, ки он ҳақиқати оламу одаму ҷомеаро бо далелҳои қатъӣ, ки илм онро исбот намудааст баён мекунад. Сониян, асосҳои таълимоти дини ислом ба таври бисёр қавӣ кору фаъолияти рӯзмарраи инсон, одобу ахлоқашон ва ба ҷаҳонбинию ҷаҳонфаҳмиашон роҳнамоӣ мекунад. Аз ин сабаб аз он баҳра гирифтан барои ҳар як фард худ як давлати бузургест. Солисан, дини ислом фарзанди инсонро ҳеҷ гоҳ ба бадӣ ҳидоят намекунад.

Зеро ки соҳиби ин дин зотест, ки бениёз аст ва манфиату фоидаи синф, гурӯҳ ё табақаи муайянеро ҳимоя намекунад, зеро асос ва решаи беадолатӣ дар ҳамин аст.

Балки тамоми инсонҳо дар назди оллоҳ таъоло баробаранд, чунонки Расули пок алайҳи салоту вассалом фармудаанд:

«Мардум ба якдигар баробар ҳастанд дар ҳуқуқ ва воҷибот монанди дандонҳои шона». Дар ҳадиси дигар ҷаноби Пайғамбар мефармоянд: «мақсад аз фиристода шудани ман комил ва мукаммал намудани ахлоқҳои инсонист». Чунончи «Чаҳор китоб» ҳам, ки баёни асосоти дини исломро дар худ дорад, инсонро ба сӯи покию сафо, ба таҳорати зоҳиру ботин аз ҳамагуна олудагиҳо, ба луқмаи ҳалолу кори нек, ба ахлоқи ҳамида, ба некандешию нафърасонӣ, ба дӯстию бародарӣ мехонад на ба бадию

бадкирдорӣ ва на ба ҳаромию нопокӣ. Ба сифати намуна аз ин китоби машҳур ҷоеро, ки дар он сухан аз анвоъи таҳорат меравад, меорем: Агар пурсанд, ки таҳорат бар чанд навъ аст? Ҷавоб бигӯ ки: «Бар шаш навъ аст: Аввал — таҳорати сар аст, яъне пок дорад сари худро аз ҳавою ҳавас; Дуввум — таҳорати қалб аст, яъне пок созад дили худро аз хасад; Сеюм — таҳорати даҳон, яъне пок созад даҳони худро аз ғайбат, нигоҳ дорад аз дурӯғ гуфтан; Чаҳорум — таҳорати зоҳир аст, яъне зоҳири худро пок дорад; Панҷум — таҳорати ботин аст, яъне пок созад ботини худро аз ҳаром; Шашум — таҳорати шариат аст, яъне пок созад шариати худро. Оё ин ҳама олудагиҳои мо, ки имрӯз ба чашм бисёр мерасад, аз он нест, ки мо аз таҳорати зоҳиру ботини хеш фаромӯш кардаем.

Бар замми ин ҳама «Чаҳор китоб» сарбасар ҳама панд аст, алалхусус қисмати чаҳоруми он, ҷое ки дар байни мухолифоти нафс, фавоиди хомӯшӣ, гавозӯъ, фазилати фақирӣ, собир, риёзати нафс, ҳақиқати нафси аммора, ғанимат донистани умр, саховат, тариқи зиндагонӣ, эҳтироз аз душманон, фурӯ хӯрдани хашм дар вақти ғазаб, қаноат варзидан, фоидаи сабру субот, ғамхорагӣ кардан ба мардум, фазилати ҷавонмарди интибоҳ аз ғафлат, сабабҳои офият, фоидаи хидмати некон, фазилати меҳмон, аломати марди нодон, марди аҳмақ, марди фосиқ, марди шакӣ, марди муттакӣ, марди мунофиқ, марди бахил, хислати замима, мазаммати хашму ғазаб, корҳои шайтонӣ ва ғ. мебошад.

Ҳақ ба ҷониби муаллифи ин қисмат Шайх Аттор аст, ки гуфта:

*Ҳар ки инҳоро бидонад, оқил аст*
*В-он ки инҳо кор бандад, комил аст.*

Худо ёру мададгоратон бод!

**ҲОҶӢ АКБАР ТӮРАҶОНЗОДА,**
**ҚОЗИЮЛҚУЗЗОТИ ТОҶИКИСТОН**

1

## БИСМИЛЛОҲИРРАҲМОНИРРАҲИМ

Ибтидо мекунам ба номи худо,
Қ-аз ду ҳарф офарид арзу само.
Номи ҳақ бар забон ҳамеронам,
Ки ба ҷону дилаш ҳамехонам.
Молику сониъу кадиму ҳаким,
Холиқу розиқу рауфу раҳим,
Ҳар чи ҳаст аз баландию пастӣ,
Ҳама з-ӯ ёфт сурати ҳастӣ.
Тоати ӯст фарзу айн шуда,
Бар ҳама халқ ҳамчу дайн шуда.
Дод моро китоб, то хонем,
Қард моро хитоб, то донем.
Ҳарчи ӯ гуфт,
он кунем ҳама,
Тоати ӯ ба ҷон кунем ҳама.
Ҳар чи ӯ гуфт,
ғайри он кардан
Нест суде ба ҷуз зиён кардан.
Рӯзу шаб толиби қабули ваем,
Пайраву уммати расули ваем.

## НАЪТИ САИДУЛМУРСАЛИН САЛЛАЛЛОҲУ АЛАЙҲИ ВАСАЛЛАМ

Шукри ҳақро,
ки пешво дорем,
Пешвое чу Мустафо дорем.
Меҳтару беҳтару гузини ҳама,
Сарвару хотиму нигини ҳама.
Ӯ шариат баён кунад моро,
Ӯ тариқат аён кунад моро.
Салавоти худой бар вай бод,
То ба рӯзи ҷазо паёпай бод.
Уммати ӯ, дӯстдори ваем,
Дӯстдори чаҳор ёри ваем.
Чун Абӯбакр, Уммару Усмон,
Муртазо дон алайҳим арризвон.

## ОҒОЗИ КИТОБИ МУСТАТОБ ВА ЭЪТИЗОРИ МУСАННИФ РАҲИМАҲУЛЛОҲ

Ай мусаллӣ, биё таҳорат кун,
Хонаи дини худ иморат кун.
Чун биёрӣ таҳорати зоҳир,
Ботинат низ ҳақ кунад тоҳир.
Он таҳорат ки қисму ҷисм омад,
Зоҳиратро ҳама се қисм омад.
Тан ба ғуслу вузӯ чу пок кунӣ,
Об агар нест, қасди хок кунӣ.
Шарҳи ин ҳар се навъро гӯем,
З-он ки ҷавгони шаръро гӯем.
Дар таҳорат фаризаву суннат
Бар ту хонам равону беминнат.
Пас баёни намозу рӯза кунем,
Тӯшаи умри панҷрӯза кунем.
Обдасту намоз бояд кард,
Дил мақоми ниёз бояд кард.
Рӯзи маҳшар, ки ҷонгудоз бувад,
Аввали пурсиш аз намоз бувад.
Пас макун дар намозҳо тақсир,
То дар он рӯз бошадат тавфир.
Худ Саноӣ чӣ бас накӯ гуфтаст,
Дурри маънӣ нигар, ки ӯ суфтаст;
«Ғами дин хӯр, ки ғам ғами дин аст,
Ҳама ғамҳо фурӯтар аз ин аст.
Ғами дунё махӯр, ки беҳудааст,
Ҳеҷ кас дар ҷаҳон наосудаст!»
Ман ба аҷзу қусур мӯътарифам,
На чу нодон аҳмаку ҳарифам,
Пеш аз ин гуфтаанд аҳли салаф:
Узр ман саннафа қад истахдаф.
Лек бар қадри хеш кӯшидан
Беҳ зи бекорию хамӯшидан.
Ман ба қадри маҷол кӯшидам,
Фикҳро бурди назм пӯшидам.
Накунам айб,
агар ту битвонӣ,
Ки дар ӯ ҳуллае бипӯшонӣ.
Аспи тозӣ агарчи беҳ тозад,
Лошахар хештан наяндозад.
Саду ҳафтод байту даҳ боб аст,
Лоиқи рӯзгори асҳоб аст.
Мӯҷазу дилпазир афтодааст,
Лоҷарам беназир афтодааст.
Ин туро ёдгор аз шараф аст,
Номи ӯ дар ҷаҳон ба ҳар тараф аст.

Аз Бухорост мавлиду насабаш
В-аз Хуросон улуми мактасабаш.
Ё илоҳӣ, бидеҳ ту тавфиқам,
Роҳ бинмой сӯи таҳқиқам.

## ДАР БАЁНИ ФАРОИЗИ ВУЗӮ

Дар сабоҳу равоҳу лайлу наҳор
Дар вузӯ нест ҷуз фариза чаҳор;
Шустани рӯю дасту масҳи сар аст,
Шустани пой низ мӯътабар аст.
Рубъи сар масҳ фарз бояд дид,
Лозимаш ҳамчу қарз бояд дид.

## ДАР БАЁНИ СУННАТҲОИ ВУЗӮ

Суннати обдаст даҳ бошад,
Ҳар ки донист, марди раҳ бошад:
Шустани даст, пеш мисвок аст,
Номи ҳақ гуфтан аз дили пок аст.
Мазмаза, масҳи гӯш, истинҷо.
Ба се каррот шустани аъзо.
Низ ангушти пойро тахлил
Суннат омад зи Мустафо, беқил.
Боз таҳлили лиҳя, истиншок
Гуфтам ин ҷумларо алалитлоқ.
Узв агар тар кунӣ, раво набувад,
Рондани об ҷуз хато набувад.

## ДАР БАЁНИ МУСТАҲАББОТИ ВУЗӮ

Дар вузӯ шаш зи мустаҳобот аст:
Нияту з-он сипас муволот аст.
Ҳама сар масҳу вонгаҳе тартиб,
Ба маёмин бидоят аз таъдиб.
Гар ту панҷ аз сари амал гирӣ,
Масҳи гардан аз ин қибал гирӣ.

## ДАР БАЁНИ МАКРӮҲОТИ ВУЗӮ

Об андар даҳону дар бинӣ
Ба кафи чап кароҳият бинӣ.
Об бар рӯй сахт бар кардан
Аврати хешро назар кардан.

Хева дар об ҳиштан аз амдо,
Сухан андар мақоми истинҷо.
Гар ту бинӣ ба рост афшонӣ,
Дар миёни кароҳият монӣ.
Ҳар ки ин шаш кароҳият донад,
Доим андар рифоҳият монад.

## ДАР БАЁНИ ШИКАНАНДАИ ТАҲОРАТ

Он чи аз пешу пас аён гардад,
Обдасти туро зиён гардад.
Риму хун чун равон ҳаме бошад,
Қай кунӣ, пур даҳон ҳаме бошад.
Қаҳқаҳа дар намоз, беҳушӣ,
Боз девонагию мадҳушӣ.
Хоби такязада вузӯ шиканад,
Такя бар хоб ҳеҷ кас накунад.
Магар ин бод к-он зи пеш бувад,
Ки вузӯ ҳам ба ҷои хеш бувад.

## ДАР БАЁНИ ФАРОИЗИ ҒУСЛ

Ҳар ки бодонишу тамиз бувад,
Фарз дар ғусли ӯ се чиз бувад:
Об дар бинию даҳон кардан,
Бар ҳама узви худ равон кардан.

## ДАР БАЁНИ СУННАТҲОИ ҒУСЛ

Суннати ғусл ҷумлагӣ панҷ аст,
Ёд гираш, ки беҳтар аз ганҷ аст:
Шустани дасту фарҷ бояд пеш,
Дур кардан наҷосат аз тани хеш.
Пас вузӯ сохтан зи баҳри худо,
Шустани тан се бор сартопо.
Он заноне ки мӯйро бофанд,
Шояд он мӯйро на бишкофанд.
Бар таги сар чу обро ронанд,
Бофта хушк ҳамчунон монанд.

## ДАР БАЁНИ МИҚДОРИ ОБИ ВУЗӮ

Макун исроф мои маҷонӣ,
Чун «ва ло тусрифу» ҳамехонӣ.
Талафи об чун раво набувад,
Талафи умр ҷуз хато набувад.

Дар вузӯ об якману ним аст,
Ғуслро чаҳор ман зи таълим аст.
Дар вузӯ кун ба ним ман истинҷо,
Дор мар дасту рӯй ним манро.
Пас бадон ним мане, ки мемонад,
Пойро шӯй ҳар он чи мемонад.
Ҳамчунин гир ғуслро таълим,
Бар сари хеш рез ду ману ним.
Ҳаст ин эҳтиёт дар хона,
Ки бувад оби ту ба паймона.
Гар ту, ай хоҷа, бар лаби ҷӯй,
Нест исроф ҳар чи мешӯй,
Гар ту хоҳӣ, ки шаръ омӯзӣ,
Боядат ҷидду ҷаҳду дил сӯзӣ.
Он чи аз вай суол хоҳад буд,
Насазад гар малол хоҳад буд.
Дар талаб кардани ҳақиқати кор
Аз худо шарм дор, шарм мадор.

## ДАР БАЁНИ МӮҶИБОТИ ҒУСЛ

Ғусл аз панҷ чиз фарз шавад,
Бар зану мард ҳамчу қарз шавад.
Ҳар занеро, ки гум шавад айём,
Ғусл бояд ба ҳар намоз мудом.
Чун шавад пок зан зи ҳайзу нифос,
Ғусл воҷиб шавад ба шаръу қиёс.
Мардро чун закар чунон гардад,
Ки дар андоми зан ниҳон гардад,
Ғусл воҷиб шавад аз он ҳолаш,
Гарчи з-он ҳол нест инзолаш.
Ғусл воҷиб кунад ҷанобат ҳам,
Бар зану мард, ай мадор, карам.

## ДАР БАЁНИ ФАРОИЗИ ТАЯММУМ

Чор чиз аст дар таяммум фарз
Медиҳам мар туро бадониш арз.
Нияту қасди хок, ай сарвар,
Хок, аммо чу пок, ай меҳтар,
Пас бизан ҳар ду дастро бар хок,
Пас бимолаш ба рӯй, то шавӣ пок.
Пас дигарбора панҷа зан дарҳол,
Ҳар ду соид ба мирфақайн бимол.
Дар таяммум фариза ин чор аст,
Ки туро з-ин чаҳор ночор аст.
Ният ин аст, агар намедонӣ,
Ки намозат мубоҳ гардонӣ.

## ДАР БАЁНИ НОҚИЗОТИ ТАЯММУМ

Ҳар чи он ноқизи вузӯ бошад,
Ноқизи ин таяммум ӯ бошад.
Он ки қодир шавад ба оби таҳур,
З-ӯ шавад дар замон таяммум дур.
Назди мо шарт ҳаст истиоб,
Дар таяммум ту нуктаро дарёб.
Ҳар ки миле зи об дур бувад,
Ин таяммум варо таҳур бувад.
В-ар бувад об камтар аз миле,
Нест дар норавоияш қиле.
Мил дар шаръ сулси фарсанг аст,
Ки туро дониш аст, фарҳанг аст.
Сулси фарсах бувад чаҳор ҳазор.
Аз қадамҳои марди хушрафтор

## ДАР БАЁНИ ДУВОЗДАҲ ФАРЗ

Ҳар ки ӯ толиби латифа бувад,
Муқтадояш Абӯ Ҳанифа бувад.
Ӯ дар ислом сӯфию софӣ,
Дар шариат вафию ҳам вофӣ.
Бишнав аз ман баёни мазҳаби ӯ,
З-он ки софитар аст машраби ӯ.
Забт кун ин ду шаш фариза кунун,
Шаш даруни намозу шаш берун.
То намози ту бораво гардад,
Фарзу нафлат ҳама адо гардад.
Он чи берун кунун туро фарз аст
Арз дорам, ки мӯҷиби арз аст;
Нийят асту таҳорату такбир,
Пӯшиши аврату макони таҳир,
Ғами ислом боядат хӯрдан,
Рӯй ҳам сӯи қибла овардан.
Шаши дигар андаруни намоз
Фарз дону намоз кун ба ниёз.
Он қиёму қироат асту рукӯъ,
Қаъдаи охирину саҷда хузӯъ.
Пас бурун омадан фариза шинос
Аз намоз, ай мадор ақлу қиёс.

## ДАР БАЁНИ ВОҶИБОТИ НАМОЗ

Воҷиботи намозҳо ҳафт аст,
З-он ки аз Мустафо чунин рафтааст:
Фотиҳа замм сураи Қуръон
Дар дуи аввал аз фариза бихон.

Лек андар татаввӯъу суннат
Сура бо фотиҳа бикун заммат.
Қ-охиринаш чу аввалин бошад,
Сура бо фотиҳа қарин бошад.
Дар баландӣ баланд бояд хонд,
Ончи паст аст, паст бояд хонд.
Низ дар витр шуд қунут аён,
Боз таъдили ҷумлаи аркон.
Лек дар ид воҷиб афзояд,
З-он ки такбири ид мебояд.
Донад он кас, ки ҳусбате дорад,
Қ-андар ин боб нисбате дорад.
Қаъдаи аввал аз воҷибот аст,
Боз дар охираш таҳиёт аст.

## ДАР БАЁНИ САҶДАИ САҲВ

Саҷдаи саҳвро баён кардан,
Он чи мушкил бувад аён кардан.
Гар касе фарзро кунад таъхир
Ё кунад тарки воҷиб аз тақсир.
Саҷдаи саҳвро чу соз кунад,
Ҷабри нуқсони он намоз кунад.
Ай мусаллӣ, ба ҳар ду даст салом
Гӯй в-он гаҳ биёр саҷда тамом.
Лек он кас ки ӯ имом бувад,
Ба сӯи рост як салом бувад.
Инчунин аст мазҳаби Нӯъмон,
Ӯ ба тақвӣ чу Бузару Салмон.
Инчунин аст ривояту фатво,
Ихтиёр он бувад ки ӯ тақво.
Ҳар яке саҳвро ду саҷда бас аст,
Шаръ омӯз, агар туро ҳавас аст.
Ҳар имоме ки мӯҳтадӣ бошад,
Саҳви ӯ саҳви муқтадӣ бошад.
Муқтадиро чу саҳв афтодаст,
Саҷдаи саҳви ӯ на мӯътод аст.
Саҳви ӯро имом бардорад,
Тоаташро худой бипзирад.

## ДАР БАЁНИ СУННАТҲОИ НАМОЗ

Суннат андар намоз омад бист,
Даҳ аз он қавлисту даҳ феълист.
Он чи қавлист, ҳаст истифтоҳ,
Баъд аз он дар ауз гашт фалоҳ,

З-он сипас тасмия асту омин аст,
Самиъаллоҳ гуфтан аз дин аст.
«Самиъаллоҳ» имом бардорад,
Муқтади «раббано лака» оғозад.
Боз тасбеҳ дар рукӯъу суҷуд,
Низ такбир дар ҳубуту суъуд.
Пас бурун омадан ба лафзи «салом»,
Назди мо воҷиб аст дар ислом.
Фотиҳа дар дуи охир аз фарз
Гир суннат, вале магир аз фарз.
Суннати феълӣ дар намоз даҳ аст,
Ёд гираш агар туро шараҳ аст.
Ҳаст рафъи ядайн то узнайн,
Низ бар ҷой саҷда дорад айн.
Баъд аз он дасти ростро бар чап
Биниҳӣ зери ноф баҳри адаб.
Мар занонро ба ҷумлаи аҳвол
Даст бар сина беҳ бувад ҳама ҳол.
Даст бар зону дар рукӯъ бинеҳ,
Пушт ҳамвора дор ҳамчу зеҳ.
Саҷда оред дар миёни ду каф,
Шикам аз рон дур даст аз даф.
Низ бар пои чап нишаста кунӣ,
Сари ангушт сӯи қибла кунӣ.
Боз гардон ту рӯй вақти салом,
Бар ямину ясори хеш тамом.
Гар касе бар ту шубҳат андозад,
Мустаҳабро зи суннат андозад.

## ДАР БАЁНИ НАМОЗҲОИ ФАРИЗА

Он чи фарз аст дар шабурӯзӣ
Ҳафдаҳ ракъат бувад, гар омӯзӣ.
Ду ба субҳу чаҳор пешин аст,
Чор дар вақти аср таъин аст.
Се ба шому чаҳор дар хуфтан.
З-ин накӯтар наметавон гуфтан.

## ДАР БАЁНИ СУННАТҲОИ ШАБУРӮЗӢ

Уламо гуфтаанд бе шубҳат
Ҳаст суннат дувоздаҳ ракъат.
Шаш ба пешин гузору ду ба саҳар,
Ду пас аз шому ду ба хуфтан дар.
Чори дигар зи аср пеш гузор,
Лек инро зи мустаҳаб медор.

Дуи дигар гузор баъд аз шом,
Тоати зулҷалоли валикром.
Чор пеш аз ишо, чаҳор аз пас,
Суннати панҷвақт ин шуд бас.
Ғайр аз ин ҳарчи ҳаст, нофила аст,
Хоҷаи мо амири қофила аст.
Суннати холиси салот ин аст
Ҳарчи ҳаст аз муаккадот ин аст.
Витрро аз воҷибот медоранд,
Бар ҳама воҷиб аст бигзоранд.

## ДАР БАЁНИ РӮЗАИ МОҲИ ШАРИФИ РАМАЗОН

Нест дар ҳукми шаръ, агар донӣ,
Рӯза ҷуз қаҳри нафси шаҳвонӣ.
Аз ҷимоъу шароб дур шудан
В-аз ҳама хӯрданӣ нафур шудан.
Фарз дон ҷумла рӯзаро ният,
То биёбӣ зи рӯза амният.
Нияти рӯза гар адо набувад,
Дар қазо ҷуз ба шаб раво набувад.
Лек мар вақтию навофилро
То ба пеш аз завол ҳаст раво.

## ДАР БАЁНИ МАКРӮҲОТИ РӮЗА

Магасу паша дар гулӯ чу парид,
Нест нуқсони рӯзаи ту падид.
Гар касе раг заду ҳиҷомат кард,
Менашояд варо маломат кард.
В-ар кунӣ масҳи руғану сурма
Бар сару чашм нестат ҷурма.
Намаку сирко дар даҳон бичашид,
Рӯза боқист гар фурӯ накашид.
Нон ки аз баҳри тифл мехоянд,
Уламо андар ин чӣ фармоянд?
Гар зарурат бувад, раво бошад,
Бе зарурат чунин хато бошад.
Рӯза боқӣ бувад,
вале макрӯҳ
В-аз кароҳат мабош бе андӯҳ.
Ба фаромӯшӣ ар кунию хӯрӣ,
Ҳаст ҳарду туро ҳанию марӣ.
В-ар ба қасд аст хӯрдану корат,
Лозим ояд қазову кафорат.

В-ар хӯрӣ он чи ӯ ғизо набувад,
Бар ту лозим ба ҷуз қазо набувад.
Дар татаввӯъ агар шурӯъ кунӣ,
Пас руҷӯъ аз барои ҷӯъ кунӣ.
Ҳамчу сангу кулуху оҳану рӯй
Набувад зин қабил гили саршӯй.

## ДАР БАЁНИ КАФОРАТИ РӮЗА

Гар касе қасд кард дар хӯрдан,
Ба наҳорӣ муҷомаат кардан.
Шаст мискин таом бояд дод
Ё яке банда карданаш озод.
Ё ду маҳ рӯзаро паёпай дор,
То шавӣ аз ҳаёт бархурдор.

## ХОТИМА

Аз барои ту ин қадар гуфтам,
Ёд гираш, ки мухтасар гуфтам.
Ҳар кӣ инро ба сидқ бархонад,
Воҷибу фарзу нафлро донад.
Ҷони хонандаро худои карим
Бираҳонӣ ту аз азоби алим.
Ҳар ки аз мо кунад ба некӣ ёд,
Номи ӯ дар ҷаҳон ба некӣ бод.
Наваду нӯҳ чу рафт шашсад сол
Аз вафоти расул то имсол.
Нимае аз ҷимодулаввал
Буд к-ин назм гашт мустакмал.
Раҳмати ҳақ нисори хонанда,
Бар нависандаву расонанда.

## 2

## БИСМИЛЛОҲИРРАҲМОНИРРАҲИМ

**Бидон,** асъадакаллоҳу фиддорайн. Ин китобест дар баёни маърифати имон ва ислом ва намоз ва рӯза ва ҳаҷ ва закот ва таҳорат ва фарз ва воҷиб ва суннат ва мустаҳаб ва мубоҳ ва макруҳ ва муҳрим ва муфсид ва аҳком ва аркон.

Ва ин китобро бар чаҳор фасл бино ниҳода шуд, то мубтадиёнро писандида бувад.

### Фасли аввал:

### Дар баёни маърифати имон.

**Агар пурсанд, ки:** «Асли имон чист?»

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Атои бори таъолост ва сари имон-калимаи тайиба гуфтан».

**Агар пурсанд, ки:** «Тани имон чист?

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Панҷ вакт намоз гузоридан аст ва дар «Хабар» аст, ки: «ли кулли шайин қалбун ва қалбул Қуръони «Ёсин», яъне ҳар чиро дил аст ва дили Қуръон сураи «Ёсин» аст ва ҳар гоҳе ки се дил ҷамъ шавад, дуо иҷобат аст. Аввал-дили «Қуръон», дуюм-дили бандаи мӯмин, саввум-дили шаб».

**Агар пурсанд, ки:** «Нури имон кадом аст?»

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Рост гуфтан ва торикии имон дурӯғ гуфтан аст. Ва некии имон ба намоз будан ва ҳаловати имон пок будан аст. Ва ҳукми имон дар миёни хафу раҷо будан аст ва шариати имон ҳалолу ҳаромро донистан аст. Ва бузургии имон зикри худои таъоло бисёр гуфтан аст. Ҳазрати ҳақ субҳонаҳу ва таъоло дар каломи маҷиди худ мефармояд, ки: «Ё айюҳаллазина оману узкуруллоҳа зикран касиран васаббиҳуҳу букратан ва асилан». Маънӣ чунон бошад, ки эй он касоне ки имон овардаед ба худои таъоло ёд кунед ӯро рӯзона ва шабона.

**Агар пурсанд, ки:** «Пӯсти имон чист?»

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Шарм аст».

**Агар пурсанд, ки:** «Меваи имон чист?

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Рӯза аст. Тухми имон илму камоли имон сабр аст ва барги имон тақвост ва мағзи имон дуост ва бехи имон ихлос аст ва ватани имон дил аст».

**Агар пурсанд, ки:** «Имонро аз чӣ чиз офарида аст?»

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Аз нури зоташ таборак ва таъоло ва рӯҳи анбиё алайҳиссаломро аз нури Ҳазрати Муҳаммад Мустафо саллаллоҳу алайҳи васаллам офаридааст».

Агар пурсанд, ки: «Ту дар имонӣ ё имон дар туст?»

Ҷавоб бигӯ, ки: «Ман бо имонам ва имон дар ман аст ва ман мӯминам ва имон сифати ман аст».

Агар пурсанд, ки: «Имон бар чанд навъ аст?»

Ҷавоб бигӯ, ки: «Бар панҷ навъ аст. Аввал-имони матбуъ, ки имон имони фариштагон аст. Дуввум-имони маъсум имони пайғамбарон аст. Ва саввум-имони мақбул имони мӯминон аст. Чаҳорум-имони мавқуф имони мубтадеъон аст. Панҷум-имони мардуд имони мунофиқон аст».

Агар пурсанд, ки: «Имон чист?»

Ҷавоб бигӯ, ки: «Алимону иқрорун биллисони ва тасдиқун билқалби» яъне имон иқрор кардан аст ба забон ва устувор доштан аст ба дил, ки худои таъоло якка ва ягона аст ва Муҳаммад расуллуллоҳ алайҳи ва олиҳи васаллам пайғамбари барҳақанд».

Агар пурсанд, ки: «Имон овардан бар чанд навъ аст?»

Ҷавоб бигӯ, ки: «Бар ду навъ аст. Аввал-имони муҷмал. Дуввум-имони муфассал».

Агар пурсанд, ки: «Сифати имони муфассал чанд аст?»

Ҷавоб бигӯ, ки: «Ҳафт аст: Аввал — «Оманту биллоҳи ва малоикатиҳи ва кутубиҳи ва русулиҳи валявмилохири валқадари хайриҳи ва шарриҳи миналлоҳи таъоло валбаъси баъдалмавти», яъне аввал он ки бигӯяд, ки: «имон овардам ман ба худои таъоло азза ва ҷалла, ки якка ва ягона аст». Дуввум он ки «имон овардам ман ба фариштагони вай, яъне фариштагон барҳақанд ва офаридаи ӯянд». Савум-«имон овардам ман ба китобҳои вай». Чаҳорум-«имон овардам ман ба расулони вай». Панҷум-«имон овардам ман ба рӯзи қиёмат, яъне қиёмат омаданӣ аст». Шашум-«имон овардам ман ба тақдири некӣ ва бадӣ, ҳама аз худост азза ва ҷалла». Ҳафтум-«имон овардам ман ба баъс, яъне зинда гардонидан баъд аз миронидан ҳақу рост аст». Яфъалуллоҳу мо яшоъу ва яҳкуму мо юрид.

Агар пурсанд, ки: «Сифати имони муҷмал чанд аст?»

Ҷавоб бигӯ, ки: «Чаҳор аст: «Оманту биллоҳи камо ҳува бисмоиҳи ва сифотиҳи ва қабилту ҷамиъа аҳкомиҳи ва аркониҳӣ» яъне «имон овардам ман ба худои таъоло ва ба номҳои вай ва ба сифатҳои вай ва қабул кардам дини мусулмониро ва он чи дар вай аст. Ва безорам аз куфру кофирӣ ва худой аз вай безор аст». Дар «Авориф» овардааст, ки донистани аҳком ва аркони имон аз аҳами муҳимот аст. Агар касе аҳком ва аркони имонро надонад, ҳар ибодате ки кунад, раво набошад. Ва дар «Ҷомеъ-ул-кабир» овардааст: Изастувсифал маратул болиғату аҳкоман минаттавҳиди фалам тасиф табину мин завҷиҳо ва инҳакамно бисиҳатиннакоҳи бизоҳирил исломӣ». яъне ҳар вақте, ки талаби тавсиф карда шавад, зани болиғаро аз аҳкоми имон гӯяд, ки намедонам, талоқи боин шавад аз завҷаш. Агарчи ҳукм кунем ба сиҳатии никоҳ ба зо-

ҷири ислом. Дар «Муставфӣ» овардааст, ки шахсе канизаке харид, ки он канизак аҳкоми имонро намедонад. Бо он ки ӯ мушрик нест, мавлоро ҳамроҳи он муҷомиат намудан ҳаром аст. Бояд, ки аввал аҳкоми имонро биёмӯзад ва пас муҷомиат намояд. Дар «Муҳит» овардааст, ки агар қассобе аҳком ва аркони имонро надонад, забҳи кардаи ӯ ҳаром бошад. Ва дар «Хулоса» овардааст, ки мавлоро воҷиб аст, ки бандагони худро аҳком ва аркони имонро биёмӯзад ва аз «Қуръон» он миқдоре ки намоз ба он раво бошад, биёмӯзад, ҳамчунин бо аҳли байт ва маҳорими худ. Зеро ки расулуллоҳ саллалоҳу алайҳи васаллам фармудааст, ки: «Куллукум роъин ва куллукум масъулун ан раияатиҳи»: Ҳар яке аз шумоён ба манзалаи посбонед ва ҳар яке аз шумоён пурсида хоҳад шуд аз раъияти худ. Масалан падар аз авлод, яъне аз адои ҳуқуқи авлод ва авлодро аз падар, яъне аз адои ҳуқуқи падар ва ҳамчунин ин ҳукм ҷоиз аст дар ҷамеи афроди инсонӣ».

**Агар пурсанд, ки:** «Воҷиботи имон чанд аст?»

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Дувоздаҳ аст: Аввал бо уламо сӯҳбат доштан: Дуввум — аз мунофиқон дур будан; Саввум — ташнаро об додан; Чаҳорум — беморро пурсидан; Панҷум — кадхудой — дарвешро шафқат намудан; Шашум—фарзанди худро ислом омӯхтан; Ҳафтум — аҳл ва аёли худро намоз омӯхтан; Ҳаштум — дасти марҳамат бар сари айтом молидан; Нӯҳум — мурдаро шустан; Даҳум — санге ки бар сари роҳ бошад, дур кардан; Ёздаҳум — падару модарро зиёрат намудан; Дувоздаҳум — тавофи хонаи Қаъба намудан».

**Агар пурсанд, ки:** «Ҳукми имон чанд чиз аст?»

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Ду чиз аст: яке — дунявӣ ва дигаре — ухравӣ. Аммо ҳукми дӯнявии имон амон ёфтани нафс ва мол аст, ки ҳар касе ки имон орад, нафси ӯ аз кушта шудан ва моли ӯ аз талаф шудан маҳфуз мемонад ба ҳукми шаръ, ки агар касе ба ғайри ҳақ бикушад вайро, ба қассос кушта мешавад. Ва агар зино кунад, вайро сангсор карда мешавад. Аммо ҳукми ухравии имон наҷот аз оташи дӯзах ва расидан ба наими ҷаннат ва мушарраф шудан ба дидори ҳақ субҳонаҳу ва таъоло, ки аҷалли наъим аст. Аллоҳум марзуқно».

**Агар пурсанд, ки:** «Шароити имон чанд аст?»

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Ҳафт аст: Аввал-имон овардан ба ғайб, яъне пеш аз он ки азоби худои таъолоро бинад ва агар баъд аз муоинаи дидани азоб имон орад, онро имони яъс гӯянд ва имони номақбул аст. Чунончи гуфтаанд, ки ҳар касро аз мӯмин ва кофир дар вақти мавт мақоми ӯро аз биҳишт ё аз дӯзах менамоянд. Ва мӯминро гӯянд, ки агар кофир мурдӣ, ҷои ту ин будӣ, дар дӯзах. Ва ҳоло он ки аз дунё бо нури имон меравӣ, ҷои ту биҳишт аст, пас ба осоиш бошад ва бо кофирон гӯянд, ки агар ту мусулмон мурдӣ, ҷои ту ин будӣ аз биҳишт ва ҳоло он ки аз ин олам ба куфр меравӣ, пас мақоми ту ин мавзеъ аст аз дӯзах. Пас дар банди пушаймонӣ бошад;



Донишгоҳи технологии Тоҷикистон
БИБЛИОТЕКА
Технологического университета Таджикистан
8457

Дуввум — илми ғайбро хосаи худои таъоло донистан; Сеюм — биҳишту дӯзахро нодида гаравидан; Чаҳорум — ҳалолро ҳалол донистан; Панҷум — ҳаромро ҳаром донистан. Агар шахсе ҳалол кардаи ӯ — таъолоро ҳалол надонад ва ҳаромкардаи ӯ — таъолоро ҳаром надонад, кофир гардад. Ва агарчи калимаи шаҳодатро бар забон меронда бошад ва намоз ва рӯза медошта бошад; Шашум — аз азоби худои таъоло тарсидан ва аз раҳмати ӯ умедвор шудан».

**Агар пурсанд, ки:** «Камоли имон чанд чиз аст?»

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Се чиз аст: Аввал — шод будан дар ёфтани имон; Дуввум — ғамнок будан ба заволи имон; Сеюм — тарсидан **аз** табоҳкунандаи имон».

**Агар пурсанд, ки:** «Ҳақиқати имон ва ислом чист?»

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Аз рӯи луғат ҳар ду яке аст. Ин ҳар ду ба маънӣ инқиёд аст ва дар истилоҳ муғоир аст. Чунон ки «алимону иқрорун бил лисони ва тасдиқун билқалби валисломy ҳувал инқиёду биамриллоҳи таъоло вал иҷтинобу анин навоҳиҳи», яъне «ислом инқиёд будан ба амри оллоҳ ва дур будан аз он чи наҳй кардаст ӯ — таъоло азза шаънуху».

**Агар пурсанд, ки:** «Дин чист?»

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Аддину индаллоҳи ҳувал исломy».

**Агар пурсанд, ки:** «Имон фарз аст ё суннат?»

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Аввал банда, иқрор мекунад бар ваҳдонияти худои таъоло, ки барҳақ аст, ин фарз аст. Ва такрори ӯ суннат аст».

**Агар пурсанд, ки:** «Имон ба кадом оят фарз шудааст?»

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Бо ин оят фарз шудааст: «Ҳуббиба илайкумулимону ваззайянаҳу фи қулубикум». Ва ба ин ҳадис суннат собит шудааст: «Наҳну нашҳаду бимо оҳадаллоҳу биҳӣ».

**Агар пурсанд, ки:** «Ба ваҳдонияти худои таъоло имон овардан ба кадом оят собит шудааст?»

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Ба ин оят собит шудааст: «Шаҳидаллоҳу ло илоҳа илоҳу варраҳмоннурраҳими».

**Агар пурсанд, ки:** «Имон чист? Ва ислом чист? Ва эҳсон чист»?

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Ба ин мазмун ки аз ҳазрати Умар бинни Хаттоб ривоят кардаанд, ки гуфта дар аснои он ки мо будем назди расулуллоҳи саллалоҳу алайҳи васаллам рӯзе ба ногоҳ тулӯъ гардид бар мо, яъне зоҳир шуд бар мо марде ки нек сафед буду ҷомаи ӯ шадид буд сиёҳии мӯи ӯ ва дида намешуд бар вай асари роҳро, мисли ғуборолудагӣ ва шикастагиранг ва сустӣ ва монда шудагӣ. Ва ҳол он ки намешинохт ӯро аҳаде аз моҳон, то ки наздик омад ва нишаст пеши он ҳазрат саллалоҳу алайҳи васаллам. Пас пайваста гардонид ҳар ду зонуи худро ба ду зонуи мубораки он ҳазрат ниҳод ду дасти худро ба рӯи зонуи худ ва гуфт: «Эй Муҳаммад алайҳиссалоту васаллам, ҳабар деҳ маро аз ислом.» Гуфтанд: «Ислом он аст, ки шаҳодат орӣ худойро ки нест илоҳӣ ҷуз зоти поки ӯ таъоло ва шаҳодат

орӣ, ки Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи васаллам бандаи худо ва расули ӯст. Ва барпой дорӣ намозро ва бидиҳӣ закоти молро ва рӯза дорӣ моҳи шарифи рамазонро ва тавоф кунӣ хонаи Каъбаро, агар метавонӣ рафт». Ва гуфт он мард: «Рост гуфтӣ, ай Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи васаллам». Ва гуфтанд Ҳазрати Умар: «Тааҷҷуб кардем аз ин мард, ки суол мекард ва ӯро ростгӯ медонист». Боз он мард гуфт: «Хабар деҳ маро, ай Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи васаллам аз имон». Гуфтанд: «Имон он аст, ки имон орӣ ва бигравӣ ба худои таъоло ва ба фariштагони вай ва ба китобҳои вай ва ба рӯзи қиёмат. Ва имон орӣ ба тақдири некӣ ва бадӣ, ки ҳама аз худои азза ва ҷалла. Ва ҳар чи дар коинот воқеъ шуда ва мешавад ба қазо ва иродаи ӯст». Он мард гуфт: «Рост гуфтӣ». Пас гуфт: «Хабар деҳ маро аз эҳсон». Гуфтанд; «Эҳсон он аст, ибодат кунӣ ӯро. Гӯё мебинӣ ту оллоҳи таъолоро. Агар ту надида бошӣ, ӯ мебинад». Он мард гуфт: «Рост гуфтӣ». Қола ннабӣ; «Алимону урёнун ва либосуҳулвараъу ва зиннатуҳулҳаёъу ва самаруҳул илму». Гуфтанд расули оллоҳ алайҳиссалават васаллам, ки: «Имон бараҳна аст. Ва пӯшиши ӯ парҳезкорӣ аст ва ороиши ӯ шарм ва меваи ӯ илм аст». Қола ннабӣ: «Ло имона ли ман лоамоната лаҳу». Гуфтанд; «Пайғамбар саллаллоҳу алайҳи васаллам, ки: «Огоҳ бошед, ки касеро ки амонатгузор нест, имон нест мар ӯро». Қола ннабӣ алайҳиссалавоту васаллам; «Ло юъмину аҳадукум. Ҳатто юҳиба ли аҳиҳи мо юҳиббу ли нафсиҳи». Гуфтанд: «Расулуллоҳ алайҳиссалавоту васаллам ки: «Нест мӯмин аз шумоён касе, ки то дӯст дорад барои бародари мӯмин он чизеро ки дӯст дорад барои худ». Қола ннабӣ: «Алимону сиррун фӣ судурил мӯмини валислому алониятуҳу», яъне гуфтанд расуллоҳ саллалоҳу алайҳи васаллам: «Имон сире аст дар синаи мӯмин ва ислом ошкоро кардани вай аст».

Фасли дуввум.

Дар баёни маърифати ислом.

**Агар пурсанд, ки:** «Худои таъолоро мешиносӣ?»

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Мешиносам».

**Агар пурсанд, ки:** «Чигуна мешиносӣ?»

**Ҷавоб бигӯ, ки;** «Бечуну бечигуна ва бешубҳа ва бенамуна мешиносам, ки оллоҳ таъоло ламязал ва лоязол аст. Лайса камислиҳи шайун филарзи ва лофиссамои ва ҳуввассамиъул басиру мулк аз худои таъоло аст ҳамеша ва ҳамешагӣ мар ӯро аст ва ӯро сазовортар аст. Ҳарчи хост кард ва ҳарчи хоҳад, бикунад. Яфъалуллоҳу мо яшоъу ва яҳкуму мо юрид.

**Агар пурсанд, ки:** «Ту мусулмонӣ?»

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Алҳамду лиллоҳи».

**Агар пурсанд, ки;** «Маънии «алҳамду лиллоҳи» чист?»

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Сипосу ситоиш мар худойрост азза ва ҷалла».

**Агар пурсанд, ки:** «Аз кай боз мусулмонӣ?»

Ҷавоб бигӯ, ки: «Аз рӯзи мисоқ».

Агар пурсанд, ки: «Маънии «мисоқ» чист?»

Ҷавоб бигӯ, ки: «Алмисоқу ҳувал аҳдулмавсуку валхитобу» хитоби ӯ. Таъоло дар замоне, ки арвоҳҳои моро биёфарид, хитоб кард, ки: «А ласту бираббикум қолу бало», яъне оё нестам ман парвардигори шумоён ва ҷумлаи ҷаҳониён, холиқи кулли шай ва розиқи кули ҳай. Боз аз ҳазрати рабулиззат нидо омад, ки: «Маро саҷда кунед». Онҳо ки ба дасти рости ҳазрати Абулбашар Одам алайҳиссалавоту вассалом буданд, ҳама саҷда карданд. Онҳо ки ба дасти чап буданд, саҷда накарданд. Одам алайҳиссалавот вассалом гуфт, ки: «Аз ин бандагони ту аҷаб дорам. Онҳо ки ба дасти рости мананд, саҷда карданд ва онҳо ки ба дасти чапи мананд, саҷда накарданд, киёнанд?» Нидо омад, ки: «Ё, Одам, инҳо, ки ба дасти рости туанд, мӯминон ҳастанд ва онҳо, ки ба дасти чапи туанд, кофиронад. Нукта бишнав, эй мӯмин, дар биҳишт дар пушти Одам алайҳиссалом кофире буд. Одам алайҳиссалавот вассаломро аз он ҳеҷ нуқсоне на. Агар дар девони осие исёне шавад, ба банда ҳеҷ зарар ва нуқсон нашавад аз карами воҷибулвуҷуд аҷаб набошад. Ва онҳо ки бар дасти рости туанд, ҷаннат ҷои эшон бошад. Ҳо улои филҷаннати ва ло уболи. Ва онҳо ки ба дасти чапи туанд, дӯзах ҷои эшон бошад. Ҳо улои финнори ва ло уболи. Одам туро аз гуноҳи эшонон зиёне на ва аз тоъати эшонон суде на. Пас фармон ояд фариштагон ки аҳднома бинависед. Бинавиштанд. Чун тамом шуд, он фариштаро нидо шуд, ки: «Он аҳдномаро бар даҳон бигирад». Бар даҳон гирифт. Боз нидо омад, ки: «Санг шав». Санг шуд. Ҳоло онро ҳаҷаруласвад хонанд, бар тарафи рости хонаи Қаъба аст. Он дам Ҷабраил алайҳиссалом ӯро бар рукни рости байтулмаъмур ниҳод, то замоне ки хонаи Каъба рост шуд, боз ба Қаъба оварданд. Ҳоҷиён онро бӯса мекунанд то рӯзи қиёмат ва он санг боз ба амри оллоҳ таъоло дар рӯзи қиёмат фаришта шавад ва он аҳдномаеро аз даҳони худ берун кунад. Ҳар ки дар он аҳднома собит бошад, ӯро ба ҷаннат ва ҳар ки хилоф карда бошад, ӯро ба дӯзах баранд.

Агар пурсанд, ки: «Бинои мусулмонӣ бар чанд навъ аст?»

Ҷавоб бигӯ, ки: «Бар панҷ навъ аст. Аввал — калимаи шаҳодат гуфтан ки «Ашҳаду ан ло илоҳа иллаллоҳу ва ашҳаду анна Муҳаммадан абдуҳу ва расулуҳу»; Дуввум — панҷ вақт намоз гузоридан. Сеюм — рӯзаи моҳи шарифи рамазон доштан; Чаҳорум — закоти мол додан. Панҷум — тавофи хонаи Қаъба кардан, ҳар киро қудрат ва тавоноӣ бошад мар зоду роҳила».

Агар пурсанд, ки: «Воҷиботи ислом чанд аст?»

Ҷавоб бигӯ, ки: «Ҳафт аст: Аввал — намози витр хондан; Дуввум — садақаи фитр додан; Сеюм — қурбонӣ кардан; Чаҳорум — намози ид хондан; Панҷум — умра кардан; Шашум — падару модар розӣ кардан; Ҳафтум — хешовандонро накӯӣ кардан».

**Агар пурсанд, ки:** «Аҳкоми шариат чанд аст?»

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Ҳашт аст. Аввал — фарз; Дуввум — воҷиб; Сеюм — суннат; Чаҳорум — мустаҳаб; Панҷум — ҳалол; Шашум — ҳаром; Ҳафтум — мубоҳ; Ҳаштум — макрӯҳ».

Фасли сеюм
Дар баёни таҳорат

**Агар пурсанд, ки;** «Дар таҳорат чанд чиз фарз аст?»

**Ҷавоб бигӯ, ки;** «Панҷ чиз фарз аст: Аввал — шустани рӯй; Дуввум — ду даст шустан маъа оринҷ; Сеюм — чаҳоряки сарро масҳ кашидан; Чаҳорум — ҳар ду пойро шустан; Панҷум — ришро масҳ кашидан, ҳар он кас ки риши калон дошта бошад».

**Агар пурсанд, ки:** «Дар таҳорат чанд чиз лозим аст?»

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Даҳ чиз лозим аст. Аввал — обро бар лаб расонидан; Дуввум — обро дар зери нохун расонидан; Сеюм — обро ба гӯш расонидан; Чаҳорум — дар мавзеи истинҷо наҷосате ки миқдори дирҳами шаръӣ бошад, шуст; Панҷум — истибро, яъне талаби барӣ шудани дил аст бар покӣ баъд аз фароғ аз ҳоҷат; Шашум — истинҷо дар ҷои хилват кардан; Ҳафтум — исроф накардан; Ҳаштум — аз васвасаи шайтонӣ худро нигоҳ доштан; Нӯҳум — истинҷоро ба дасти чап кардан; Даҳум — рӯйро ба тарафи қибла овардан.

Дар халоҷо чун нишинӣ, домани худ бар мазан,
Паст биншину магӯ ту ҳеҷ навъе аз калом.
Пушт сӯи қибла нею рӯй сӯи қибла не.
Дасти чап бояд, ки дорӣ сӯи қибла вассалом.

**Масъала.** Агар шахсе намоз мегузорад ва бо ӯ дирҳаме аст ҳар ду тарафи он наҷас шуда. Саҳеҳ он аст, ки монеи ҷавози салавот нест. Ва агар намоз мегузорад, ду ҷома дорад бар ҳар кадом наҷосат камтар аз дирҳам аст ва ҷамъ карда шавад, зиёда аз қадри дирҳами шаръӣ шавад, ҷоиз нест.

**Агар пурсанд, ки:** «Дар таҳорат чанд чиз суннат аст?»

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Даҳ чиз суннат аст: Аввал — ду даст шустан то банди даст; Дуввум — номи худои таъолоро бар забон рондан, яъне «бисмиллоҳилалиилазими вал ҳамду лилоҳи ало динилисломи» гуфтан. Сеюм — мисвок кардан; Чаҳорум — обро дар даҳон кардан; Панҷум — ғарғара кардан; Шашум — об дар бинӣ кардан; Ҳафтум — масҳи ду гӯш кашидан; Ҳаштум — хилоли ангуштон кардан; Нӯҳум — хилоли риш кардан; Даҳум — ҳар узверо се бор пай дар пай шустан».

**Агар пурсанд, ки:** «Дар таҳорат чанд чиз мустаҳаб аст?»

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Ҳашт чиз мустаҳаб аст: Аввал — ният кардан, яъне: «Навайту анатоваззаъа ли ибоҳатиссалоти ва изолатил ҳадаси»; Дуввум — сари андоми ниҳониро шустан; Сеюм — ҳамаи сарро масҳ кашидан; Чаҳорум — масҳи гардан кардан; Панҷум — пай дар пай шустан; Шашум — тартиб; Ҳафтум — ба

муносибати ҳар узве дуо хондан; Ҳаштум — ибтидо аз рост кардан».

**Агар пурсанд, ки:** «Дар таҳорат чанд чиз макрӯҳ аст?»

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Ҳафт чиз макрӯҳ аст: Аввал — дар вакти истинҷо рӯ ба қибла нишастан; Дуввум — дар он вакт сухан гуфтан; Сеюм — дар андоми ниҳонии худ назар кардан; Чаҳорум — ба дасти чап об дар даҳон кардан; Панҷум — бинӣ ба рост афшондан; Шашум — обро ба рӯй сахт кардан; Ҳафтум — хева дар об андохтан».

Масъала.— Мусулмоне узве аз аъзои худро руған молидааст, баъд аз он вузӯ сохтааст ва он аъзое чарб молидаст, қабули об накардааст, ба шариъат вузӯи ин мард ҷоиз бошад ё не?

Иҷоб бошад тариқаи мисвок се бор ворои ямин, се бор вораи ясор ва шаш бори дигар дандони зерин, маҷмӯъ дувоздаҳ бор мешавад. Як бор рӯи забонро мисвок кунад, сездаҳ бор мешавад. Чунончи кироми фармуданд: Ба шаш болову шаш поини вора, яке рӯи забонро кун назора».

**Масоили мутааллиқа ба ҳавз.**

**Агар пурсанд, ки:** «Ҳавз чанд дар чанд мебояд, то вузӯ кардан ва ғусл кардан ва чизеро дар он шустан раво бошад?»

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Даҳ дар даҳ бошад, ин ҳама раво бошад. Агар кам аз даҳ дар даҳ бошад, раво набошад. Ва агар мудаввар бошад, мухтор ба фатвои Имом Қозихон ва Имом Заҳириддини Бухори Раҳимаҳумаллоҳ бояд, ки сиюшаш газ бошад. Ва ба фатвои соҳиби «Муҳит» даври ҳавз ҷиҳилу ҳашт газ бошад, то ки наҷосат дар вай афтад, наҷас нашавад».

**Агар пурсанд, ки:** «Ҳавзе аст то об дар вай пур аст, вузӯ сохтан дар вай раво нест. Чун обаш ба нима расад, раво бувад. Сурати ин масъала чигуна аст?»

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Ин ҳавзе аст, ки нимаи болои вай даҳ дар даҳ набошад ва нимаи пасти вай даҳ дар даҳ бошад. Чун об пур бошад, даҳ дар даҳ набошад ва чун ба нима расад, даҳ дар даҳ бошад. Агар ба инчунон ҳавз дар ҳол аст бар вай наҷосат афтод, нашояд, ки истеъмол намоянд. Чун ба нима расад, истеъмолро шояд. Гӯё, ки дар ҳамин ҳол ними наҷосат вокеъ шудааст ва инро зиёне нест. Ин масъала аз «Фавоид»-и Қозӣ Имом Фахриддини Раҳматуллоҳ ки ӯ қозии лашкари ислом буда, чиҳил шутур дар зери бори кутуби ӯ буда».

**Агар пурсанд, ки:** «Дарозгӯше аз зарф об хӯрад, пас хӯрдаи он палид аст ё машкук?»

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Агар дарозгӯш нар аст, пас хӯрдаи он машкук аст. Зеро ки дарозгӯши нарро одат он аст, ки наҷосат бӯй кунад. Пайваста лабҳои ӯ аз наҷосат холӣ набошад ва ин фарқ мӯътамад аст. Аммо баъзе байни ин ду фарқ нест гуфтаанд.

**Масъала.** Як ё ду адад пуски гўсфанд дар чоҳ афтод, оби чоҳ палид нашавад ва агар дар зарф афтад, палид шавад. Ва пуски уштурро низ ҳамин ҳукм аст. Ва агар дар шир афтад, фавран онро дур намоянд, ба шир зиён надорад, шир пок аст. Ва агар дар шир муталошӣ шавад, ширро палид намояд.

**Агар пурсанд, ки:** «Марде хуми руған дорад ва хуме ки сирка дорад ва аз ҳар хуме як паймона баргирифт ва бар таште андохт ва аз ташт муши мурда зоҳир шуд. Пас кадом аз ин хумҳо начас бошад?»

**Ҷавоб бигў, ки:** «Мушро бишкофанд, аз даруни он ҳар кадом ки зоҳир шавад, ҳамон хум палид шавад. Мушро ба гурба диҳанд, агар мушро гурба бихўрад, руған ва душоб палид бошад. Ва агар нахўрад, сирка палид бошад».

**Агар пурсанд, ки:** «Марде дар саҳро таъоме ва гўштро дар дег карда. Ногоҳ мурғе аз ҳаво дар он дег афтод ва бимурд. Он гўшт ва шўрбо палид шавад ё не?»

**Ҷавоб бигў, ки:** «Бингарем, агар дар ҷўш буд, зуд он мурғро аз дег бурун кунад, гўшту шўрбо пок шавад».

**Агар пурсанд, ки:** Қадом узв аст, ки то марди намозгузор болиғ нест, шустани он узв фарз аст ва чун болиғ шавад, суннат бошад?»

**Ҷавоб бигў, ки:** «Мўи зери ноф».

**Агар пурсанд, ки:** «Шиканандаи вузў чанд аст?»

**Ҷавоб бигў, ки:** «Ҳаждаҳ аст: Шаш аз пеш, се аз пас ва чаҳори дигар макони зоҳир надорад ва панҷи дигар макони зоҳир дорад. Он шаш, ки аз пеш аст: Бавл ва вадӣ ва манӣ ва мазӣ ва санги масона ва хуни истеҳоза. Ва он се ки аз пас аст: бод ва ғоит ва кирми кадудона. Ва он чаҳор ки макони зоҳир надорад: девонагӣ ва беҳушӣ ва мастӣ ва хандаи қаҳқаҳа дар намоз. Ва он панҷ, ки макони зоҳир дорад: хун ва зардоб ва қай, ки ба пурии даҳон бошад ва хоби такязада».

**Агар пурсанд, ки:** «Ҷумлаи ғуслҳо бар чанд навъ аст?»

**Ҷавоб бигў, ки:** «Бар даҳ навъ аст. Аз он ҷумла чаҳор фарз аст ва яке воҷиб ва чаҳор суннат ва яке мустаҳаб. Ва он чаҳоре, ки фарз аст: Аввал — аз ҷанобат бурун омадан аз об. Дуввум — ғусл баъд аз фароҳами ду хатна бе он ки оби манӣ зоҳир шавад; Саввум — ғусл аз ҳайз; Чаҳорум — ғусл аз нафоис. Ва он яке воҷиб аст, ғусли мурда аст. Ва он чаҳор ки суннат аст: Аввал — ғусли рўзи ҷумъа; Дуввум — ғусли арафа; Сеюм — ғусли иҳроми ҳоҷиён; Чаҳорум — ғусли идайн. Ва он яке ки мустаҳаб аст, ғусли кўдаке болиғ шавад ё кофире ки мусулмон шавад».

**Агар пурсанд, ки:** «Дар ғусл чанд чиз фарз аст?»

**Ҷавоб бигў, ки:** «Се чиз фарз аст: Аввал — об дар даҳон кардан; Дуввум — об дар бинӣ кардан; Сеюм — обро ба тамоми аъзо расонидан».

**Агар пурсанд, ки:** «Дар ғусл чанд чиз воҷиб аст?»

**Ҷавоб бигў, ки:** «Чаҳор чиз воҷиб аст: Аввал ангушт дар

гӯш кардан; Дуввум — об ба қаъри бинӣ расонидан; Сеюм — зери бағалро молидан; Чаҳорум — дар тахти нохунҳо ва шикофҳои ноф об расонидан».

**Агар пурсанд, ки:** «Дар ғусл чанд чиз суннат аст?»

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Шаш чиз суннат аст: Аввал — шустани ду даст; Дуввум — шустани андоми ниҳонӣ; Сеюм — изола кардани наҷосат аз бадан, агар дар бадан наҷосат расида бошад; Чаҳорум — вузӯ сохтан; Панҷум — шустани ҷамеи бадан, яъне обро се маротиба ба ҷамеи бадан бирасонад; Шашум — шустани ду пой баъд аз ғусл кардан».

**Агар пурсанд, ки:** «Мӯҷиботи ғусл чанд аст?

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Панҷ аст: Аввал — инзоли манӣ ки соҳиби дафқ ва шаҳват бошад; Дуввум — иҳтилом; Сеюм — мулоқоти ду хатна; Чаҳорум — инқитоъи ҳайз: Панҷум — инқитоъи нифос».

**Агар пурсанд, ки:** «Се кас аст яки он аз ҳайз пок шуда ва яки дигар мурда ва якеро ҷанобат лозим шуда. Об панҷ ман беш нест. Ин обро ба кадоми онҳо сарф бояд кард?»

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Бингарем, ки об мулки кадоми онҳо, ҳамон ҳарҷ кунад. Агар дар миён аст, марди ҷунуб сарф намояд ва мурдаро таяммум диҳанд. Ва зани ҳоиз низ таяммум кунад ва намозро ба мард иқтидо кунад».

**Агар пурсанд, ки:** «Қадом фариза аст ки дар тахти ӯ ҳазор фариза аст?»

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Дар ғусл. Зеро ки дар тахти ҳар мӯй ҷанобат аст. Лиқавлиҳи алайҳиссалому: «Таҳта кули шаърин ҷанобатун».

**Агар пурсанд, ки:** «Палидипоккунанда кадом аст?»

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Бавл аст. Роҳи гузари маниро пок мекунад, баъд аз инзол».

**Масъала.** Норасида намози хуфтанро гузорид ва дар он шаб ӯро иҳтилом афтод. Қазои намози хуфтан бар вай лозим буд ё не?

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Лозим шавад. Зеро ки булуғ дар шаб буда ва аввал намозе ки бар вай аст хуфтан. Лекин ин хуфтанро пеш аз балоғат хондааст. Ва ин хонда ҳукми нафл аст. Бояд ки хуфтанро алоҳида қазо намояд. Ва ин масъала Муҳаммад бинни Ҳасанро воқеъ шуда будааст. Сурати масъаларо ба Имоми Аъзам раҳматуллоҳи алайҳӣ баён кардаанд. Дар ҷавоб қазо фармудаанд ва гуфтанд, ки ин кӯдак дар дин бузург хоҳад шуд ба тавфиқи оллоҳ таъоло.

**Масъала.** Ҳар ки одат дорад, ки рӯзи ҷумъа нохун гирад, то ҷумъаи дигар дар амони оллоҳ таъоло бошад, дари рӯзии ӯ фарох шавад. Ҳар ки нохуни худ боз монад, рӯзии ӯ танг шавад. Ва рӯзу шаб нохун чидан раво бошад. Агар касе мӯи зери нофро ҳалқ кунад, чӣ кор кунад? Ҷавоб: бояд, ки онро дафн кунад. Бояд, ки пеш аз чиҳил рӯз ҳалқ кунад. Агар аз

ин зиёда шавад, ба намози вай кароҳият афтад ва мӯи зери бағалро ҳалқ набояд кард. Суннат он буд, ки барканад то нури чашм зиёда шавад ва бӯи нохуш бибарад.

**Масъала.** Нохун барчида ва мӯй ҳалқ карда шуда ва хирқаи ҳайз ва дандони афтода ва хуни фасад ва амсоли онҳоро бояд ки дафн кунанд, ки ҷузъи одамӣ аст.

Назм.

Ҳафт чиз аст дар тани мардум
Дафни он аз расул маснун аст.
Он ғилофе ки кӯдак андар вай,
Он чи дар хатна кардан афзун аст.
Хирқаи ҳайз вонгаҳе зи нифос
Мӯй, дандон, нохуну хун аст.

Дар «Хабар» аст, ки ба ҳар қатраи обе ки дар ғусл кардан мечакад, ҳақ субҳона ҳува таъоло аз он қатраҳо фариштаҳо ва ҳӯрҳо ва кушкҳо дар ҷаннат офаринад. Дар «Хабар» аст, ки замин ҳар рӯзе се маротиба ба ҳазрати азза ва ҷалла шаънаҳу биноладаз бисёрии гуноҳи се тоифа: аввал аз тоифае ки хуни ноҳақ кунанд; Дуввум — аз тоифае ки такбири аввали намозро фавт кунанд; Сеюм аз тоифае ки ғусл аз ҷанобати ҳаром карда бошанд».

**Агар пурсанд, ки:** «Марди ҷанобат расида ба ҳавзи калон ғӯта зада баромадааст, пок шавад ё не? Чу об дар даҳону бинӣ карда бошад, пок бошад ва илло не. Ва ин масъаларо Мавлоно Ҳамидаддини Заририӣ аз толибилмон пурсидӣ ва илму киёсати эшонро биозмудӣ».

## Фасли чаҳорум
## Дар баёни маърифати намоз

**Агар пурсанд, ки:** «Намоз чист?»

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Фармон аст аз фармонҳои оллоҳ таъоло ва фариза аст аз фаризаҳои ӯ ва ҳеҷ кас ӯро мункир натвонад шуд. Ва ҳар ки мункир шавад, кофир гардад. Наъузу биллоҳи мин золика. Ва намоз асли ҳамаи тоатҳои худои таъоло аст азза ва ҷалла. Ва ҳар ки намозро барпой дорад, гӯё ки дини худро барпой дошта бошад. Қамо қола расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи васаллам «Ассалоту Имодуддини фа ман ақомаҳо фа қад ақомаддина ва ман таракаҳо фа қад ҳадамаддина саллу хамсакум ила охири ҳадиси». Гуфтаанд расуллуллоҳ саллаллоҳу алайҳи васаллам, ки: «Гузоред панҷ вакт намозро ва бидиҳед закоти молро ва доред рӯзаи моҳи шарифи рамазонро, дароед дар биҳишти беҳисоб». Қола расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи васаллам: «Ли кулли шайъин аламун ва аламулимони ассалоту». Гуфтанд расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи васаллам, ки: «Ҳар чизеро нишона аст ва нишонаи имон намоз аст». Қола ннабӣ саллаллоҳу алайҳи васаллам: «Саллу камо раъайтумуни»,

яъне гуфтанд набӣ алайҳиссалавоту васаллам: «Гузоред ҳамчунон ки мебинед шумоён маро ки мегузорам». Ва қола ннабӣ алайҳиссалавоту васаллам: «Ман тарака салота мутаамидан фақат кафара». Гуфтанд расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи васаллам: «Ҳар ки намоз тарк кунад амдан, ба таҳқиқ кофир мешавад». Қола расуллуллоҳ саллаллоҳу алайҳи васаллам: «Ассалоту иллассалоти кафоратун лиззунуби». Гуфтанд расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи васаллам: «Аз намоз то намоз кафорати гуноҳон аст».

Дар баёни **намози татавӯъ**. Қола расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи васаллам: «Ман салло исно ашарата ракъатан татавӯъан буня лаҳу байтун филҷаннати ва арбаъан қаблаззуҳри ва ракъатайни баъдаҳо ва ракъатайни баъдалмағриби ва ракъатайни баъдалишоъи ва ракъатайни қаблалфаҷри». Гуфт расули оллоҳ салъам: «Ҳар кӣ бигузорад дувоздаҳ ракъат намозро татавуъан бино карда бошад, мар ӯро хона дар биҳишт». Ва уламо ин дувоздаҳ ракъатро суннати муаккада мегӯянд. Ва қола расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи васаллам: «Ман салло арбаъайн қаблаззуҳри ҳаррамаллоҳу таъоло ҷасадаҳу анинноҳри». Гуфтанд расули оллоҳ саллаллоҳу алайҳи васаллам: «Ҳар ки чаҳор ракъат намозро пеш аз пешин бигзорад, ҳаром мегардонад оллоҳ таъоло ҷасади ӯро аз оташи дӯзах».

Ва қола ннабӣ саллаллоҳу алайҳи васаллам: «Ман салло арбаъан қаблаласри катабаллоҳу бароъатан анинноҳри». Гуфтанд расули оллоҳ саллаллоҳу алайҳи васаллам: «Ҳар кӣ чаҳор ракъат намозро қабл аз намози аср бигзорад, бинависад оллоҳ таъоло ӯро бароте аз дӯзах».

Ва қола ннабӣ саллаллоҳу алайҳи васаллам: «Ман аъона торика ссалоти би луқматин фа кааннамо ҳадамал Каъбата сабъина марратан», яъне ҳар ки ёрӣ диҳад бенамозеро ба як луқма, гӯё хароб кардаст хонаи Каъбаро ҳафтод бор.

Қола ннабӣ саллаллоҳу алайҳи васаллам: «Ман табассама ало ваҷҳи торики ссалоти фа ка аннамо қатала сабъина набиян», яъне ҳар ки дар рӯи бенамозе табассум кунад, гӯё ки кушта бошад ҳафтод пайғамбарро. Дар «Хабар» аст, ки гуфтаанд: «Ҳазрати Амирулмӯминин Абубакр ас-Сиддиқ разиаллоҳу таъоло анҳу гуфтаанд: «Аз шумии як бенамоз чиҳил хонаи маҳалла хароб шавад, аҷаб набошад». Ва Амирулмӯминин Умар разиаллоҳу таъоло анҳу гуфтанд, ки: «Аз шумии як бенамоз чиҳил хона вайрон шавад, аҷаб набошад». Ва Амирулмӯминин Усмон разиаллоҳу гуфтаанд, ки: «Аз шумии як бенамоз аз машриқ то ба мағриб хароб шавад, аҷаб набошад».

Қола ннабӣ алайҳиссалом: «Алҳаёю миналимони». Гуфтаанд расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи васаллам: «Ҳаё аз имон аст».

**Агар пурсанд, ки:** «Дар ду ракъат намоз чанд чиз фарз аст?»

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Дувоздаҳ чиз фарз аст: шаш даруни на-

моз, шаш беруни намоз аст. Он шаш, ки дар беруни намоз аст: Аввал — оби пок; Дуввум — ҷои пок; Сеюм — ҷомаи пок; Чаҳорум — вақт; Панҷум — ният; Шашум — қибла. Ва он шаш, ки дар даруни намоз аст; Аввал такбири таҳрима; Дуввум — қиём; Сеюм — қироат; Ҷаҳорум — рукӯъ; Панҷум — суҷуд; Шашум — қаъдаи охир нишастан миқдори Аттаҳиёт» хондан;

**Агар пурсанд, ки:** «Дар ду ракъат намоз чанд чиз воҷиб аст?»

**Ҷавоб:** «Дувоздаҳ чиз воҷиб аст: Аввал — сураи «Фотиҳа» хондан; «Дуввум — сура бо «Фотиҳа» зам кардан; Сеюм — таъин намудан ду ракъат аз барои қироат; Чаҳорум — риъояи тартиб; Панҷум — таъдили аркон, яъне ором гирифтан дар рукӯъ ва суҷуд миқдори як тасбеҳ. Ва ҳар чи гоҳе ки сар бар замин қарор гирад, фарз адо мешавад; Шашум — қаъдаи аввалӣ; Ҳафтум — «Аттаҳиёт» хондан то абдуҳу ва расулуҳу»; Ҳаштум — ба лафзи «салом» берун омадан; Нӯҳум — такбироти идайн; Даҳум — қунут хондан; Ёздаҳум — дар баландӣ баланд хондан; Дувоздаҳум — дар пастӣ паст хондан».

**Агар пурсанд, ки:** «Дар ду ракъат намоз чанд чиз суннат аст?»

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Бисту ҳашт чиз суннат аст: ҳафт дар қиём ва ҳафт дар рукӯъ ва ҳафт дар суҷуд ва ҳафт дар қаъдаи охир. Он ҳафт дар қиём аст: Аввал — ду пой бар замин мондан; Дуввум — такбири интиқолот гуфтан; Сеюм — ду дастро бар гӯш бардоштан; Чаҳорум — дасти ростро бар болои дасти чап ниҳодан; Панҷум — «аъузу биллоҳи минн ашшайтони рраҷим» гуфтан; Шашум — бисмиллоҳирраҳмонирраҳим» гуфтан; Ҳафтум — «субҳонака ллоҳума» хондан. Ва он ҳафт дар рукӯъ аст: Аввал — такбир; Дуввум — бо ду даст ду зонуро гирифтан; Сеюм — бар пушти пой нигаристан; Чаҳорум — пуштро хам кардан ба сурате ки косаи об дар пушт монанд нарезад; Панҷум «субҳона раббиялазим»-ро се мартаба гуфтан; Шашум — қадро рост кардан; Ҳафтум — самиъаллоҳу лиман ҳамидаҳ» гуфтан. Ва он ҳафт, ки дар суҷуд аст: Аввал — такбир гуфтан; Дуввум — ду дастро аз бағал дур доштан; Сеюм — шикамро аз рон дур доштан; Чаҳорум — сарро дар миёнаи ду китф ниҳодан; Панҷум — биниро пеш аз пешонӣ бар замин ниҳодан; Шашум — «Субҳона рабӣ ял ало» гуфтан; Ҳафтум — ором гирифтан дар миёни тасбеҳ.

Он ҳафт ки дар қаъда аст: Аввал — бар пои чап нишастан; Дуввум — ду дастро бар болои рон ниҳодан; Сеюм — ангуштони дастро сӯи қибла кардан; Чаҳорум — дар канори худ нигаристан; Панҷум — ангуштони дастро кушода доштан; Шашум — дар қаъдаи охир «салавот» хондан; Ҳафтум — ба нияти фариштагон салом додан».

**Агар пурсанд, ки:** «Муфсидоти намоз чанд аст?»

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Ҳафдаҳ аст: Аввал — сухан кардан дар намоз; Дуввум — роҳ рафтан; Сеюм — нолидан дар намоз; Чаҳорум — чизеро хӯрдан дар намоз, агарчи миқдори нахуд бошад; Панҷум — сурфидан дар намоз беузр; Шашум — се мартаба пай дар пай баданро хоридан дар намоз; Ҳафтум ах-ах кардан дар намоз; Ҳаштум — амали касир кардан ҳамчун камарро бастан ва банди қаборо бастан; Нӯҳум — ҷавоби атса додан; Даҳум — ҷавоби салом додан; Ёздаҳум — оҳ кардан; Дувоздаҳум — воҳ кардан; Сездаҳум — фаҳш кардан; Чаҳордаҳум — ба ҷониби чапу рост нигаристан ба гардонидани сина; Понздаҳум — фатҳаи қироат ба ғайри имом додан; Шонздаҳум — хабари фавти касеро шунида: «Қолу инно лиллоҳи ва инно илайҳи роҷиъун» гуфтан. Ҳабдаҳум тарки фарз кардан;

Дар баёни фазилати ҷамоъат қола ннабӣ саллаллоҳу алайҳи васаллам: «Ман салло хамсаталвақти биҷамоатин аътоҳуллоҳу аҷра алфа шаҳидин қутилу фӣ сабилиллоҳи собирина муқбилина ғайрамудбирина», яъне гуфтаанд набӣ саллаллоҳу алайҳӣ васаллам: «Қасе ки гузорад панҷ вақт намозро бо ҷамоъат, фардои қиёмат ато кунад ӯро оллоҳ таъоло аҷри ҳазор шаҳиде, ки кушта шуда бошанд дар роҳи худои таъоло. Дар ҳоле, ки собирин бошанд дар вай бо куфор на пасгарданда».

Ва қола ннабӣ саллаллоҳу алайҳи васаллам: «Саллиму алаляҳуди ваннасоро ва ло тусаллиму ало яуҳуди умматӣ». Қила: «Ёрасулаллоҳи мо яҳуду умматика». Қола: «Ман самиъалазона ва лояҳзҳурул — ҷамоата». Гуфтанд расуллулоҳ саллаллоҳу алайҳи васаллам: Салом кунед яҳудон ва тарсоёнро ва салом накунед бар тарсоён ва ҷуҳудони умати ман». Гуфтанд: «Ё расули оллоҳ, киёнанд ҷуҳудон ва яҳудони умати шумо?» Гуфтанд: «Ҷуҳудони умати ман касонеанд, ки бонги намозро шунаванд ва ба ҷамоъа ҳозир нашаванд».

Таммат алкитоб би ъавни маликилваҳҳоби.

3

## БИСМИЛЛОҲИРРАҲМОНИРРАҲИМ

Қола расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳӣ васаллам: «Талабулилми фаризатун ало кулли муслимин ва муслиматин», яъне расули оллоҳ таъоло чунин мефармоянд, ки: «Талаб кардани илм фариза аст бар ҳамаи мардон ва занон аз мусулмонон ва аз озод ва банда.»

Аммо мурод аз ин илм чаҳор илм аст: Аввал — илми тавҳид; Дуввум — илми намоз; Сеюм — илми рӯза; Чаҳорум — илми ҳайз ва нифос.

Бидон, ки бар ҳамаи мусулмон лозим аст, ки ин масоилро биёмӯзанд ва ёд гиранд. Имом Абӯ Ҳафзи Бухорӣ раҳматуллоҳи илайҳӣ мефармоянд, ки: «Ҳар ки намоз мегузорад ва он чи дар намоз фарз аст, ба ҷой орад ва номҳои фароиз намедонад, намозаш дуруст набошад». Бинобар он ки донистани фароизи имон ва воҷиботи имон ва шароити имон ва асли имон ва фарози ислом ва воҷиботи ислом ва суннати ислом ва мустаҳаби ислом ва фароизи намоз ва воҷиботи намоз ва суннати намоз ва мустаҳаби намоз ва фароизи таҳорат ва воҷиботи таҳорат ва мустаҳаботи таҳорат ва табоҳкунандаи таҳорат ва фароизи таяммум ва фароизи ғусл ва муҷиботи ғусл ва нияти таҳорат ва ғусл ва ниятҳои намоз ва донистани вақт ва фароизи закот ва фароизи рӯза ва фароизи ҳаҷ бар ҳамаи мусулмонон воҷиб бувад». Бинобар он ин китобро «Муҳимоти мусулмонон» ном ниҳода шуд.

Агар пурсанд, ки: «Фароизи имон чанд аст?»

Ҷавоб бигӯ, ки: «Чаҳор аст: Аввал — донистани худои таъоло; Дуввум — имон овардан ба худои таъоло; Сеюм — имонро нигоҳ доштан; Чаҳорум — имонро бо худ бурдан».

Дар баёни имон. Қола расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи васаллам: «Алимону иқрорун биллисони ва тасдиқун билқалби», яъне расулаллаиҳиссалом гуфтаанд, ки: «Имон иқрор кардан аст ба забон ва тасдиқ кардан аст ба дил».

Бидон, ки имонро шароит ва аркон ва аҳком аст.

Аммо аркон ҳафт аст: Аввал — имон овардан ба оллоҳ таъоло; Дуввум — имон овардан ба малоикаҳои вай; Сеюм — имон овардан ба китобҳои ӯ; Чаҳорум — имон овардан ба расулони ӯ; Панҷум — имон овардан ба он ки некӣ ва бадӣ ҳама аз худост азза ва ҷалла; Шашум — имон овардан ба рӯзи қиёмат; Ҳафтум — имон овардан ба ин ки зинда гардонидан баъд аз миронидан ҳақ аст. Ҳар кӣ шак орад, кофир гардад. Наъузу биллоҳи мин золик.

Бидон, ки имон овардан ба худои азза ва ҷалла он ки бидонад, ки худои таъоло ҳаст ва бошад ва бувад ва олам набуд, ӯ таъоло, қадим аст ва ҷумлагии олам махлуқи ӯст, вуҷуди ӯро ниҳоят нест ва яке аст ва ӯро анбозе нест. Аз зану фарзанд муназзаҳ аст ва бениёз аст. Ва мо бандагон мӯҳтоҷем ба хурдан ва ошомидан ва хуфтан ва бедор шудан ва монанди инҳо. Ва ҳазрати ҳақ субҳонаҳу таъоло муназзаҳ аст аз ҷамеи уюб ва мавсуф аст ба камол ва муназзаҳ аст аз нуқсон. Зоти оллоҳ таъоло ҷисм нест ва ҷавҳар нест ва замон бар ӯ ҷорӣ намешавад ва тавсиф карда намешавад ба моҳият ва тавсиф карда намешавад ба кайфият ва итлоқ карда намешавад бар ӯ ҷиҳатро ва зоти ӯ бечун ва бечигуна аст ва ҳақиқати зот ва сифоти ӯро ҷуз ӯ касе надонад ва маъдуд нест ва мураккаб аз аъзо нест ва гӯё аст бе забон ва зинда аст бе рӯҳ. Вале бе тану бепост, биност на ба чашму шунавост, на ба гӯш иродакунанда ва хоҳанда. Ва қодир аст бар ҳама мумкинот ва пайдокунандааст ҳама ашёро ӯ. Вуҷуди ӯ аз зоти ӯст. Воҷиб нест бар вай ҳеҷ чизе Ва ӯро сифате аст, ки зоид бар зоти ӯст на айни зоти ӯст ва на ғайри зот, яъне аз зоти ӯ ҷудошаванда ва он ҳашт сифот аст: Аввал — ҳаёт; Дуввум — илм; Сеюм —қудрат; Чаҳорум— басар; Панҷум — самъ: Шашум — ирода; Ҳафтум — калом; Ҳаштум — таквин. Ва ҳамаи номҳои ӯ бар ҳақ аст ва номҳои ӯ ғайримутаноҳист, ки дар таҳти адад намеояд.

Рукни имон овардан ба малоика он аст, тасдиқ кунӣ ки фариштагон бандагони худоянд ва шабу рӯз ба ибодат машғуланд ва ҳеҷ соате холӣ нестанд ва дар ибодат кардан эшонро сустӣ ва коҳилӣ нест. Қавлуҳу таъоло: «Юссабиҳуна лайла ваннаҳор ло яфтаруна».

Ва фариштагон аҷсоми нуронианд ва маъсуманд аз гуноҳи сағира ва кабира. Ва тавсиф карда намешавад эшонро ба зукурат ва унусат. Ва муназзаҳанд эшон аз таъом ва шароб ва таъоми эшонон тасбеҳ аст ва шароби эшон таҳлил ва тақдис. Ва баъзе фариштагон аз замоне ки офарида шудаанд, дар суҷудаанд ва баъзе дар қиём мондаанд. Ва чаҳор фаришта муқаррабанд: Аввал — Исрофил; Дуввум — Ҷаброил; Сеюм — Азроил; Чаҳорум — Микоил меноманд. Ва душман доштани эшонон куфр аст. Ва агар касе гӯяд: фалон бар ман ҳамчун дидори Азроил аст, агар дар дил адовати Азроил бувад, кофир

шавад. Наъузу биллоҳи мин золик. Ва фариштаро қудрат ҳаст ба шакли одамӣ муташаккил шаванд.

Рукни сеюм — имон овардан ба китобҳои оллоҳ таъоло.

**Бидон ки** имон овардан ба китобҳои оллоҳ таъоло он аст, ки ҳамаи китобҳое, ки аз осмон мунзал шудааст, бар расулони оллоҳ салаллоҳу алайҳӣ васаллам ҳама барҳақ аст ва амал кардан фариза аст ва амал кардан бар китобҳои дигар мансух аст. Ва аз он ҷумла чаҳор китоби машҳур аст: Аввал — «Забур» ба ҳазрати Довуд; Дуввум — «Таврот» ба ҳазрати Мӯсо; Сеюм — Инҷил ба ҳазрати Исо; Чаҳорум — «Қуръон» ба ҳазрати Муҳаммади Мустафо саллаллоҳу алайҳӣ васаллам,

Бояд ки имон оварда шавад ба ҳамаи китобҳои оллоҳ таъоло таъини аъдод лозим нест, зеро ки дар аъдод далели қатъӣ нест ва каломи оллоҳ таъоло иборат аз каломи нафсӣ аст ва он қадим аст ва каломи лафзӣ дар баробари ӯст. Ва каломи лафзӣ мураккаб аз ҳуруф аст ва мактуб дар масоҳиф аст ва мақрӯъ бар забонҳо ва ин ҳама ҳодис аст.

Рукни чаҳорум имон овардан ба пайғамбарони алайҳимуссалом.

**Бидон, ки** маънии имон овардан ба пайғамбарони алайҳим уссалавоту васаллам он аст, ки эътиқод кунӣ, ки пайғамбарон алайҳимуссаловоту васаллам бандагони худои таъоло ва фиристодаи ӯянд. Он чи гуфтаанд ҳама ҳақаст ва фармудаи худост. Ва ҳар як пайғамбарон алайҳимуссаловоту васаллом афзал аз замонаи худанд ва пайғамбарии худро ба мӯъҷиза исбот кардаанд. Ва дар пайғамбарии Хизр ва Зулқарнайн ва Луқмон ихтилоф аст. Ва пайғамбарон ҳама маъсуманд аз гуноҳон. Лекин эшонро гоҳо лағиши по воқеъ аст, ки онро нисбат ба ғайри онҳо гуноҳ мегӯянд.

Рукни панҷум — дар баёни имон овардан ба рӯзи қиёмат.

**Бидон, ки** имон овардан ба рӯзи қиёмат он аст, ки эътиқод намоӣ, ки қиёмат оянда аст ва дар омадани қиёмат ҳеҷ шаке нест. Қола оллоҳу таъоло: «Инна соъата отиятун лорайбафиҳо», яъне қиёмат омаданист, шаке дар омадани қиёмат нест. Зинда гардонидан баъд аз миронидан дар рӯзи қиёмат аз одамиён ва фариштагон ва парандагон ҳақ аст. Ва гӯштпора ки аз модар ҷудо гашта афтодааст, ӯро низ зинда гардонад, ки аз барои падару модар шафоъат хоҳад. Ва ҳисоб дар рӯзи қиёмат ҳақ аст, яъне ҳар амале ки дар дунё карда шудааст, онро ҳисоб аст. Ҳалолро савоб аст ва ҳаромро азоб аст. Фа ман яъмал мисқола зарратин хайран яраҳ ва ман яъмал мисқола зарратин шарран яраҳ дар он рӯз аст. Ва пули Сирот дар рӯи ҷаҳаннам кашида, ки он сӯи он биҳишт аст ва пули Сирот аз мӯй бориктар ва аз шамшер тезтар ҳақ аст. Ва дарозии он даҳ ҳазорсола роҳ аст роҳи рост ва даҳ ҳазорсола роҳи нишеб ва мизон бар ҳақ аст. Яъне санҷидани гуноҳон ва савоб ба мизон ҳақ аст, яъне касе ки палаи мизони са-

вобаш зоид ояд, аз аҳли ҷаннат аст ва касе ки палаи гуноҳаш зиёда омад, аз аҳли дӯзах аст ва аҳли ҷаннатро ба ҷаннат баранд ба эъзоз ва икром ва аҳли дӯзахро ба дӯзах баранд ба занҷиру ғулҳо андозанд. Наузу биллоҳӣ мин золик. Ва ҳақ аст ҳавзи Қавсар. Ва фардои қиёмат пайғамбар алайҳиссалом ташнагонро аз ҳавзи Қавсар об диҳад ва ёрони вай низ хоҳанд об дод.

Рукни шашум — дар баёни имон овардан ба ин ки некӣ ва бадӣ ҳама аз худост азза ва ҷалла. Ва инро имон овардан ба қадар мегӯянд. Имон ба тақдири некӣ ва бадӣ, ки аз банда ба вуқӯъ ояд, аз тақдир кардаи оллоҳ таъоло аст азза шаънуҳу. Ва касб аз бандагон аст. Аммо он чи некӣ аст, ба муроди ризои ӯст. Лекин бадиҳо ба машияти ӯст, на ба ризои ӯ. Ва тақдир андоза кардан аст ҳар махлуқро. Қавлуҳу таъоло: «Инна кулла шайин халақноҳу би қадарин», яъне ба дурустӣ, ки мо халқ кардем ҳар чизро ба андоза. Дар «Тамҳид» овардааст, ки: «Аттақдиру баҳрун амиқун ман ғамаса фиҳи залла», яъне тақдир дарёест, ки жарф. Ҳар ки хоҳад дар вай фурӯ равад, гумроҳ шавад. Ва имон овардан ба тақдир ҳақ аст.

Рукни ҳафтум — имон овардан ба зинда гардониданӣ баъд аз миронидан ҳақ аст. Ва барангехта шавад аҷсомҳо дар рӯзи қиёмат ва мазҳаби аҳли суннат ва ҷамоат ҳамин аст, ки оллоҳ таъоло устухонҳои пӯсида ва хокшуда ва ба қаъри дарё фурӯрафтаро ба қудрати комилаи худ ба маҳали аслии онҳо бирасонад ва ҳеҷ зарра ҷои аввалии худро ки дар дунё ба ҳам буданд ва ҷисми муайян буданд, кам насозад ва ҳама бо ҳам оянд ва оллоҳ таъоло рӯҳи аҷсомро, ки дар дунё дошта буданд, мавҷуд гардонад. Ва бача дар шиками модар бувад ва модари фавтшударо низ худои таъоло ба камоли қудрати худ зинда гардонад. Ҳар кӣ инкор намояд, кофир шавад. Наузу биллоҳӣ мин золик.

Ва бояд, ки имон орӣ ки рӯҳ бо бадан маҳшур хоҳанд шуд. Зеро ки дар тоъат ва маъсият ҳар ду шарик буданд ва дар ъиқоб ва савоб низ шарик бошанд. Чун амр ва наҳӣ ва ваъду ваъид тааллуқ ба ҳар ду дорад, лоҷарам ҷазо низ ба ҳар ду бошад.

**Агар пурсанд, ки:** «Тавҳид чист?»

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Оллоҳ таъолоро яке гуфтан ва яке эътиқод кардан аст».

**Агар пурсанд, ки:** «Пеш аз имон беҳ аз имон чист?

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Иноят ва ҳидояти худои таъоло».

**Агар пурсанд, ки:** «Дар имон беҳ дар имон чист?»

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Доштани имон аст».

**Агар пурсанд, ки:** «Баъд аз имон беҳ аз имон чист?»

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Дидори бечуни ҳақ субҳонаҳу ва таъолоро дидан».

**Агар пурсанд, ки:** «Имон бар холиқ аст ё бар махлуқ?»

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Ҳам бар холиқу ҳам бар махлуқ. Ва он ки бар холиқ «ло илоҳа иллаллоҳ» аст ва оне ки бар махлуқ аст «Муҳаммадун расуллулоҳ».

**Агар пурсанд, ки:** «Имон фарз аст ё суннат?»

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Имон бар кофирон фарз аст ва бар мӯминон суннат. Зеро ки дар имтисоли амр бо он ҳама баробаранд. Ва он ки имон овард, адои фарз кард. Пас фарз аз мӯминон бар ҷо омада ва расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи васаллам фармуда, ки, «Ҷаддиду имонакум». Қила: «Ё расулаллоҳ, кайфа нуҷаддиду имонано?» Қола: «Уксуру ло илоҳа илоллоҳ» яъне расули худо саллаллоҳу алайҳи васаллам фармудаанд, ки: «Тоза кунед, имони худҳоро». Гуфтанд: «Чигуна тоза кунем?» Гуфтанд: Бисёр гӯед калимаи «ло илоҳа иллаллоҳу»-ро ба ҳар боре ки «ло илоҳа иллаллоҳу» гуфта шавад, имон тоза шавад ва бо ин наҳв имонро тоза кунад, суннат аст».

**Агар пурсанд, ки:** «Амали имон чист?»

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Намозу рӯза ва ҳаҷ ва закот ва соири тоъот, ки аз банда ба вуҷуд ояд.

**Агар пурсанд, ки:** «Усули дин бар чанд навъ аст?»

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Бар ҳашт навъ аст: Аввал — тавҳид, яъне ба ягонагии оллоҳ таъоло гувоҳӣ додан ва яке эътиқод кардан ва яке гуфтан ва яке донистан; Дуввум — адл, яъне ба худ ростиро пеша кардан; Сеюм — имомат, яъне кори охиратро бар кори дунё муқаддам донистан; Чаҳорум — нубуввват, яъне нубуввати расули оллоҳ саллалоҳу алайҳи васалламро бархақ донистан; Панҷум — амри маъруф, яъне амри оллоҳ таъолоро ба ҷой овардан ва ба дигаре низ амр намудан, ки ин амри оллоҳ таъоло бояд ки бар ҷой орӣ; Шашум — наҳйи мункар, яъне дур будан аз чизе ки наҳӣ кардаст оллоҳ таъоло ва дигареро наҳӣ намудан, ки ин манҳӣ аст аз ҷониби оллоҳ таъоло. Бояд ки дур шавад. Ҳафтум — табарро, яъне душманони худои таъолоро душман доштан; Ҳаштум — тавалло, яъне дӯстони худои таъолоро дӯст доштан».

**Агар пурсанд, ки:** «Сифоти худои таъоло чанд аст?»

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Даҳ аст. Ҳашти он сабутӣ аст ва дуи он салбӣ. Ва он чи сабутӣ аст: Аввал — эътиқод кунад, ки худои таъоло олим аст, яъне доно аст; Дуввум — зинда хаст, яъне ҳаргиз намирад; Сеюм — қодир аст, яъне тавоност. Чаҳорум — шунаво аст на ба гӯш; Панҷум — биност на ба чашм; Шашум — гӯё аст на ба забон; Ҳафтум — иродат, яъне ҳар чиро хост кард ва хоҳад бикунад; Ҳаштум — таквин, яъне ба вуҷудорандаи ҳар чи хоҳад аз катми адам.

Аммо он ду ки салбӣ аст: Аввал — он ки оллоҳ таъоло айб надорад; Дуввум — он ки оллоҳ таъоло шарик надорад, ки ло шарикалиллоҳӣ».

**Агар пурсанд, ки:** «Қалъаи имон чанд аст?»

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Се аст: Аввал он ки мӯмин олим бошад ба фароизи имон; Дуввум он ки олим бошад ба воҷиботи имон; Сеюм — он ки олим бошад ба сунани имон. Пас ҳар мӯмин ки олим бошад ба ин се илм, қалъаи имони ӯ дуруст бошад».

**Агар пусранд, ки:** Қорӣ кист ва омӣ кист?»

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Қорӣ он аст, ки қироати он мувофиқи таълими уламои қуро бошад. Ва омӣ он ки қироати он мувофиқи таълими уламои қуро набошад. Пас намози корӣ ба омӣ раво набошад».

**Агар пурсанд ки:** «Нуқсони имон чанд аст?»

**Ҷавоб бигӯ ки:** «Се аст: Аввал — куфр варзидан; Дуввум — шак овардан; Сеюм — дар мӯътақадот шак овардан».

**Агар пурсанд, ки:** «Куфр дар луғат чист?»

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Куфр дар луғат пӯшидан аст ва дар истилоҳи аҳли шаръ пӯшандаи имон аст. Дар «Ҷавоҳир-ал-ислом» овардааст, ки куфр пӯшандаи ҳамаи ҳаққҳост ва ҳақ донистани ҳамаи ботилҳо». Агар касе такаллум кунад ба калимаи куфр ва медониста бошад, ки ин калима куфр аст ва эътиқод кунад ба маънии он, пас ба дурустӣ ки он кофир шавад. Наузу биллоҳӣ мин золик. Агар касе калимаи куфр бар забон ронад ва донад ки ин калима куфр аст ва эътиқод бикунад. Лекин гӯяд: ин калимаи куфрро ҳазлан гуфтаам, кофир шавад. Наузу биллоҳӣ мин золик. Ва агар калимаи куфр бар забон ронад, хато гуфта бошад, афв аст».

**Агар пурсанд, ки:** «Дар намоз хондан чанд чиз фарз аст?»

**Ҷавоб бигӯ ки:** «Ҳафт чиз фарз аст: Аввал — донад ки кадом намозро мегузорад; Дуввум — донад, ки чанд ракъат мегузорад; Сеюм — донад, ки адо мегузорад ё қазо; Чаҳорум — донад, ки фарз мегузорад ё нафл; Панҷум — донад, ки танҳо гузоридааст ё ба ҷамоат; Шашум — донад, ки рӯй ба қибла овардааст; Ҳафтум — холисан лиллоҳӣ гузорад».

**Агар пурсанд, ки:** «Зинати таҳорат чанд аст?»

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Ҳафт аст: Аввал — таҳорати сар аст, яъне пок дорад сари худро аз ҳаво ва ҳавас; Дуввум — таҳорати қалб аст, яъне пок дорад дили худро аз ҳасад; Сеюм — пок дорад даҳони худро аз ғайбат ва дурӯғ гуфтан; Чаҳорум — таҳорати зоҳир аст, яъне зоҳири худро пок дорад; Панҷум — таҳорати ботин аст, яъне ботини худро аз ҳаром пок дорад; Шашум — таҳорати шаръ аст, яъне бояд, ки таҳорати худро вафқи шаръ ба ҷо орад; Ҳафтум — таҳорати чашм аст. Бояд ки чашми худро аз назораи номаҳрам ва фасод нигоҳ дорад, ки назари чашм ба номаҳрам зинои чашм аст, ки алайнони тазниён аст.

**Агар пурсанд, ки: «Зани ҳоизаро дар ҳолати ҳайз чанд чиз манҳӣ аст?».**

Ҷавоб бигӯ, ки: «Ҳашт чиз манҳӣ аст: Аввал — он ки калимаи тайибаро бар забон наронад; Дуввум он ки намоз нахонад; Сеюм он ки рӯза надорад; Чаҳорум — он ки «Қуръон» нахонад; Панҷум он ки хат нанависад; Шашум — тавофи хонаи Каъба накунад; Ҳафтум — он ки ҷимоъ накунад; Ҳаштум он ки духули масҷид накунад».

Агар пурсанд, ки: «Қавма ва ҷалса чист?»

Ҷавоб бигӯ, ки: «Қавма он аст, ки баъд аз тасбеҳи рукӯъ «Самиъаллоҳу ли ман ҳамидаҳ» гӯён қомати худ рост кунад ва миқдори як тасбеҳ рост истода таваққуф намудан. Ва ҷалса он аст, ки дар миёни ду саҷда қомати худро рост намуда таваққуф намояд».

Агар пурсанд, ки: «Фарз будани таҳорат ба кадом оят собит шудааст»?

Ҷавоб бигӯ, ки: «Ба ин оят собит шудааст ки: «Ё айю ҳаллазина оману иза қумтум илассалоти фағсилу вуҷӯҳакум ва айдиякум илал марофиқи ваамсаҳу бируусикум ва арҷуллакум илал каъбайни».

Агар пурсанд, ки: «Фарзи қоимӣ ва доимӣ кадом аст?»

Ҷавоб бигӯ, ки «Фарзи қоимӣ панҷ вақт намоз аст. Ва фарзи доимӣ зикри худои таъоло бисёр гуфтан аст».

Агар пурсанд, ки: «Ақл фозилтар аст ё илм?»

Ҷавоб бигӯ, ки: «Илм фозилтар аст. Зеро ки илм дар ҳама корҳо мӯҳтоҷи илайҳӣ аст ва ақл ходими илм аст. Қадр ва манзалати ходим ба қадр ва манзалати махдум аст».

Агар пурсанд, ки: «Дар дурраро аз ғилоф баркашидан чӣ мехонӣ?»

Ҷавоб бигӯ, ки: «Ин оятро мехонам, ки қавлуҳу таъоло: «Инналлазина оману ва омилу солиҳоти инно ло нузиъу аҷраман аҳсана амалан».

Агар пурсанд, ки: «Дар дурра задан чӣ мехонӣ?»

Ҷавоб бигӯ, ки: «Ин оят мехонам, ки қавлуҳу таъоло: «Ва конанлоҳу ало кулли шайъин қадиран».

Агар пурсанд, ки: «Дурра аз кадом пӯст аст?»

Ҷавоб бигӯ, ки: «Аз пӯсти гӯсфанди Ҳазрати Исмоил аст».

Агар пурсанд, ки: «Қибла дар асл чанд аст?»

Ҷавоб бигӯ, ки: «Панҷ аст: Аввал — қиблаи арш аз нур аст ва ӯ қиблаи ҳомилон; Дуввум — қиблаи курсӣ аст, ки аз забарҷад аст ва он қиблаи каррубиён аст; Сеюм — байтулмаъмур ки аз зумурад аст ва он қиблаи фариштагон аст; Чаҳорум — байтулмукаддас, ки аз ёқути сурх аст ва ӯ қиблаи пайғамбарон аст; Панҷум — байтулоллоҳ, яъне хонаи Қаъба, ки аз санг аст ва он қиблаи мӯминон аст. Тан дар мехроб меистад ва ҷон дар Қаъба ва хирад дар байтулмаъмур. Ва феъл дар курси ва дил дар арш. Ҳар кӣ ин масъаларо надонад, имоматии ӯ дуруст набошад. Ривоят аст аз Имоми Аъзам раҳматуллоҳи алайҳ гуфтаанд, ки ҳар кӣ ин чаҳор масъаларо надонад, имоматии ӯ ду-

руст набошад. Аввал аз имом пурсанд, ки имоми мо туй ва имоми ту кист? Имом гӯяд, ки имоми ман «Қуръон» аст; Дуввум — гӯянд: мо ба ту иқтидо мекунем, ту ба кӣ иқтидо мекунӣ? Гӯяд, ки: ман ба «Қуръони маҷид»; Сеюм он ки намози мо ба ту дуруст мешавад, намози ту ба кӣ дуруст мешавад. Гӯяд, ки: «Намози ман ба илми худои таъоло ва шариати расули оллоҳ саллаллоҳу алайҳи васаллам дуруст мешавад; Чаҳорум он ки намози мо мегузорӣ ё намози хеш. Гӯяд. ки: «Ноиби қавмам ва гузорандаи намози хешам».

**Агар пурсанд, ки:** «Имоматиро чанд фазилат аст?»

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Даҳ фазилат аст: Аввал он ки дар «Қуръон» хондан лаҳн накунад; Дуввум такбирро баланд гӯяд; Сеюм рукӯъ ва суҷудро ба қавма ва ҷалса ба ҷой орад; Чаҳорум аз ҳаром ва шубҳа худро нигоҳ дорад; Панҷум — ҷомаи худро нек нигоҳ дорад; Шашум — қироатро миқдори тоқати фурӯтарин қавми худ адо намояд; Ҳафтум — узрбро аз худ дур намояд; Ҳаштум — пеш аз қавм ба масҷид дарояд ва баъд аз қавм аз масҷид берун ояд; Нӯҳум қавмро омурзиш хоҳад, ки ӯ шафеъи қавм аст; Даҳум — қавмро тавозуъ намояд, ки дӯстӣ бияфзояд ва баъд аз итмоми намоз ҳамаи мӯминонро дуо намояд. Агар худро танҳо дуо кунад, хиёнат карда бошад».

**Агар пурсанд, ки:** «Муаззинро чанд чиз лозим аст?»

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Се чиз лозим аст: Аввал — шинохтани вақт; Дуввум — нигоҳ доштани ҳалқ аз ҳаром; Сеюм — ба сидқ ва ихлос ва тавозӯъ будан дар ҳама аҳвол бо қавм, то ки муҳаббати қавм зиёда гардад ва аз ваҷҳи муаззинӣ тамаъ нанамояд ва масҷидро покиза нигоҳ дорад».

**Агар пурсанд, ки:** «Чанд фирқа муаззинӣ нашояд?»

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Ҳафт фирқа муаззиниро нашояд: Аввал — тӯҳматкунанда; Дуввум — тӯҳмат карда шуда; Сеюм — каззоб; Чаҳорум — ғайбаткунанда; Панҷум — хамрхӯр; Шашум — рустоӣ; Ҳафтум — фосиқ».

**Агар пурсанд, ки:** «Дар калимоти азон чанд ҷой бими куфр аст?»

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Дар даҳ ҷой хавфи куфр аст: Аввал — «ҳамзаи» «оллоҳро» мад кашад; Дуввум — «бои» «акбарро» мад кашидан; Сеюм — «ашҳад»-ро «ашҳод» гуфтан; Чаҳорум — «ҳои» «ашҳадро» «ҳо» хондан; Панҷум — «ло илоҳа илаллоҳуро» бе ташдид хондан; Шашум — «ҳайа ало ассалават»-ро «ҳаё ало ассалават» хондан; Ҳафтум — «хайа ало ассалавот» хондан; Ҳаштум — «ҳай ало ассалоҳ»-ро «ҳайа ало ал-фалоҳ» хондан; Нӯҳум — «ҳайа ало алфалоҳ»-ро «ҳайа алфалоҳ» хондан; Даҳум — «ҳайа ало ассалаҳ»-ро беташдид хондан».

**Агар пурсанд, ки:** «Нияти ғусл кадом аст?»

**Ҷавоб бигӯ, ки:** Ин аст, ки: «Навайту ан ағтасила ғуслан **минал ҷанобати рафъан лилҳадаси таҳоратан лилбадани вастибоҳатан ли солоти тақаррубан илаллоҳи таъоло».**

**Агар пурсанд, ки:** «Воҷиботи ғусл чанд аст?»

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Даҳ аст: Аввал — об дар даҳон кардан; Дуввум — обро дар бинӣ кардан; Сеюм — дар гӯшаҳои чашм об расонидан; Чаҳорум — дар зери нохун расонидан; Панҷум — дар мавзиъи истинҷо об расонидан; Шашум — истинҷо дар ҷои хилват намудан; Ҳафтум — исроф накардан; Ҳаштум — ба дасти рост накунад; Нӯҳум — нафс аз васвасаи шайтонӣ нигоҳ доштан; Даҳум — рӯй ба қибла истинҷо накардан».

**Агар пурсанд, ки:** «Қадом ҷанобат аст, ки ғусл воҷиб нест?»

**Ҷавоб:** «Зани ҷунубшуда ки қабл аз ғусл ҳайз дид то модоме, ки аз хайз пок нашавад, аз он ҷанобат ғусл кардан воҷиб нест».

**Агар пусанд, ки:** «Истинҷо бар чанд навъ аст?»

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Бар нӯҳ навъ аст: чаҳор фарз аст ва яке воҷиб ва яке суннат ва яке мустаҳаб ва яке эҳтиёт ва яке бидъат. Он чаҳоре ки фарз аст: Аввал-зане ки аз ҳайз пок шавад; Дуввум — зане, ки аз нифос пок шавад; Сеюм — касе ки ҷанобат расида бошад; Чаҳорум — баъд аз ғайбати ҳашфа дар қубул, агарчанде ки инзол нашуда бошад. Ва он яке воҷиб аст он аст, ки дар мавзеъи истинҷо зиёда аз қади дирҳами шаръӣ наҷосат боқӣ бошад. Ва он яке суннат аст, он аст, ки наҷосат кам аз дирҳами шаръӣ ва оне ки мустаҳаб аст, баъд аз бавл кардан».

**Агар пурсанд, ки:** «Истинҷои хокӣ бар чанд навъ аст?»

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Дувоздаҳ навъ аст: Шаши ӯ ҷоиз аст ва шаши ӯ ноҷоиз. Ва он шаш, ки ҷоиз аст: Аввал — кулух; Дуввум — хок; Сеюм — санг; Чаҳорум — намад; Панҷум — пахтаи кӯҳна; Шашум — ҳар чизе ки аз ҷинси замин бошад. Ва он шаш, ки ноҷоиз аст: Аввал — хишти пухта; Дуввум — алаф; Сеюм — саргин; Чаҳорум — устухон; Панҷум — ангишт; Шашум — намак».

**Агар пурсанд, ки:** «Истинҷо ва истинқо ва истибро кадом аст?»

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Истинҷо шустани андоми ниҳонӣ бувад. Ва истинқо се бор дасти худро ба кулух молидан аст, то ки бӯи наҷосат биравад. Ва истибро гувоҳӣ додани дил аст ба покӣ».

**Масъала.** Мусулмоне дар миёни ду фариза мубтало шуд. Сатри аврат фариза аст ва изола кардани наҷосат низ фарз бувад. Бояд ки нигарандагонро гӯяд, ки рӯй бигардонед, то вай ба кори худ бошад. Агар эшон рӯй нагардонанд, базахкор шаванд.

**Масъала.** Агар касе намоз мегузорад бо ӯ дирҳам аст, ҳар ду тарафи вай наҷас шуда. Саҳеҳ он аст монеи ҷавози салавот нест.

**Масъала.** Чун шустан оғоз кунад, аввал қубул бишӯяд ё дубур. Назди Имоми Аъзам, аввал дубур бишӯяд, баъд аз он қубул бишӯяд, ва назди соҳибайн, аввал қубул шӯяд, баъд аз он дубур.

**Фатво.** Ба қавли Имоми Аъзам, зеро ки шустани дубур аҳам аст аз он ки суннат аст ва шустани қубул мустаҳаб аст. Пас суннат муқаддам бар мустаҳаб.

**Агар пурсанд, ки:** «Дар ҳолати ҳайз намозу рӯза нест. Баъд аз он пок шавад, қазо бошад ё на?»

**Ҷавоб бигӯ, ки:** Рӯзаро қазо бошад ва намозро не. Ва ҳукми шаръ ҳамин аст».

**Агар пурсанд, ки:** «Дар таяммум чанд чиз фарз аст?»

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Чаҳор чиз фарз аст: Аввал — ният; Дуввум — қасди хоки пок; Сеюм — як зарб задан аз барои рӯй; Чаҳорум — як зарб задан аз барои ду даст маъ оринҷ».

**Агар пурсанд, ки:** «Дар намози ҷаноза таяммум чигуна бояд сохт?»

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Вақте ки ҷанозаро бар замин монанд, баъд аз он таяммум бояд сохт. Аммо агар қабл аз ҷаноза, таяммум ҷоиз набувад».

**Агар пурсанд, ки:** «Масофат чанд бошад то ба таяммум намоз раво бошад».

**Ҷавоб бигӯ, ки:** Ба қавли Имом Муҳаммад раҳматуллоҳ алайҳи, агар муқим шуд, ду мил ва агар мусофир шуд, як мил. Ҳасан ибни Зиёд раҳматуллоҳ алайҳи гуфтаанд, ки: «Агар об дар пеши вай аст, ки меравад, бояд ки ду мил бошад. Ва агар ба тарафи ямин ё ясор ё қафо бошад, бояд ки як мил бошад». Аммо зоҳир-ар-ривоята он аст, ки ҳар тараф ки бошад, дурии як мил кифоя аст. Аксари уламо бар инанд. Ва мил сеяки фарсанг аст. Ва фарсанг дувоздаҳ ҳазор қадам аст ва мил чаҳор ҳазор қадам аст».

**Агар пурсанд, ки:** «Бандаи кӣ мебошӣ?»

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Бандаи худо».

**Агар пурсанд, ки;** «Умматн кӣ мебошӣ?»

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Уммати Ҳазрати Муҳаммад Мустафо саллаллоҳу алайҳи васаллам».

**Агар пурсанд, ки:** «Маънии уммат чист?»

**Ҷавоб бигӯ, ки:** «Қавми пайравикунандаи пайғамбар алайҳиссалом».

**Агар пурсанд, ки:** Ҳазрати расули акрам саллаллоҳу алайҳи васалламро чигуна мешиносӣ?»

**Ҷавоб бигӯ, ки:** Муҳаммад расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи васаллам бандаи худоянд ва пайғамбари ӯянд ба сӯи халқ аз барои расонидани аҳкоми шариъат Муҳаммад бинни Абдуллоҳ бинни Ҳошим бинни Абдумуталиб бинни Абдуманоф бинни Қусай. Ва Муҳаммад расули оллоҳ саллаллоҳу алайҳи васаллам ба начобати модар бинни Омина бинти Ваҳҳоб бинни Абдуманоф бинни Заҳра бинни Қалон».

**Агар пурсанд, ки:** «Ту аз кадом миллатӣ?»

Ҷавоб бигӯ, ки: «Аз миллати Иброҳим Халилуллоҳ, яъне милати Ҳаниф Иброҳим Халилуллоҳ алайҳи ва ало набийис салом, ки миллати ислом аст».

Агар пурсанд, ки: «Ёри биҳиштӣ киёянд?»

Ҷавоб бигӯ, ки:

«Даҳ ёри биҳиштианд, медон:
Бӯбакру Умар, Алию Усмон,
Саъд асту Саъиду Буубайда,
Талҳасту Зубайру Абдураҳмон».

Агар пурсанд, ки: «Қиёнанд нӯҳ ҷуфти Набӣ, ки поканд ҳама. Буд Оиша, Хадича ва Мӯҳтарама бо Умми Ҳабиба Ҳафиза буду Зайнаб, Маймуна, Сафия буда Умми Салмо».

Дар баёни дуо ва салавоте, ки дар оғоз хонда мешавад, ин аст:

«Субхонакаллоҳумма вабиҳамдика ва таборакасмука ва таъоло ҷаддука ва ло илоҳа ғайрука.

Аттаҳиёту лиллаҳи вассалавоту ваттаиботу ассалому алайка айюҳаннабию ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳ ассалому алайно ва ало ибодиллоҳи ассолиҳин. Ашҳаду ан ло илоҳа иллаллоҳу ва ашҳаду анна Муҳаммада абдуҳу ва расулуҳу. Оллоҳума салли ало Муҳаммадин ва ало оли Муҳаммадин камо саллайта ало Иброҳима ва ало оли Иброҳима иннака ҳамидун маҷидун. Оллоҳума борик ало Муҳаммадин ва ало оли Муҳаммадин камо боракта ало Иброҳима ва ало оли Иброҳима иннака ҳамидун маҷидун. Оллоҳума иностаъинука ва настағфирука ва нӯмину бика ва натава каллу алайка ва нусни алайка алхайра нашкурука ва ло накфурука ва нахлаъу ва натруку ман яфҷурука. Оллоҳума иёка наъбуду ва лана нусалли ва насҷуду ва илайка. Насъо ва наҳфиду ва нарҷураҳматика ва нахшо азобака инна азобака билкуффор мулҳиқ».

Нияти намозҳои фарз, ки ба имом иқтидо карда мешавад, ин аст:

«Оллоҳумма инни уриду ан усалия фарза алвақти мутобиъан лиҳоза имомӣ холисаллилоҳи таъоло Аллоҳу акбар.»

Нияти нафл ва суннат ин аст:

«Оллоҳума инни уридуссалавота фаяссирҳо ли ва тақаббалҳо минни».

Нияти намози витр ин аст:

«Оллоҳума инни уриду ан усаллия витралвақти фаяссируҳо ва тақаббалҳо минни».

Нияти намози ҷаноза ин аст:

«Оллоҳумма инни уриду ан усаллия лака ҳозассалота лиҳазал майита фаяссируҳу ли ва тақаббалаҳу минни».

Нияти намози ид:

«Оллоҳумма инни уриду ан усаллия салотаалиди фа яссируҳу ли ва тақаббалҳу миннни».

Нияти намози ҷумъа:

«Оллоҳумма инни уриду салоталҷумъа фаяссирҳо ли ва тақаббалҳо минни».

Ин ҷумла ниятҳоро дар китоби «Шаман» зикр намудаанд. Дар «Салавоти Масъудӣ» овардаанд, ки «Фариштагон аз барои мӯминон омурзиш мехоҳанд, бояд ки доим бо таҳорат бошанд ва мунтазири намоз бошанд».

## 4

## БИСМИЛЛОҲИРРАҲМОНИРРАҲИМ

Ҳамди беҳад мар худои покро,
Он ки ҷон бахшид мушти хокро.
Он ки дар одам дамид ӯ рӯҳро,
Дод аз тӯфон наҷот ӯ Нӯҳро.
Он ки фармон кард қаҳраш бодро,
То сазое дод қавми одро.
Он ки лутфи хешро изҳор кард,
Бар халилаш норро гулзор кард.
Он худованде ки ҳангоми саҳар
Кард қавми лутро зерузабар.
Сӯи ӯ хасме,
ки тир андохтӣ,
Пашшае кораш кифоят сохтӣ.
Он ки аъдоро ба дарё даркашид,
Ноқаро аз санги хоро баркашид.
Чун иноят қодири қайюм кард,
Бар кафи Довуд оҳан мум кард.
Бо Сулаймон дод мулки сарварӣ,
Шуд мутеи хотамаш деву парӣ.
Он яке пӯшида санҷобу самур,
В-он дигар хуфта бараҳна дар танур.
Он яке бар бистаре кимхобу нах,
Дигаре ба хоку хоре баста ях.
Турфатулайне ҷаҳон барҳам занад,
Қас наметонад,
ки он ҷо дам занад.
Он ки бо мурғи ҳаво моҳӣ диҳад,
Бандагонро давлати шоҳӣ диҳад,
Бе падар фарзанд пайдо ӯ кунад,
Тифлро дар маҳд гӯё ӯ кунад,
Мурдаи садсоларо ҳай мекунад,
Ин ба ҷуз ҳақ дигаре кай мекунад.
Сонее к-аз тийн салотин мекунад,
Наҷмро раҷми шаётин мекунад.
Аз замини хушк рӯёнад гиёҳ,
Осмонро бесутун дорад нигоҳ,
Ҳеҷ кас дар мулки ӯ анбоз не,
Қавли ӯро лаҳн не, овоз не.

## ДАР ИЗҲОРИ НАЪТИ САЙИДУЛМУРСАЛИН

Баъд аз ин гӯям дуруди Мустафо,
Он ки олам ёфт аз нураш сафо.
Сайдиулкавнайн,
хатмулмурсалин,
Охир омад,
буд фахрулаввалин.
Он ки омад нӯҳ фалак меърочи ӯ,
Анбиёву авлиё мӯҳточи ӯ.
Шуд вуҷудаш раҳмати лилоламин,
Масҷиди ӯ шуд ҳама рӯи замин.
Садҳазорон раҳмати ҷонофарин,
Бар ваю бар оли поки Тоҳирин.
Он ки шуд ёраш Абӯбакру Умар,
Аз сари ангушти ӯ шақ шуд қамар.
Он яке ӯро рафиқи ғор буд,
В-он дигар лашкаркаши аброр буд.
Соҳибаш буданд Усмону Алӣ,
Бахри ӯ гаштанд дар олам валӣ.
Он яке кони ҳаёву ҳилм буд
В-он дигар боби мадина илм буд.
Он расули ҳақ хайруннос буд,
Амми покаш Ҳамзаву Аббос буд.
Ҳар дам аз мо сад дуруду сад салом
Бар расулу оли асҳобаш тамом.

## ДАР ФАЗИЛАТИ АИМАИ ДИНИ МУҶТАҲИДИН РАҲМАТУЛЛОҲИ АЛАЙҲИ

Он имомоне,
ки карданд иҷтиҳод,
Раҳмати ҳақ бар равони ҷумла бод.
Бӯҳанифа буд имоми босафо,
Он сироҷи умматони Мустафо.
Бод фазли ҳақ қарини ҷони ӯ,
Шод бод арвоҳи шогирдони ӯ.
Соҳибаш Буюсуфи қозӣ шуда
В-аз Муҳаммад зулманин розӣ шуда.
Шофеъӣ Идрис Молик Бозфар,
Ёфт з-эшон дини Аҳмад зебу фар.
Аҳмади Ҳанбал,
ки буд ӯ марди ҳақ,
Дар ҳама чиз аз ҳама бурда сабақ.
Рӯҳашон дар садри ҷаннат шод бод,
Қасри дин аз илмашон обод бод.

## МУНОҶОТ БА ҶАНОБИ МУҶИБУДДАЪАВОТ

Подшоҳо, ҷурми моро даргузор,
Мо гунаҳгорем, ту омурзгор.
Ту накӯкорию мо бадкардаем,
Ҷурми беандоза беҳад кардаем.
Солҳо дар банди исён гаштаем,
Охир аз карда пушаймон гаштаем.
Доимо, дар фисқу исён мондем,
Ҳамкарини нафси шайтон мондаем.
Рӯзу шаб андар маъосӣ будаем,
Ғофил аз амру навоҳӣ будаем.
Бе гунаҳ нагзашт бар мо соате,
Бо ҳузури дил накарда тоъате.
Бар дар омад бандаи бигрехта,
Обрӯи худ дар исён рехта.
Мағфират дорам умед аз лутфи ту,
З-он ки худ фармудаӣ: «ло тақнату».
Баҳри алтофи ту бепоён бувад,
Ноумед аз раҳматат шайтон бувад,
Нафси шайтон зад каримо роҳи ман,
Раҳматат бошад шафоъатхоҳи ман.
Чашм дорам аз гунаҳ покам кунӣ,
Пеш аз он к-андар лаҳад хокам кунӣ,
Андар оң дам к-аз бадан ҷонам барӣ
В-аз ҷаҳон бо нури имонам барӣ.

## ДАР БАЁНИ МУХОЛИФАТИ НАФСИ АММОРАҲ

Оқил он бошад, ки ӯ шокир бувад
В-он гаҳе бар нафси худ қоҳир бувад.
Ҳар ки хашми худ фурӯ хӯрд эй ҷавон,
Бошад ӯ аз растагорони ҷаҳон.
Он бувад аблаҳтарини мардумон,
Қ-аз паи нафсу ҳаво бошад давон.
В-он гаҳе пиндорад он торикрой
Хоҳад омурзиданаш охир худой.
Гарчӣ дарвешӣ бувад сахт, эй писар,
Ҳам зи дарвешӣ набошад хубтар.
Ҳар кӣ ӯро нафси тавсан ром шуд,
Аз хирадмандони некӯном шуд.
Бар муроди нафс то гардӣ асир,
Сабр бигзину қаноат пеша гир.
Дар риёзат нафси бадро гӯшмол
То наяндозад туро андар вубол
Ҳар ки хоҳад, то саломат монад ӯ,
Аз ҷамеи халқ рӯ гардонад ӯ.

Мардумонро сар ба сар дар хоб дон,
Гашт бедор он ки ӯ рафт аз ҷаҳон.
Он ки ӯ ранҷонадат, узраш пазир,
То биёбӣ мағфират бар вай магир.
Ҳақ надорад дӯст халқозорро,
Нест ин хислат яке диндорро.
Аз ситам ҳар кӯ дилеро реш кард,
Он ҷароҳат бар вуҷуди хеш кард.
Он ки дар банди дилозорӣ бувад,
Дар уқубат кори ӯ зорӣ бувад.
Эй писар, қасди дилозорӣ макун
В-аз худои хеш безорӣ макун.
Хотири касро маранҷон,
эй писар,
Варна хӯрда захм бар ҷон, эй писар.
Номи мардум ҷуз ба некӯӣ мабар,
Гар ҳамехоҳӣ,
ки гардӣ мӯътабар.
Қуввати некӣ надорӣ, бад макун,
Бо вуҷуди худ ситам беҳад макун.
Рав, забон аз ғайбати мардум бубанд,
То набинӣ даступои худ ба банд.
Ҳар кӣ аз ғайбат забонаш баста нест,
Онҷунон кас аз уқубат раста нест.

## ДАР БАЁНИ ФАВОИДИ ХОМӮШӢ

Эй бародар, гар ту ҳастӣ ҳақталаб,
Ҷуз ба фармони худо макшой лаб.
Гар хабар дорӣ зи ҳайи лоямут,
Бар даҳони худ бинеҳ муҳри сукут.
Эй писар,
панду насиҳат гӯш кун,
Гар наҷоте боядат хомӯш кун.
Ҳар киро гуфтор бисёраш бувад,
Дил даруни сина бемораш бувад.
Оқилонро пеша хомӯшӣ бувад.
Пешаи ҷоҳил фаромӯшӣ бувад.
Хомӯшӣ аз кизбу ғайбат воҷиб аст,
Аблаҳ он ки ӯ ба гуфтан роғиб аст.
Эй бародар, ҷуз санои ҳақ магӯ,
Қавли худро аз барои дақ магӯ.
Ҳар кӣ дар банди иморат мешавад,
Ҳарчи дорад, ҷумла ғорат мешавад.
Дил зи пур гуфтан бимирад дар даҳан,
Гарчи гуфтораш бувад дурри Адан.

Он ки саъй андар фасоҳат мекунад,
Чеҳраи дилро ҷароҳат мекунад.
Рав, забонро дар даҳон маҳбус дор
В-аз халоиқ хешро маъюс дор.
Ҳар кӣ ӯ бар айби худ бино шавад,
Рӯҳи ӯро қуввате пайдо шавад.

## ДАР БАЁНИ АМАЛИ ХОЛИСАН ЛИЛЛОҲ

Ҳар ки бошад аҳли имон эй азиз,
Пок дорад чор чиз аз чор чиз.
Аз ҳасад аввал ту дилро пок дор,
Хештанро баъд аз он мӯмин шумор.
Пок дор аз кизбу аз ғайбат забон,
То ки имонат наяфтад дар зиён.
Пок агар дорӣ амалро аз риё,
Шамъи имони туро бошад зиё.
Чун шикамро пок дорӣ аз ҳаром,
Марди имондор бошӣ вассалом.
Ҳар кӣ дорад ин сифат, бошад шариф
В-ар надорад, дорад имони заиф.
Ҳар кӣ ботин аз ҳаромаш пок нест,
Рӯҳи ӯро раҳ сӯи афлок нест.
Чун набошад пок аъмол аз риё,
Ҳаст беҳосил чу нақши бӯриё.
Ҳар киро андар амал ихлос нест,
Дар ҷаҳон аз бандагони хос нест.
Ҳар ки кора аз барои ҳақ бувад,
Қори ӯ пайваста бо равнақ бувад.

## ДАР СИРАТИ МУЛУК

Чор хислат, эй бародар, дар ҷаҳон
Подшоҳонро ҳаме дорад зиён.
Подшаҳ чун бар мало хандон бувад,
Бегумон дар ҳастиаш нуқсон бувад.
Боз сӯҳбат доштан бо ҳар фақир,
Подшоҳонро ҳаме дорад ҳақир.
Бо занон бисёр агар хилват кунад,
Хештанро шоҳ беҳурмат кунад.
Ҳар киро фарри ҷаҳондорӣ бувад,
Майли ӯ сӯи камозорӣ бувад.
Адл бояд подшоҳонро ва дод,
То зи адлаш оламе гарданд шод.
Гар кунад оҳанги зулме подшоҳ,
Суд накнад мар варо хайлу сипоҳ.

Бо занон шохе ки дар хилват нишаст,
Дур набвад гар равад мулкаш зи даст.
Чунки одил бошаду маймунлико,
Бошад андар мамлакат шаҳро бако.
Чун кунад султон карам бо лашкаре,
Баҳри ӯ бозанд сад ҷон сарваре.

## ДАР БАЁНИ АҲЛИ САОДАТ

Шуд далели некбахтӣ чор чиз,
Ҳар кӣ ин чораш бувад, бошад азиз.
Асли пок омад далели некбахт,
Нест бад асли сазои тоҷу тахт.
Некбахтонро бувад рои савоб,
Он кӣ бадрой аст, бошад дар азоб.
Ҳар кӣ эмин аз азоби ҳақ бувад,
Нест мӯмин, кофари мутлақ бувад.
Умри дунё чанд рӯзе беш нест,
Ғофил аст он кас, ки пешандеш нест.
Тарки лаззоти ҷаҳон бояд гирифт,
Домани соҳибдилон бояд гирифт.
Дар паи лаззоти нафсонӣ мабош,
Дӯстдори олами фонӣ мабош!
Нест хосил ранҷи дунё бурданат,
Оқибат чун мебибояд мурданат.
Аз танат чун ҷон равон хоҳад шудан,
Хок андар устухон хоҳад шудан.
Мар туро аз додани ҷон чора нест,
Раҳ з-анат ҷуз нафас аммора нест.

## ДАР БАЁНИ САБАБИ ОФИЯТ

Офиятро гар бихоҳӣ, эй азиз,
Метавонаш ёфтан аз чор чиз.
Эминию неъмат андар хонадон,
Тандурустию фароғат баъд аз он.
Чунки бо неъмат амонӣ бошадат,
Офиятро з-ӯ нишонӣ бошадат.
Бо дили фориғ чу бошӣ тандуруст,
Дигар аз дунё набояд ҳеҷ ҷуст.
Бармаёвар то тавонӣ коми нафс,
То наяфтӣ, эй писар дар доми нафс.
Зери по овар ҳавои нафсро,
Кам бад-ӯ деҳ баҳраҳои нафсро.
Нафсу шайтон мебаранд аз раҳ туро,
То бияндозанд андар чаҳ туро.

Нафсро сар кӯб, доим хор дор,
То тавонӣ дураш аз мурдор дор.
Нафси бадро ҳар ки сераш мекунад,
Дар гунаҳ кардан далераш мекунад.
Хулқи худро дур дор аз ҳар мазаҳ,
То наяфтӣ дар вуболу дар базаҳ.
З-обу нон, то лаб,
шикамро пур масоз,
Ҳамчу ҳайвон баҳри худ охур масоз.
Хирқаи пашминаро бар дӯш кун,
Шарбате аз номуродӣ нӯш кун.
Гар ҳамехоҳӣ насиб аз охират,
Рав бадар кун ҷомаҳои фохират.
Дар барат гӯ кисвати некӯ мабош,
Зери паҳлу ҷомаи хубат гӯ мабош.
Ҳамчу сӯфӣ дар либоси суф бош,
Дар сифатҳои худо мавсуф бош.
Марди раҳро буриё қолин бувад,
З-он ки хишташ оқибат болин бувад.
Марди раҳро буди дунё
суд нест,
Ҳаргизаш андешаи
нобуд нест!

## ДАР БАЁНИ ТАВОЗӮЪ ВА СӮҲБАТИ ДАРВЕШОН

Гар туро ақл аст бо дониш қарин,
Бош дарвешу ба дарвешон нишин.
Ҳамнишинӣ ҷуз ба дарвешон макун,
То тавонӣ ғайбати эшон макун.
Ҳубби дарвешон калиди ҷаннат аст,
Душмани эшон сазои лаънат аст.
Пӯшиши дарвеш ғайр аз далқ нест,
Дар паи кому ҳавои халқ нест.
Мард то нанҳад ба фарқи нафс пой,
Раҳ куҷо ёбад ба даргоҳи худой.
Марди раҳ дар банди қасру боғ нест,
Дар дили ӯ ғайри дарду доғ нест.
Гар иморатро барӣ бар осмон,
Оқибат зери замин гардӣ ниҳон.
Гар чу Рустам шавкату зӯрат бувад.
Ҷой чун Баҳром дар гӯрат бувад.
Эй писар,
аз охират ғофил мабош,
Бо матои ин ҷаҳон хушдил мабош.
Дар балиёти ҷаҳон саббор бош,
Гоҳи неъмат шокири ҷаббор бош.

## ДАР БАЁНИ АЛОМАТИ ШАҚОВАТ

Чор чиз осори бадбахтӣ бувад,
Ҷоҳилию коҳилӣ, сахтӣ бувад.
Бекасию нокасӣ ҳар чор шуд,
Бахти бадро ин ҳама осор шуд.
Он кӣ дар банди ибодат мешавад,
Бешак, аз аҳли саодат мешавад.
Бар ҳавои худ қадам ҳар к-ӯ ниҳод,
Қай тавонад кард бо нафсак ҷиҳод?
Ҳар кӣ созад дар ҷаҳон бо хобу хур,
Дар қиёмат набвадаш з-оташ гузар.
Рӯ бигардон аз муроду орзӯ,
Пас ба даргоҳи худо меор рӯ.
Қомронӣ сар ба нокомӣ кашад,
Марди раҳ хатти накӯномӣ кашад.
Амру наҳҳи ҳақ чу дорӣ, эй валид,
Пас марав дунболаи нафси палид.
Ҳар кӣ тарки комронӣ мекунад,
Бар хилофаш зиндагонӣ мекунад,
Амру наҳҳи ҳақ зи «Қуръон» гӯш дор,
Ҷои шодӣ нест дунё, ҳуш дор.

## ДАР БАЁНИ РИЁЗАТИ НАФС

Гар ҳамехоҳӣ, ки гардӣ сарбаланд,
Эй писар, бар худ дари роҳат буҷанд.
Нафс натвон кушт илло бо се чиз,
Чун бигӯям, ёд гираш, эй азиз.
Ханҷари хомӯшию шамшери ҷӯъ,
Найзаи танҳоию тарки ҳуҷӯъ.
Ҳар киро набвад мураттаб ин силоҳ
Нафси ӯ ҳаргиз наёбад бо салоҳ.
Чунки дил бе ёди оллоҳат бувад,
Деви малъун ёру ҳамроҳат бувад.
Аҳли дунёро чу зару сим оядаш,
Луқмаҳои чарбу ширин боядаш,
Ҳар ки ӯ дар банди симу зар бувад,
Дар уқубат оқибат музтар бувад.
Он кӣ баҳри охират кораш бувад,
Аз худо ташрифи бисёраш бувад.
Моли дунё хоксоронро диҳанд,
Оқибат парҳезкоронро диҳанд.
Ҳаст шайтон, эй бародар, душманат,
Ғули оташ хоҳад андар гарданат.
Мудбире к-ӯ рӯ ба дунё оварад,
Баҳра кай аз олами уқбо барад.

Эй писар, бо ёди ҳақ машғул бош
В-аз халоиқ дур ҳамчун ғӯл бош.

## ДАР БАЁНИ ФАЗИЛАТИ ФАҚИРӢ

Фақри худро пеши кас пайдо макун,
Меҳнати имрӯзаро фардо макун.
Мар туро он кас ки ҷисму ҷон диҳад,
Ғам махӯр охир, ки обу нон диҳад.
То ба кай чун мӯр бошӣ донакаш,
Гар ту мардӣ, фоқаро мардона каш.

## ДАР БАЁНИ ДАРЁФТАНИ ҲАҚИҚАТИ НАФСИ АММОРА

Чун шутурмурғе шинос ин нафсро,
Не кашад бору на паррад бар ҳаво,
Гар бупар гӯияш, гӯяд уштурам,
В-ар ниҳӣ бораш, бигӯяд тоирам.
Чун гиёҳи заҳр рангаш дилкаш аст,
Лек таъмаш талху бӯяш ноҳуш аст.
Гар ба тоъат хонияш, сустӣ кунад,
Лек андар маъсият чустӣ кунад.
Нафсро он беҳ, ки дар зиндон кунӣ,
Ҳар чи фармояд, хилофи он кунӣ.
Коми нафсатро баровардан хатост,
З-он ки душманро бипарвардан хатост.
Чун шутур андар раҳи ӯ бор каш,
Бори тоъат бар дари ҷаббор каш.
Бори эзидро ба ҷон бояд кашид,
Варна ҳамчун саг забон бояд кашид.
Ҳар кӣ гардан мекашад з-ин борҳо,
Бошад аз нафрин бар ӯ анборҳо.
Чун шутурмурғ ҳар кӣ аз бораш гурехт,
Аз гулистони ҳаёташ пар бирехт.
Ҳар кӣ борашро таҳаммул мекунад,
Дар ҷаҳон ҷонаш таҷаммул мекунад.
Кардаӣ бори амонатро қабул,
Аз кашидан пас набояд шуд малул.
Рӯзи аввал худ фузулӣ кардаӣ
В-он фузулӣ аз ҷуҳулӣ кардаӣ.
Ҷунбише кун,
эй писар, ғофил мабош,
Чун бале гуфтӣ ба ман танбил мабош.
То нагирӣ тарки молу иззу ҷоҳ,
Аз ҳама бар сар наёбӣ чун кулоҳ.

Нест мардӣ хештан оростан,
Қасди ҷон кэрд он кӣ ӯ орост тан.
Нест бар тан беҳтар аз тақво либос,
Дар такаллуф мардро набвад асос.
Ҳар кӣ ӯ дар банди ороиш бувад,
Дар ҷаҳон фарзанди осоиш бувад.
Оқибат ҷуз номуродӣ набвадаш,
Бахравар аз айшу шодӣ набвадаш.
Худситоӣ пешаи шайтон бувад,
Ҳар кӣ худро кам занад, мард он бувад.
Гуфт шайтон: «Ман зи одам беҳтарам»,
То қиёмат гашт малъун лоҷарам.
Аз тавозӯъ хок мардум мешавад,
Нури нор аз саркашӣ гум мешавад.
Ронда шуд иблис аз мустакбирӣ,
Гашт мақбул одам аз мустағфирӣ.
Шуд азиз одам чу истиғфор кард,
Хор шуд шайтон чу истикбор кард.
Дона паст афтад, забардасташ кунад,
Хӯшае чун сар кашад, пасташ кунад.

## ДАР БАЁНИ ОСОРИ АБЛАҲОН

Чор чиз омад нишони аблаҳӣ,
Бо ту гӯям то биёбӣ огаҳӣ.
Айби худро бад набинад дар ҷаҳон,
Бошад андар ҷустани айби касон.
Тухми бухл андар дили худ коштан,
Он гаҳ уммеди саховат доштан.
Ҳар кӣ халқ аз хулқи ӯ хушнуд нест,
Ҳеҷ қадраш бар дари маъбуд нест.
Нафси дунёро раҳо кун, эй писар,
То раҳӣ аз ҳар балову ҳар хатар.
Эй басо кас аз барои нафс зор
Дар бало афтоду гашт аз ғам низор.
Аз барои нафс мурғи номурод
Омаду дар доми сайёд ӯ фитод.
То дилат ором ёбад, эй писар,
Буду нобуди ҷаҳон яксон шумар.
Аз азоби қаҳри ҳақ эмин мабош,
Дар паи озори ҳар мӯмин мабош.
Дар бало ёрӣ маҳоҳ аз ҳеҷ кас,
З-он ки набвад ҷуз худо фарёдрас.
Ҳар киро ранҷондаӣ, узраш биҳоҳ,
То набошад хасми ту дар арзагоҳ.
Гар ғано ҳоҳад кас аз зувалминан,
Дар каноат метавонаш ёфтан.

## ДАР БАЁНИ АҚЛУ ОҚИЛОН

Ҳар киро акл аст, дониш, эй азиз,
Дур бояд буданаш аз чор чиз.
Қори худ бо носазо накнад раҳо,
Мард менакнад ба ҷои носазо.
Ақл дорӣ, майли бадкорӣ макун,
З-ин чу бигзаштӣ, сабуксорӣ макун.
Ҳар киро аз ҳилм дил равшан бувад,
Дар замона бо салоҳи тан бувад.
То шавӣ пеш аз ҳама дар рӯзгор,
Даст бар нону намак бикшода дор.
То ту бошӣ дар замона додгар,
Зердастонро накӯ дорӣ асар.
Ҳар кӣ ӯ аз ҳирс дунёдор шуд,
Бегумон, аз вай худо безор шуд,
Баҳри зар мастой дунёдорро,
То чӣ хоҳӣ кардан ин мурдорро.
Мурдагонанд ағниёи рӯзгор,
Эй писар, бо мурдагон сӯҳбат мадор.
Молу зар бехад ба даст оварда гар.
Баъд аз он дар гӯри ҳасрат бурда гар.

## ДАР БАЁНИ ФАЗИЛАТИ ЗИКРИ ОЛЛОҲ

Бош доим, эй писар, бо ёди хак,
Гар хабар дорӣ зи адлу доди хақ.
Зинда дор аз зикр субху шомро,
Дар тағофул магзарон айёмро.
Ёди ҳақ омад ғизо ин рӯҳро
Марҳам омад ин дили маҷрӯҳро.
Ёди хақ гар мӯниси ҷонат бувад,
Қай ҳавои коху айвонат бувад.
Гар замоне ғофил аз раҳмон шавӣ,
Андар он дам ҳамдами шайтон шавӣ.
Мӯмино, зикри худо бисёр гӯй,
То биёбӣ дар ду олам обрӯй,
Зикрро ихлос мебояд нахуст,
Зикри беихлос кай бошад дуруст.
Зикр бар се ваҷҳ бошад бехилоф,
Ту надонӣ ин суханро аз газоф.
Омро набвад ба ҷуз зикри забон,
Зикри хосон бошад аз дил бегумон.
Зикри хосалхос зикри сир бувад,
Ҳар кӣ зокир нест, ӯ хосир бувад.
Ҳамди холиқ бар забон рон, эй писар,
Умр то барбод надҳӣ сарбасар.

Лаб мачунбон чуз ба зикри кирдигор,
З-он ки поконро ҳамин будаст кор.

## ДАР БАЁНИ АМАЛИ ЧАҲОР ЧИЗ

Бар ҳама кас нек бошад чор чиз
Бо ту гӯям ёдгираш, эй азиз:
Аввал он бошад, ки бошӣ додгар,
Ҳам зи ақли хеш бошӣ бохабар.
Бо шикебоӣ тақарруб кардан аст,
Ҳурмати мардум ба ҷо овардан аст.

## ДАР БАЁНИ ХИСЛАТИ ЗАМИМА

Чор чизи дигар, эй некӯсиришт,
Ҳаст аз чумла халоиқ сахт зишт.
З-он чаҳор аввал ҳасадгинӣ бувад,
З-он гузаштӣ уҷбу худбинӣ бувад.
Хашмро дигар фурӯ нохӯрдан аст,
Хислати чорум бахилӣ кардан аст.
Эй писар, кам гард гирди ин хисол,
Аз барои ин ки зишт аст ин фиол,
Ғилу ғаш бигзор чун зар пок шав,
Пеш аз он ки хок гардӣ, хок шав.
Ҳирс бигзору қаноат пеша кун,
Охир аз мурдан яке андеша кун.
Бо муҳиббон бош доим ҳамнишин,
То тавонӣ рӯи аъдоро мабин.

## ДАР БАЁНИ ОДОБИ ПАНДУ НАСИҲАТ

Чун туро омад мақоме созгор,
Бар набандӣ рахт з-он чо, зинҳор.
Дар насиҳат он ки напзирад сухун,
Бо чунин кас панди худ зоеъ макун.
Хӯи бадро нек кардан мушкил аст,
Чаҳд кардан бахри ӯ беҳосил аст,
Бандаро гар нест дар коре ризо,
Қай тавонад бозгардонад қазо.
Ҳар кӣ ӯ истеза бо султон кунад,
Қори худро сарбасар вайрон кунад.
Ҳар кӣ ӯ боғӣ шавад аз подшоҳ,
Рӯзи ӯ чун тирашаб гардад сиёҳ.

## ДАР БАЁНИ АЛОМАТИ МУДБИРОН

Чор чиз омад нишони мудбирӣ,
Ёд гираш гар ту равшанхотирӣ:
Мудбирӣ бошад ба аблаҳ машварат,
Пас ба ҷоҳил додани симу зарат.
Ҳар кӣ панди дӯстон накнад қабул,
Дар ҳақиқат мудбир аст, он булфузул.
Ҳар кӣ аз дунё нагирад ибрате,
Ҳаст аз он мудбир ҷаҳонро нафрате.
Машварат ҳар кас ки бо аблаҳ кунад,
Деви малъунаш сабук гумраҳ кунад.
Он кӣ молу зар диҳад бо ҷоҳилон,
Ончунон кас кай бувад аз муқбилон.
Зар чу ҷоҳилро ҳаме ояд ба каф,
Мекунад исрофу месозад талаф.
Нашнавад аз дӯст мудбир пандро,
Аз ҷаҳолат бигсалад савгандро.
Ранҷи андакро бикун ғамхорагӣ,
Варна бинӣ аҷз дар бечорагӣ.
Дарди сарро гар биҷӯяд кас илоҷ,
Хавфи он бошад, ки баргардад мизоҷ.
Бош аз қавли мухолиф барҳазар,
Пеш аз он к-аз по дарой, эй писар,
Оташи андак тавон куштан ба об,
Вои он соат ки гирад илтиҳоб.

## ДАР БАЁНИ МАЗАММАТИ ХАШМУ ҒАЗАБ

Эй писар, ҳар кас ки дорад чор чиз,
Чори дигар ҳам шавад мавҷуд низ.
Оқибат расвоӣ ояд аз лаҷоҷ,
Хашмро накнад пушаймонӣ илоҷ.
Бегумон аз кибр хезад душманӣ,
Ҳосил ояд хорӣ аз коҳил бинӣ.
Чун луҷоҷе дар миён пайдо шавад,
Банда аз шумии ӯ расво шавад.
Хашми худро чунки ронад ҷоҳиле,
Ҷуз пушаймониш набвад ҳосиле,
Ҳар кӣ гашт аз кибр боло гарданаш,
Дӯстон гарданд охир душманаш.
Коҳилиро ҳар кӣ созад пешае,
Ояд аз хорӣ ба пояш тешае.
Хашми худро гар фурӯ нахвард касе,
Оқибат бинад пушаймонӣ басе.
Ҳар кӣ ӯ афтодаву танпарвар аст,
Нест одам, камтар аз гову хар аст.

## ДАР БАЁНИ БЕСУБОТИИ ЧОР ЧИЗ

Чор чиз, эй хоҷа, кам дорад бақо,
Гӯш дор, эй мӯмини маймунлиқо,
Ҷаври султонро бақо камтар бувад,
Пас итоби асдиқо камтар бувад,
Бо раият чун кунад султон ситам,
Мардро бошад бақо дар мулк кам.
Гар туро аз дӯстон ояд шитоб,
Қамбақо бошад чу хат дар рӯи об.
Гарчи бошад зан замоне меҳрубон,
Чун кам ояд баҳра, бикшояд забон.
Чун ба ноҷинсон нишинад одаме,
Қамтарак бинад аз эшон ҳамдаме.
Зоғ чун фориғ зи бӯи гул бувад,
Нафраташ аз сӯҳбати булбул бувад.
Сӯҳбати ноҷинс ҷонкоҳӣ бувад,
Ҷумларо з-ин ҳол огоҳӣ бувад.
Чун туро ноҷинс ояд дар назар,
Эй писар, чун бод аз вай даргузар.

## ДАР БАЁНИ ОН КИ ЧАҲОР ЧИЗ АЗ ЧАҲОР ЧИЗ КАМОЛ ЁБАД

Чор чиз аз чори дигар шуд тамом,
Чун шунидӣ, ёд медор,
эй ғулом.
Дониши мард аз хирад гирад камол,
Аз амал динат ҳамеёбад ҷамол.
Динат аз парҳез комил мешавад,
Неъматат аз шукр шомил мешавад.
Ҳаст донишро камолот аз хирад,
Беамалро аҳли дин кас нашмарад,
Шукр неъматро камоле медиҳад,
Ғофилонро гӯшмоле медиҳад.
Шукр нокардан заволи неъмат аст,
Баҳраи шокир камоли неъмат аст.
Илмро бе ақл натвон кор баст,
Пеши беақлон намебояд нишаст.
Бе хирад дониш вубол аст, эй писар,
Илм мурғу ақл бол аст, эй писар.
Ҳар кӣ илме дораду набвад бар он,
Аз тарики ақл бошад бар карон.

## ДАР БАЁНИ ОН КИ БОЗГАРДОНИДАНИ ОН МУҲОЛ АСТ

Чор чиз аст, он ки баъд аз рафтанаш
Аз муҳолот аст бозоварданаш.
Чун ҳадисе рафт ногаҳ бар забон,
Ё ки тире ҷаст берун аз камон.
Боз чун орад ҳадиси гуфтаро?
Қас нагардонад қазои рафтаро.
Боз кай гардад, чу тир андохтӣ,
Ҳамчунин умрат, ки зоеъ сохтӣ.
Ҳар ки беандеша гуфтораш бувад,
Бас надоматҳои бисёраш бувад.
То нагуфтӣ, метавонӣ гуфтанаш,
Чун бигуфтӣ, кай тавон бинҳуфтанаш.

## ДАР БАЁНИ ҒАНИМАТ ДОНИСТАНИ УМР

Умрро медон ғанимат ҳар нафас,
Чун равад, дигар наёяд бозпас.
Ҳеҷ кас аз худ қазоро рад накард,
Ҳар кӣ розӣ аз қазо шуд бад накард,
Ҳар кӣ мехоҳад, ки бошад дар амон,
Мӯҳр мебояд ниҳодан бар забон,
Месазад гар умрро донӣ азиз,
Чун равад, пушташ нахоҳӣ дид низ.

## ДАР БАЁНИ ХАМӮШӢ ВА САХОВАТ

Ҳосил ояд чор чиз аз чор чиз,
Ёд гир ин нукта аз ман, эй азиз.
Хомӯширо ҳар кӣ созад пешае,
Гардад эмин, набвадаш андешае.
Гар саломат боядат,
хомӯш бош,
Гашт эмин, ҳар кӣ некӣ кард фош.
Аз саховат мард ёбад сарварӣ,
Шукр неъматро диҳад афзунтарӣ.
Ҳар кӣ шуд сокиту лаб хомӯш кард,
Аз саломат кисвате бар дӯш кард.
Гар ҳамехоҳӣ, ки бошӣ дар амон,
Рав накӯӣ кун ту бо халқи ҷаҳон.
Ҳар киро одат шавад ҷуду карам,
Дар миёни халқ гардад мӯҳтарам.
Ҳар кӣ кори нек ё бад мекунад,
Он ҳама медон ки бо худ мекунад.

Эй бародар, бандаи маъбуд бош,
То тавонӣ, бо сахову ҷуд бош.
Бош аз бухли бахилон пурҳазар,
То насӯзад мар туро нори сақар.

## ДАР БАЁНИ ЧАҲОР ЧИЗЕ КИ ХОРӢ ОВАРАД

Чор чизат бар диҳад аз чор чиз,
Нашнавад ин нукта ҷуз аҳли тамиз.
Хар кӣ з-ӯ содир шавад ин чор кор,
Бинад ӯ чори дигар беихтиёр.
Чун суол овард,
гардад хор мард,
Монд танҳо хар кӣ истихфоф кард.
Ҳар кӣ дар поёни коре нангарад,
Оқибат рӯзе пушаймонӣ хӯрад.
Ҳар кӣ накнад эҳтиёти корҳо,
Бар дилаш охир нишинад борҳо.

## ДАР БАЁНИ АТОИ ҲАҚ ТАЪОЛО

Чор чизат аз атоҳои карим
Бо ту гӯям, ёд гираш, эй салим.
Фарзи ҳақ аввал ба ҷо овардан аст,
Волидайн аз хеш розӣ кардан аст.
Ҳукми дигар чист? Бо шайтон ҷиҳод,
Чорумин некӣ ба халқи номурод.

## ДАР БАЁНИ БОИСИ ЗАВОЛИ САЛТАНАТ

Чор чиз омад фасоди подшоҳ,
Бо ту мегӯям, вале дораш нигоҳ.
Аввал андар мамлакат ҷаври амир,
Дигар он ғафлат ки бошад дар вазир.
Ранҷи шаҳ бошад хиёнат дар дабир,
Бад бувад гар қуввате ёбад асир.
Чун кунад дар мулки шаҳ мире ситам,
Подшаҳро з-ин сабаб бошад алам.
Чун бувад ғофил вазири бехабар,
Мулки шаҳ аз вай бувад зерузабар.
Гар халал дар котиби девон бувад,
Оқибат ранҷи дили султон бувад.
Гар асиронро шавад қувва падид,
Дар вилоят фитнаҳо гардад ҷадид.

Чун салобат дар вуҷуди шаҳ бувад,
Дасти мирон аз ситам кӯтаҳ бувад.
Гар набошад воқифу доно вазир,
Подшаҳро з-ӯ бувад ранҷи касир.
Гар надорад шаҳ сиёсатро ба кор,
Мулк вайрон гардад аз ҳар нобакор.

## ДАР БАЁНИ ОН КИ УМРРО БИКОҲОНАД

Умри мардумро бикоҳад панҷ чиз,
Ёд гираш, чун шунидӣ, эй азиз.
Шуд яке з-он панҷ дар пирӣ ниёз,
Пас ғарибӣ в-он гаҳе ранҷи дароз.
Ҳар кӣ ӯ бар мурда андозад назар,
Умри ӯ бешак, бикоҳад, эй писар.
Панҷум омад тарсу ваҳм аз душманон,
Умрро инҳо ҳаме дорад зиён.
Ҳар кӣ ӯ аз душманон тарсон бувад,
Кори ӯ ҳар лаҳза дигарсон бувад.
Аз худо тарсу матарс аз душманон,
Қ-аз ҳама дорад худоят дар амон.

## ДАР БАЁНИ ОН КИ ОБРӮРО БИЯФЗОЯД

Мефизояд обрӯ аз панҷ чиз,
Бо ту гӯям, бишнав, эй аҳли тамиз.
Дар саховат кӯш, агар дорӣ ғано,
То физоят обрӯят аз сахо.
Бурдборию вафодорӣ гузин,
З-он ки обурӯй афзояд аз ин.
Он кӣ ӯ бар халқ бахшояд ҳаме,
Бешак, обурӯй афзояд ҳаме.
Чун ба кори хеш ҳозир будаӣ,
Обурӯи хешро афзудаӣ.
Аз саховат обурӯ афзун шавад,
В-аз бахилӣ бехирад малъун шавад.
Ҳар киро бо халқ бахшоиш бувад,
Обрӯи вай дар афзоиш бувад,
Бош доим бурдбору бовафо,
То ба рӯи хеш бинӣ сад зиё.
То бимонад сиррат аз душман ниҳон,
Сирри худ бо дӯстон камтар расон.
То нагардӣ пеши мардум шармсор,
Он чи худ наҳода бошӣ, бармадор,
Эй бародар, пардаи мардум мадар,
То надаррад пардаат шахси дигар.

Бар ҳавои дил макун зинҳор кор
То наёрад пас пушаймонит бор.
То забонат бошад,
эй хоча, дароз,
Даст кӯтаҳ дору ҳар чониб матоз.
Қадри мардумро шинос,
эй мӯҳтарам,
То шиносад дигаре қадри ту ҳам.
Ҳар киро қадре набошад бар чаҳон,
Зинда машмораш,
ки ҳаст аз мурдагон.
Аз қаноат ҳар киро набвад нишон,
Қай тавонгар созадаш моли чаҳон?
Бар адӯи хеш чун ёбӣ зафар,
Афв пеш ору зи чурмаш даргузар.
Доимо мебош аз ҳақ тарскор,
Низ бош аз раҳматаш уммедвор.
Ботавозуъ бошу хӯ кун бо адаб,
Сӯҳбати парҳезкорон металаб.
Бурдборӣ чӯй, беозор бош,
То ки гардад дар хунар номи ту фош.
Сабру илму ҳилм тарёки диланд,
Ҳирсу буғзу кина захри қотиланд.
Ҳамчу тарёканд доноёни дахр,
Қотиланд, эй хоча,
нодонон чу заҳр.
Мардум аз тарёк меёбад начот,
Худ касе аз заҳр кай ёбад ҳаёт?
Фахри чумла илмҳо нон додан аст,
Дар ба рӯи дӯстон бикшодан аст,
Гарчи доно бошию аҳли ҳунар,
Хешро камтар зи ҳар нодон шумар.

## ДАР АЛОМАТИ МАРДИ НОДОН

Шуд ду хислат марди нодонро нишон:
Сӯҳбати сибёну рағбат бо занон.

## ДАР БАЁНИ ТАРИҚИ ЗИНДАГОНӢ

Нохушӣ дар зиндагонӣ, эй валид,
Мардро аз хӯи бад гардад падид.
Он ки набвад мардро феъли накӯ,
Мурда медонаш, ки набвад зинда ӯ.
Ҳар кӣ гӯяд айби ту андар хузур,
Менамояд роҳат аз зулмат ба нур.

Мар туро ҳар кас ки бошад раҳнамо,
Шукри ӯ мебояд овардан ба ҷо.
Мар хирадмандони оламро шинос,
Хулқ некӯ, шарм некӯтар либос.
Ҳоли худро аз ду кас пинҳон мадор,
Аз табиби ҳозиқу аз ёри ғор.
То савоби кор бинӣ сарбасар,
Бар муроди худ макун кор, эй писар.
То тавонӣ бо занон сӯҳбат маҷӯй,
Рози худро низ бо эшон магӯй.
Он чи андар шаръ бошад нописанд,
Гирди ӯ ҳаргиз магард, эй ҳушманд.
Ҳар чиро кардаст хақ бар ту ҳаром,
Дур дор аз худ, ки бошӣ некном.
Чунки рӯзӣ бар ту бикшояд худой,
Дил кушода дору тангӣ кам намой
Тозарӯю хушсухан бош, эй ахӣ,
То бувад номи ту дар олам сахӣ.
Бармахӯр андӯҳи марг, эй булҳавас,
Чунки вакт ояд, нагардад пешу пас.
Дил зи ғилуғаш ҳамеша пок дор,
То тавонӣ кина дар сина мадор.
Такя кам кун хоҷа бар кирдори хеш,
Дил бинеҳ бар раҳмати ҷаббори хеш.
Беҳтарини чизҳо хулқи накӯст,
Халқ хулқи некро доранд дӯст.
Рав фурӯтар бош доим,
эй халаф,
Қ-ин бувад ороиши аҳли салаф.
Он кӣ бошад бар кафи шаҳват асир,
Гарчи озод аст,
ӯро банда гир.
Гар ту бинӣ нокасеро дастгоҳ,
Ҳоҷати худро аз ӯ ҳаргиз махоҳ,
Бар дари нокас қадам ҳаргиз мабар
В-ар бубинӣ,
ҳам мапурс аз вай хабар.
То тавонӣ кори аблаҳро масоз,
Қор фармояш,
вале камтар навоз.

## ДАР БАЁНИ ЭҲТИРОЗ АЗ ДУШМАНОН

Аз ду кас парҳез кун, эй ҳушёр,
То набинӣ накбате аз рӯзгор.
Аввал аз душман, ки ӯ истезарӯст
В-он гаҳе аз сӯҳбати нодони дӯст.

Хешро аз назди душман дур дор,
Ёри нодонро зи худ маҳҷур дор.
Эй писар, кам гӯй бо мардум дурушт
В-ар бигӯӣ, аз ту гардонанд пушт.
Беҳтарин хислат агар донӣ кирост,
Он ки дод инсофу инсофаш нахост.
Чун ҳадиси хуб гӯй бо фақир,
Беҳ бувад з-онаш ки пӯшонӣ ҳарир.
Хашм хӯрдан пешаи ҳар сарвар аст,
Талх бошад в-аз шакар ширинтар аст.
Ҳар кӣ бо мардум насозад дар ҷаҳон,
Зиндагонӣ талх дорад, бегумон.
Он кӣ шӯх асту надорад шарм низ
Дон, ки ӯ нопокзодаст, алазиз.
Аз маломат то бимонӣ дар амон,
Бош доим ҳамнишини зиракон.

## ДАР БАЁНИ ОН КИ БО МАРДУМ ХОРӢ ОВАРАД

Ҳашт хислат оварад хорӣ бар ӯй,
Бо ту гӯям, гар ҳамехоҳӣ бигӯй,
Аввал он бошад, ки монанди магас
Марди нохонда шавад меҳмони кас.
Ҳар кӣ ӯ меҳмони кас нохонда шуд,
Назди мардум хору зору ронда шуд.
Дигар он бошад,
ки нодоне равад,
Кадхудои хонаи мардум шавад.
Қор кардан бар ҳадиси он ду мард,
К-аз сари ҷаҳланд доим дар набард.
Ҳар кӣ биншинад забардасти судур,
Гар расад хоре бар рӯяш нест дур.
Нест ҷамъеро чу бар қавли ту гӯш,
Сад сухан гар бошадат як сар бипӯш.
Ҳоҷати худро магӯ бо душманон,
З-ин батар хорӣ набошад дар ҷаҳон.
Аз фурӯмоя муроди худ маҷӯй,
То наёяд мар туро хорӣ ба рӯй,
Бар зану кӯдак макун бозӣ ҳало,
То нагардӣ хору зору мубтало.

## ДАР БАЁНИ ЗИНДАГОНӢ БО ХУШӢ

Дар ҷаҳон шаш чиз меояд ба кор:
Аввалин ёру таоми хушгувор.

Хуш бувад ёри мувофиқ дар ҷаҳон,
Боз махдуме ки бошад меҳрубон.
Ҳар сухан, к-он ростгӯию дуруст
Беҳ зи дунё з-он ки дар вай нафъи туст.
Он чи арзон аст олам дар баҳош,
Ақли комил дон ту з-ӯ дилшод бош.
Душмани ҳақро набояд дошт дӯст,
Бозгашти ҷумла чун охир бад-ӯст.
Айби кас бо ӯ намебояд намуд,
З-он ки набвад ҳеҷ лаҳме беғадуд.
Аз худо хоҳ ҳар чи хоҳӣ, эй писар,
Нест дар дасти халоиқ хайру шар.
Бандагонро нест носир ҷуз илоҳ,
Ёрӣ аз ҳақ хоҳ, аз ғайраш махоҳ.
Он кӣ аз қаҳри худо тарсад касе.
Бегумон тарсанд аз вай ҳар касе.
Аз бадӣ гуфтан забонро ҳар кӣ баст,
Қард шайтони лаинро зери даст.

## ДАР БАЁНИ ОН КИ ЭЪТИМОДЕРО НАШОЯД

Кас наёбад ҳеҷ чиз аз чор чиз,
Ёд гир аз носеҳ, эй соҳибтамиз.
Нест аввал дӯстӣ андар мулук,
Ин сухан бовар кунад аҳли сулук.
Сифлаеро бо мурувват нангарӣ,
Ҳеч бадхӯе наёбад меҳтарӣ.
Ҳар кӣ бо моли касон дорад ҳасад,
Бӯи раҳмат бар димоғаш кай расад.
Он кӣ каззоб аст, мегӯяд дурӯғ,
Нест ӯро дар вафодорӣ фурӯғ.

## ДАР БАЁНИ НАСИҲАТ ВА ХАЙРАНДЕШӢ

Ҳар киро дар кор одат бошадаш,
Дар ҷаҳон бахту саодат бошадаш.
Аввалан гар бинад ӯ айби касон,
Дар маломат ҳеҷ накшояд забон.
Ҳар киро бинӣ ба роҳи носавоб,
Сар ба роҳаш ор, то ёбӣ савоб.
Заҳмати худро зи мардум дур дор,
Бори худ бар кас маяфкан зинҳор.
Гар ҳамехоҳӣ ки бошӣ растагор,
Рух магардон, эй бародар аз се кор:
Аввало дидан бувад ҳукми қазо,
Баъд аз он ҷустан ба ҷону дил ризо.

Чист сеюм? — Дур будан аз ҷафо,
Ҳар кӣ ин дорад, бувад аҳли сафо.
Ҳар кӣ дорад донишу ақлу тамиз,
Ҷуз ба роҳи ҳақ набахшад ҳеҷ чиз.
Садқаи к-олуда гардад бо риё,
Қай бувад он хайр мақбули худо?
Гар амал холис набошад ҳамчу зар,
Қалбро покӣ наёрад дар назар.
То тавонгар бошӣ андар рӯзгор,
Нафсро аз орзуҳо дур дор.

## ДАР БАЁНИ ҚАРОМАТИ ҲАҚ ТАЪОЛО

Чор чиз аст аз кароматҳои ҳақ,
Ёд дораш чун зи ман гирӣ сабақ:
Аввало, сидқи забонат дар сухун
В-он гахе ҳифзи амонат, фаҳм кун.
Бас саховат ҳаст аз фазли илоҳ,
Фазли ҳақ, дон, дар назар дорӣ нигоҳ,
То тавонӣ дур бош аз сӯдхор,
З-он ки ҳаст аз душманони кирдигор.
Ҳар киро ҳақ дода бошад ин чаҳор,
Бошад он кас мӯмини парҳезкор.
Пеши мардум он ки розат кард фош,
Ҳамдами он аблаҳи ботил мабош.
Ҳар ки бошад монеи ушру закот,
Дон ки ғофилвор бигзорад салот.
Барҳазар бош аз чунин кас, зинҳор,
То насӯзад мар туро осеби нор.

## ДАР БАЁНИ ФУРӮ ХӮРДАНИ ХАШМ ДАР ВАҚТИ ҒАЗАБ

Лаззати умрат агар бояд ба даҳр,
Бош доим барҳазар аз хашму қаҳр.
Чун нагардад халқ бо хӯи ту рост,
Гар ба хӯи мардумон созӣ равост.
Эй бародар, такя бар давлат макун,
Ёд дор аз носеҳи худ ин сухун.
Сӯд накнад гар гурезӣ аз қазо,
Ҳар чи меояд,
бад-он медеҳ ризо.
З-он чи ҳосил нест, дил хурсанд дор,
Гӯши дилро ҷониби ин панд дор.
Ҳар кӣ ӯ бо дӯстон якдил бувад,
Ҷумла мақсуди дилаш ҳосил бувад

## ДАР БАЁНИ ҶАҲОНИ ФОНӢ

Дар ҷаҳон донӣ кӣ бошад мӯътабар,
Он кӣ ӯро бок набвад аз хатар.
Қам кунад бо кас вафо ин рӯзгор,
Ҷавр дорад, несташ бо меҳр кор.
Он кӣ бо ту рӯзи ғам будаст ёр,
Рӯзи шодӣ ҳам бипурсаш зинҳор.
Рӯзи неъмат гар ту пардозӣ ба кас,
Рӯзи меҳнат бошадат фарёдрас.
Чун биёбӣ давлате аз мустаон,
Андар он давлат бипурс аз дӯстон.
Мар туро ҳар кас ки ёри ғам бувад,
Чун расад шодӣ ҳамон ҳамдам бувад.

## ДАР БАЁНИ МАЪРИФАТИ ОЛЛОҲ ТАЪОЛО

Маърифат ҳосил кун, эй ҷони падар,
То биёбӣ аз худои худ хабар.
Ҳар кӣ ориф шуд худои хешро,
Дар фано бинад бақои хешро,
Ҳар кӣ ӯ ориф набошад, зинда нест,
Қурби ҳақро лоиқи арзанда нест.
Ҳар кӣ ӯро маърифат ҳосил нашуд,
Ҳеҷ бо мақсуди худ восил нашуд.
Нафси худро чун бишносӣ, дило,
Ҳақ таъолоро бидонӣ бо ато.
Ориф он бошад, ки бошад ҳақшинос,
Ҳар кӣ ориф нест, гардад носипос.
Ҳаст орифро ба дил меҳру вафо,
Кори ориф ҷумла бошад босафо.
Ҳар кӣ ӯро маърифат бахшад худой,
Ғайри ҳақро дар дили ӯ нест ҷой.
Назди ориф нест дунёро хатар,
Балки бар худ несташ ҳаргиз назар.
Маърифат фонӣ шудан дар вай бувад,
Ҳар кӣ фонӣ нест, ориф кай бувад.
Ориф аз дунёю уқбо фориғ аст,
З-он чи бошад ғайри мавло фориғ аст.
Ҳимати ориф бақои ҳақ бувад,
З-он ки дар ҳақ фонии мутлақ бувад.

## ДАР БАЁНИ МАЗАММАТИ ДУНЁИ ДУН

Бо чӣ монад ин ҷаҳон? Гӯям ҷавоб:
Он ки бинад одамӣ чизе ба хоб.

Чун шавӣ бедор аз хоб, алазиз,
Ҳосиле набвад зи хобат хеҷ чиз.
Ҳамчунин чун зиндае афтоду мурд,
Хеҷ чизе аз ҷаҳон бо худ набурд.
Ҳар киро будаст кирдори накӯ,
Дирраи уқбо бувад ҳамроҳи ӯ.
Ин ҷаҳонро чун зане дон хубрӯй,
Хешро орояд андар чашми шӯй.
Мардро мепарварсад бар канор,
Макру шева менамояд бешумор.
Чун биёбад хуфта ӯро ногаҳон,
Ногаҳон созад ҳалокаш бегумон.
Бар ту бояд, эй азиз, парҳезгар,
Қ-аз чунин маккора бошӣ бо ҳазар.

## ДАР БАЁНИ ХОСИЯТИ ВАРАЪ

Дар вараъ собитқадам бош, эй писар,
Гар ҳамехоҳӣ, ки гардӣ мӯътабар.
Хонаи дин гардад обод аз вараъ,
Лек мегардад харобӣ аз тамаъ.
Ҳар ки аз илми вараъ гирад сабақ,
Дур бояд буданаш аз ғайри ҳақ.
Тарскорӣ аз вараъ пайдо шавад,
Ҳар кӣ бошад бевараъ расво шавад.
Бо вараъ ҳар кас ки худро кард рост,
Ҷунбишу оромиш аз баҳри худост.
Он ки аз ҳақ дӯстӣ дорад тамаъ,
Дар мухаббат козибаш дон, не вараъ.

## ДАР БАЁНИ ФОИДАИ ТАҚВО

Чист тақво? Тарки шубҳоту ҳаром,
Аз либосу аз шаробу аз таом.
Ҳар чи афзун аст, агар бошад ҳалол,
Тарки асбоби вараъ бошад вубол.
Чун вараъ шуд ёр бо илми амал,
Ҳусни ихлоси туро н-орад халал.
Ногаҳон, эй банда, гар кардӣ гуноҳ,
Тавба кун дарҳолу узри он бихоҳ,
Чун гунаҳ нақд омадан дар ин вуҷуд,
Тавбаи нася надорад хеҷ сӯд.
Дар инобат коҳилӣ кардан хатост,
Бар умеди зиндагӣ, к-он бевафост.

## ДАР БАЁНИ ФАВОИДИ ХИДМАТИ НЕКОН

То тавонӣ, эй писар, хидмат гузин,
То шавад аспи муродат зери зин.
Банда чун хидмат бари мардон кунад,
Хидмати ӯ гунбази гардон кунад.
Баҳри хидмат ҳар кӣ барбандад миён,
Бошад аз офоти дунё дар амон.
Ҳар ки пеши солеҳон хидмат кунад,
Эзидаш бодавлату хурмат кунад.
Ходимонро баст дар ҷаннат ба об
Рӯзи маҳшар беҳисобу беазоб.
Ходимон бошанд ахвонро шафеъ,
Ҷои эшон дар ҷаҳон бошад рафеъ.
Гарчи ходим осию муфлис бувад,
Беҳтар аз сад обиди мумсик бувад.
Медиҳад ҳар ходимеро мустиъон
Аҷру музди соимону қоимон.
Баҳри хидмат ҳар кӣ барбандад камар,
Аз дарахти маърифат ёбад самар.
Ҳар кӣ ходим шуд, чунонаш медиҳанд,
Ҳам савоби ғозиёнаш медиҳанд.

## ДАР БАЁНИ ФАЗИЛАТИ САДАҚА

То амон бошӣ зи қаҳри кирдигор,
Садқа медеҳ дар ниҳону ошкор.
Садқа деҳ ҳар бомдоду ҳар пагоҳ,
То балоҳо аз ту гардонад алоҳ.
Ҳар кӣ ӯро хайр одат мешавад,
Бегумон умраш зиёдат мешавад,
Он кӣ некӣ мекунад дар ҳаққи нос,
Беҳтарини мардумон ӯро шинос,
Он кӣ аз вай ҳаст мардумро зарар,
Дар миёни халқ набвад з-ӯ батар.
Дин надорад ҳар кӣ набвад тарскор,
Нест ақл онро ки бошад нобакор.
Бо вараъ бош, эй писар, гар мӯминӣ,
Кофирӣ аз қаҳри ҳақ гар эминӣ.
Ҳар киро набвад вараъ, имон-ш нест,
Ҳар киро набвад ҳаё, эҳсон-ш нест.
Тавба набвад ҳар киро тавфиқ нест,
Ҳақ набинад ҳар киро таҳқиқ нест.

## ДАР БАЁНИ ФАЗИЛАТИ МЕҲМОН

Эй бародар, меҳмонро нек дор,
Ҳаст меҳмон аз атои кирдигор.

Меҳмон рӯзӣ зи худ меоварад,
Пас гуноҳи мизбонро мебарад.
Ҳар киро ҷаббор дорад душманаш,
Боз дорад меҳмон аз масканаш.
Мӯмине к-ӯ дошт меҳмонро накӯ,
Ҳақ гушояд боби раҳматро бар ӯ.
Ҳар киро шуд табъ аз меҳмон малул,
Аз вай озурда худову ҳам расул.
Бандае к-ӯ хидмати меҳмон кунад,
Хешро шоистаи раҳмон кунад.

Ҳар кӣ меҳмонро ба рӯи тоза дид,
Аз худо алтофи беандоза дид.
Аз такаллуф дур бош, эй мизбон,
То гаронӣ набвадат аз меҳмон.

Меҳмонро, эй писар, эъзоз кун,
Гар бувад кофир дар ӯ дар боз кун.
Ҳаст меҳмон аз атоҳои карим,
Ҳар ки з-ӯ пинҳон шавад, бошад лаим.
Маърифат дорӣ, гиреҳ бар зар мабанд,
Чун расад меҳмон ба рӯяш дар мабанд.
Ҳар кӣ меҳмонро гиромӣ мекунад,
Кӯшише дар некномӣ мекунад.

Ҳар кӣ меҳмонат шавад, ар, хосу ом,
Пеши ӯ мебояд овардан таом.
З-он чи дорӣ андаку беш, эй писар,
Бурд бояд пеши ӯяш, эй писар.

Нон бидеҳ бар ҷоеъон баҳри худой,
То диҳандат дар биҳишти адн ҷой.
Бо тани ӯр он кӣ бахшад ҷомае,
Ҳақ диҳад ӯро зи раҳмат номае.

Ҳар кӣ савбе бар тани ӯре диҳад,
Дар ду олам эзидаш нуре диҳад.
Гар барорӣ хоҷати мӯҳтоҷро,
Бар сар аз афтоб ёбӣ тоҷро.

Ҳар киро бошад ба давлат бахт ёр,
Хайр варзад дар ниҳону ошкор.
Эй писар, ҳаргиз махӯр нони бахил,
Кам нишин дар умр бар хони бахил.

Нони мумсик ҷумла ранҷасту ано,
Мешавад нони сахӣ нури сафо.
То нахонандат, ба хони кас марав,
Дар паи мурдор чун каргас мадав.

Чашми некӣ аз хасиси дун мадор,
Сақфи вайронро ту бар устун мадор.
Гар кунӣ хайре, ту он аз худ мабин,
Ҳар чи бинӣ, нек бину бад мабин.

## ДАР БАЁНИ АЛОМАТИ МАРДИ АҲМАҚ

Се аломат дон, ки дар аҳмақ бувад,
Аввалан ғофил зи ёди ҳақ бувад.
Гуфтани бисёр одат бошадаш,
Қоҳилӣ андар ибодат бошадаш.
Эй писар, чун аҳмақу ҷоҳил мабош,
Як дам аз ёди худо ғофил мабош.
Ҳар ки ӯ аз ёди ҳақ ғофил бувад,
Аз ҳамоқат дар раҳи ботил бувад.
Ҳеҷ аз фармони хақ гардан матоб,
То намонӣ рӯзи маҳшар дар азоб.
Ботилеро, эй писар, гардан манеҳ,
Нақди мардонро ба ҳар гардан манеҳ.
Дар қазои осмонӣ дам мазан,
Ҳар касеро беши бешу кам мазан.
Дасти худро сӯи номаҳрам маёр,
Ҷониби моли ятимон ҳам маёр.
То тавонӣ роз бо ҳамдам магӯ,
Гар ту бошӣ низ бо худ ҳам магӯ.
То шавӣ озоду мақбул, эй азиз,
Бе тамаъ мебош, гар дорӣ тамиз.

## ДАР БАЁНИ АЛОМАТИ МАРДИ ФОСИҚ

Ҳаст фосиқро се хислат дар ниҳод:
Бошад аввал дар дилаш ҳубби фасод,
Хислаташ озурдани халқи худост,
Дур дорад хешро аз роҳи рост.

## ДАР БАЁНИ АЛОМАТИ МАРДИ ШАҚӢ

Ҳаст зоҳир се аломат дар шақӣ,
Мехӯрад доим ҳаром аз аҳмақӣ,
Бетаҳорат бошаду бегоҳхез,
Ҳам зи аҳли умум бошад дар гурез.
Эй писар, магрез аз аҳли умум,
То насӯзад мар туро нори самум.
То тавонӣ ҳеҷ касро бад магӯй,
Пеши мардум айби кас ҳаргиз маҷӯй.
Бо таҳорат бошу покӣ пеша кун
В-аз азоби гӯр низ андеша кун.

## ДАР АЛОМАТИ МАРДИ БАХИЛ

Се аломат зоҳир омад дар бахил,
Бо ту гӯям ёд гираш, эй халил.

Аввало аз соилон тарсон бувад,
В-аз балои ҷӯъ ҳам ларзон бувад.
Чун расад дар раҳ ба хешу ошно,
Бигзарад онҷоюу гӯяд марҳабо.
Нест аз молаш касеро фоида,
Қам расад бо кас зи хонаш моида.

## ДАР БАЁНИ ҚАСОВАТИ ҚАЛБ

Сахтдилро се аломат ёфтам,
Чун бидидам, рӯ аз ӯ бартофтам.
Бо заифон бошадаш ҷавру ситам,
Ҳам қаноат набвадаш бо бешу кам.
Мавъизат ҳарчанд гӯӣ бештар,
Дар дили сахташ набошад коргар.
Аҳли дунёро ба маънӣ мурда дон,
То набошӣ ҳамнишин бо мурдагон.

## ДАР БАЁНИ ҲОҶАТ ХОСТАН

Ҳоҷати худро маҷӯй аз зиштрӯй,
Он кӣ дорад рӯи хуб, аз вай биҷӯй.
Мӯминеро бо ту чун афтод кор,
То тавонӣ ҳоҷати ӯро барор.
Ҳоҷати худро ҷуз аз султон махоҳ,
Чун нахоҳӣ ёфт, аз дарбон махоҳ.
Аз вафоти душманон шодӣ макун,
Аз касе беш аз кас озодӣ макун.

## ДАР БАЁНИ ҚАНОАТ ВАРЗИДАН

Бо қаноат соз доим, эй писар,
Гарчи хеҷ аз фақр набвад талхтар.
Ҳар саҳар бархезу истиғфор кун,
Фурсате акнун ки дорӣ, кор кун.
Ҳамнишини хешро ғайбат макун,
Ғайри шайтон бар касе лаънат макун.
Чун шавад ҳар рӯз дар олам ҷадид,
Аз гуноҳон тавба мебояд гузид.
Ҳар киро тарсе набошад аз худо,
Ҳақ битарсонад зи ҳар чизе варо.
То тавонӣ, ҳоҷати мискин барор,
То барорад ҳоҷати ту кирдикор.
Ҳаст молат ҷумла дар каф орият,
Гар бимонад аз ту бошад зорият.

Ориятро боз мебояд супурд,
Ҳеҷ кас диди, ки зар бо худ бибурд.
Ҳосил аз дунё чӣ бошад, эй анин,
Нӯҳ газ карбосу се газ аз замин.
Ҳар чӣ додӣ дар раҳи ҳақ они туст,
Он чи монд аз ту, балои ҷони туст.
Ҳар кӣ бо андак зи ҳақ розӣ шавад,
Ҳоҷати ӯро худо қозӣ шавад.
Ҳаст дунё бар мисоли қантараҳ,
Бигзар аз вай, гар ту дорӣ рӯ ба раҳ,
Ҳар кӣ созад бар сари пул хонае.
Нест оқил, ӯ бувад девонае.
Аз худо набвад раво ҷустан ғано,
Ҳаст мӯминро ғано ранҷу ано.
Фақру дарвешӣ шифои мӯмин аст,
З-он ки андар вай сафои мӯмин аст.
Молу авлодат ба маънӣ душмананд,
Гарчи наздики ту чашми равшананд.
«Иннамо амволакум»-ро ёд гир,
Молу мулки ин ҷаҳон бар бод гир.
Марди раҳро буди дунё суд нест,
Ҳаргизаш андешаи нобуд нест.
Ҳар киро аз сидқ дил софӣ бувад,
Хирқае бо луқмае кофӣ бувад.
Ҳар кӣ дар банди зиёдат мешавад,
Дур аз аҳли саодат мешавад.
Бандагони ҳақ чу ҷонро бохтанд,
Аспи ҳимат то сураё тохтанд,
То набозӣ дар раҳи ҳақ ҳар чи ҳаст,
Он чи мебояд куҷо ояд ба даст.

## ДАР БАЁНИ НАТОИҶИ САХОВАТ

Дар саҳо кӯш, эй бародар, дар саҳо,
То биёбӣ аз паси шиддат раҳо.
Бош пайваста ҷавонмард, эй ахӣ,
З-он ки набвад дузахӣ марди сахӣ.
Дар рухи марди сахӣ нури сафост,
З-он ки дар ҷаннат қарини Мустафост.
Ҳақ таъоло бар дари ҷаннат навишт,
Ин ки ҷои асхиё бошад биҳишт.
Асхиёро бо ҷаҳаннам кор нест,
Ҷои мумсик ҷуз даруни нор нест.
Қори аҳли бухлро талбис дон,
Дар ҷаҳаннам ҳамдами иблис дон.
Ҳеҷ мумсик нагзарад сӯи биҳишт,
Балки бо ӯ кай расад бӯи биҳишт.

Он кӣ мехонанд мар ӯро сақар,
Аҳли кибру бухлро бошад мақар.
Эй писар,
дар мардумӣ машҳур бош,
Аз бахилӣ,
в-аз такаббур дур бош.
Босахо бошу тавозӯъ пеша гир,
То шавад рӯи дилат бадри мунир.

## ДАР БАЁНИ КОРҲОИ ШАЙТОНӢ

Чор хислат феъли шайтонӣ бувад,
Донад инҳо, ҳар ки раҳмонӣ бувад:
Атсаи мардум чу бигзашт аз яке,
Бошад он аз феъли шайтон бешаке.
Хуни бинӣ низ аз шайтон бувад,
Он кӣ зоҳир душмани инсон бувад.
Хомёза феъли шайтон асту най,
Эй писар,
эмин мабош аз макри вай.

## ДАР БАЁНИ АЛОМАТИ МАРДИ МУНОФИҚ

Дур бош, эй хоча,
аз аҳли нифоқ,
Дар чаҳаннам дон мунофиқ то висоқ.
Се аломат дар мунофиқ зоҳир аст,
З-он сабаб мақҳури қаҳри қоҳир аст:
Ваъдаҳои ӯ ҳама бошад хилоф,
Қавли ӯ набвад ба ғайр аз кизб лоф.
Мӯминонро кам ионат мекунад,
Ҳам амонатро хиёнат мекунад.
Нест дар ваъда мунофиқро вафо,
З-он набошад дар руҳаш нури сафо.
То на пиндорӣ мунофиқро амин,
Нест бод осараш аз рӯи замин.
Аз мунофиқ, эй писар,
парҳез кун,
Теғи кин аз баҳри қатлаш тез кун.
Бо мунофиқ ҳар кӣ ҳамраҳ мешавад,
Манзили ӯ дар таги чаҳ мешавад.

## ДАР БАЁНИ АЛОМАТИ МАРДИ МУТТАҚӢ

Се аломат бошад андар муттақӣ,
Қай бувад нисбат тақиро бо шақӣ.

Барҳазар бош, эй тақӣ, аз ёри бад,
То наяндозад туро дар кори бад.
Қам равад зикри дурӯғаш бар забон,
Аз тариқи кизб бошад бар карон.
Аз ҳалолу пок ҳам гиранд ком,
То наяфтад аҳли тақво дар ҳаром.

## ДАР БАЁНИ АЛОМАТИ АҲЛИ ҶАННАТ

Ҳар киро бошад се хислат дар сиришт,
Бошад он кас бешак аз аҳли биҳишт:
Шукри неъматҳову сабр андар бало
Медиҳад оинаи дилро ҷило.
Ҳар кӣ мустағфир бувад андар гуноҳ,
Ҳақ зи нори дӯзахаш дорад нигоҳ.
Ҳар кӣ тарсад аз илоҳи хештан,
Хоҳад ӯ узри гуноҳи хештан.
Маъсиятро ҳар ки пайдарпай кунад,
Эзидаш аз аҳли ҷаннат кай кунад.
Эй писар, доим бо истиғфор бош
В-аз бадону муфсидон безор бош.
Гар кунӣ хайре ба дасти хештан
Хайри худро вақфи ҳар дарвеш кун.
Як дирам, к-онро ба дасти худ диҳанд,
Беҳ бувад з-он к-аз паси ӯ сад диҳанд.
Гар бубахшӣ худ яке хурмои тар,
Беҳтар аз баъди ту сад мисқоли зар.
Ҳар чи бахшидӣ, макун бо ӯ руҷӯъ,
Гар зи по афтодаӣ аз дасти ҷӯъ.
Ин бад-он монад ки шахсе қай кунад,
Боз майли хурдани он қай кунад.
Бо писар гар чизаке бахшад падар,
Мерасад гар боз гирад з-он писар.
Эй писар, шодӣ зи молу зар маҷӯ,
Он чи касро додаӣ, дигар маҷӯ.

## ДАР БАЁНИ ОН КИ ДАР ДУНЁ АЗ ОН ХУШ НАБОЯД БУД

Шодии дунё саросар ғам бувад,
Сури ӯро дар ақиб мотам бувад.
Наҳӣ «ло тафраҳ» зи дунё гӯш дор,
Ҷои шодӣ нест дунё, ҳуш дор.
Шодмониро надорад дӯст ҳақ,
Ин сухан дорам зи устодон сабақ.

Эй писар, бо меҳнату ғам хӯй кун,
Рӯи худро ҷониби дилҷӯй кун.
Гар фараҳ дорӣ зи фазли ҳақ равост,
Лек аз дунё фараҳ ҷустан хатост.
Ҳузну андӯҳ аст қути бандагон,
Ғам шавад ёри фараҳҷӯяндагон.
Аз чӣ мавҷудӣ бияндеш, эй писар,
Ҳар касе дорад ғами хеш, эй писар.
Қард эзид мар туро аз нест ҳаст,
Аз барои он ки бошӣ ҳақпараст.
То ту бошӣ, бандаи маъбуд бош,
Бо ҳаёю бо сахою ҷуд бош.

## ПАНДУ НАСИҲАТ

Хоб кам кун аввали рӯз, эй писар,
Нафсро бадхӯ маёмӯз, эй писар.
Охири рӯзат накӯ набвад маном,
Пештар аз шом хоб омад ҳаром.
Аҳли ҳикматро намеояд савоб
Дар миёни офтобу соя хоб.
Эй писар, ҳаргиз марав танҳо сафар,
Бошадат рафтан сафар танҳо хатар.
Дастро бар руҳ задан шум аст шум,
Истимои илм кун з-аҳли улум.
Шаб дар оина назар кардан хатост,
Рӯз агар бинӣ ту рӯи худ равост.
Хона гар танҳову торикат бувад,
Мӯнисе бояд ки наздикат бувад.
Дастро кам зан ту дар зери занах,
Назди аҳли илм сард омад чу ях.
Чорпоёнро чу бинӣ дар қатор,
Дар миён эшон наёбӣ зинҳор.
То физояд қадру ҷоҳатро худо,
Рӯзу шаб мебош доим дар дуо.
То шавад умрат зиёда дар ҷаҳон.
Рав накӯӣ кун, накӯӣ дар ниҳон.
То накоҳад рӯзият дар рӯзгор,
Маъсият кам кун ба олам зинҳор.
Ҳар кӣ рӯ дар фисқу дар исён кунад,
Эзид андар ризқи ӯ нуқсон кунад.
Кам шавад рӯзӣ зи гуфтори дурӯғ,
Дар сухан каззобро набвад фурӯғ.
Фоқа орад хоби бисёр, эй писар,
Хоб кам кун, бош бедор, эй писар.
Ҳар кӣ дар шаб хоб урён мекунад,
Дар насиби хеш нуқсон мекунад.

Бавл урён ҳам фақирӣ оварад,
Андӯҳи бисёр, пирӣ оварад.
Дар ҷанобат бад бувад хӯрдан таом,
Нописанд аст ин ба назди хосу ом.
Резаи нонро маяфкан зери пой,
Гар ҳамехоҳӣ ту неъмат аз худой.
Шаб мазан ҷорӯб ҳаргиз хона дар,
Хокрӯба ҳам манеҳ дар зери дар.
Гар бихонӣ бобу умматро ба ном,
Неъмати ҳақ бар ту мегардад ҳаром.
Гар ба ҳар чӯбе кунӣ дандон хилол,
Бенаво гардӣ, биафтӣ дар вубол.
Дастро ҳаргиз ба хоку гил машӯй,
Аз барои даст шустан оби ҷӯй,
Эй писар, бар остони дар машин,
Кам шавад рӯзӣ зи кирдори чунин.
Такя кам кун низ дар паҳлӯи дар,
Бош доим аз чунин хислат бадар.
Дар халоҷо гар таҳорат мекунӣ,
Вақти худро дон ки ғорат мекунӣ.
Ҷомаро бар тан нашояд дӯхтан,
Бояд аз мардон адаб омӯхтан.
Гар ба доман пок созӣ рӯи хеш,
Рӯзият кам гардад, эй дарвеш, беш.
Дер рав бозору берун ой зуд,
З-он ки рафтанро наёбӣ ҳеҷ суд.
Нек набвад гар кушӣ бо дам чароғ,
Раҳ мадеҳ дуди чароғ андар димоғ.
Кам зан андар риш шона муштарак,
З-он ки он хоси ту бошад хуштарак.
Аз гадоён пораҳои нон маҳар,
З-он ки меорад фақирӣ, эй писар.
Дур кун аз хона тори анкабут,
Бошад андар монданаш нуқсони қут.
Харҷро берун зи андоза макун,
Хушк риши хешро тоза макун.
Дастрас гар бошадат, тангӣ макун,
Чунки раҳворӣ, ба раҳ лангӣ макун.

## ДАР БАЁНИ ФАВОИДИ САБРУ СУБОТ

Гар туруш созӣ ту рӯй андар бало,
Хешро аз собирон машмар, ҳало.
Дар бало вақте ки собир нестӣ,
Назди аҳли сидқ шокир нестӣ.
Бе шикоят сабри ту бошад ҷамил,
Бо касе кам кун шикоят аз халил.

Гар набошад фахр аз дарвешият,
Кай ба аҳли фақр бошад хешият?
Гар ҳама ҷунбиш ба фармон бошадаш,
Ҳирмат аз хизмат фаровон бошадаш.
Банда аз хизмат ба уқбо мерасад,
Лекин аз ҳирмат ба мавло мерасад.
Ҳирматат дар хидмат ороми дил аст,
Ҳар кӣ хизмат кард, марди муқбил аст.
Гар накардӣ, эй писар ,гарде хилоф,
Он гаҳе зебад туро дар сабр лоф.
Гар ҳамедорӣ фараҳро интизор,
Дар бало ҷуз сабр набвад ҳеҷ кор.

## ДАР БАЁНИ ТАҶРИД ВА ТАФРИД

Гар сафо мебоядат таҷрид шав
В-ар хабар дорӣ, зи аҳли дид шав.
Тарки даъвӣ ҳаст таҷрид, эй писар,
Фаҳм кун маънии тафрид, эй писар.
Асли таҷридат видои шаҳват аст.
Балки куллӣ инқитоъи шаҳват аст.
Гар диҳӣ як бор шаҳватро талоқ,
Он замон гардӣ ту дар тафрид тоқ.
Гар ту бардорӣ зи ғайраш эътимед,
Он кӣ аз таҷрид кардӣ боумед.
Эътимодат чун ҳама бар ҳақ бувад,
Он замон тафриди ҷон мутлақ бувад.
Тарки дунё кун барои охират
В-аз бадан баркаш либоси фохират.
Гар биёбӣ аз саодат ин мақом,
Соҳиби таҷрид бошӣ вассалом.
Гар зи дунё даст шӯӣ баҳри ҳақ,
Дон ки аз тафрид гӯяндат сабақ.
Рав муҷаррад бош, доим мард бош,
То ба ҳар фарқе нишинӣ, гард бош,
Гирди кибру уҷбу худрой магард,
Қадри худ бишнос, ҳарҷой магард.
Ҳар кӣ гирди кӯраи ангишт гашт,
Ҷома аз дудаш сиёҳу зишт гашт.
В-он кӣ бо аттор мегардад қариб,
У ҳамеёбад зи бӯи хуш насиб.
Ҳамнишини соликон бош, эй писар,
Дур бош аз ринди қаллош, эй писар.
Ҷониби золим макун майл, эй азиз,
В-ар кунӣ, гарди аз он хайл, эй азиз.
Рав зи аҳли зулм бигрез, эй фақир,
То насӯзӣ з-оташи тез, эй фақир.

Сӯҳбати золим ба сони оташ аст,
З-он ки халқозору тундар саркаш аст.
Аз ҳузури солеҳон солеҳ шавӣ
В-ар нишинӣ бо бадон толеҳ шавӣ.
Ҳар кӣ ӯ бо солеҳон ҳамдам шавад,
Дар ҳарими хоси ҳақ маҳрам шавад.
Эй писар, магзор роҳи шаръро,
Асл ёбӣ, гар бигирӣ фаръро.
Аз шариат гар ниҳӣ берун қадам,
Дар залолат афтию ранҷу алам.
Ҳар кӣ дар роҳи залолат меравад,
Аз ҷаҳолат бо батолат меравад.
Ҳақ талаб в-аз кори ботил дур бош,
Дар сахову мардумӣ машҳур бош.
Ҳар ки мегзинад сироти мустақим,
Дар азоби охират монад муқим.
Дар раҳи шайтон манеҳ ком, эй ахӣ,
То нагардӣ хору бадном, эй ахӣ.
Ҳар кӣ дар роҳи ҳақиқат солик аст,
Рӯзу шаб хоиф зи қаҳри молик аст.

## ДАР БАЁНИ КАРОМАТҲОИ ОЛЛОҲ ТАЪОЛО

Чор чиз аст аз кароматҳои ҳақ,
Муқбил аст он кас ки гирад ин сабақ.
Аввал он бошад ки бошад ростгӯй,
Бо саховат бошаду ҳам тозарӯй,
Баъд аз он ҳифзи амонат бошадаш,
Ҳам назар пок аз хиёнат бошадаш.
Ҳар киро ҳақ дода бошад ин чаҳор,
Бошад он кас мӯмини парҳезкор.

## ДАР БАЁНИ ОН КИ ДӮСТИРО НАШОЯД

Дӯстат бошад зиёнкор, эй писар,
Ту тамаъ з-он дӯст, бардор эй писар.
Ҳар кӣ мегӯяд бадиҳои ту фош,
Дӯст машмораш бад-ӯ ҳамдам мабош,
Дӯстӣ ҳаргиз макун бо бодахор,
Аз чунин кас хештанро дур дор.
Мунъиме гар мекунад тарки закот,
Дур аз вай бош, то дорӣ ҳаёт.
Дур шав з-он кас ки хоҳад аз ту суд,
Гар сари худ бар қадамҳои ту суд.

Эй писар, аз судхӯрон кун ҳазар,
Хасми эшон шуд худои додгар.
Он кӣ аз мардум ҳамегирад рибо,
Зинҳор ӯро магӯй марҳабо.

## ДАР БАЁНИ ҒАМХОРАГӢ КАРДАН БО МАРДУМ

Бар сари болини беморон гузар,
З-он ки ҳаст ин суннати хайрулбашар.
То тавонӣ,
ташнаро сероб кун,
Дар маҷолис хидмати асҳоб кун.
Хотири айтомро дарёб низ,
То туро пайваста ҳақ дорад азиз.
Чун шавад гирён ятиме ногаҳон,
Арши ҳақ дар ҷунбиш ояд,
он замон.
Чун ятимеро касе гирён кунад,
Молик андар дӯзахаш бирён кунад.
Он кӣ хандонад ятими хастаро,
Боз ёбад ҷаннати дарбастаро.
Ҳар кӣ асрорат кунад фош,
эй писар,
Аз чунон кас дур мебош,
эй писар.
Дар ҷавонӣ дор пиронро азиз,
То азизи дигарон бошӣ ту низ.
Бо заифон гар бибахшоӣ равост,
К-ин зи сиратҳои хуби авлиёст.
Бар сари сайре махур ҳаргиз таом,
То намирад дар бадан қалб,
эй ғулом.
Иллати мардум зи пурхорӣ бувад,
Хӯрдани пур тухми беморӣ бувад.
Роҳате набвад ҳасуди шумро,
Қозиби бадбахтро набвад вафо.
Ҳар мунофиқро ту душмандор бош,
Аз ваю аз феъли вай безор бош.
Тавбаи бадхӯ куҷо маҳкам бувад,
Мар бахилонро мурувват кам бувад,
То шавад дини ту софӣ чун зулол,
Бош доим толиби қути ҳалол.
Он ки бошад дар паи қути ҳаром,
Дар тани ӯ дил ҳамемирад тамом.

## ДАР БАЁНИ ФОИДАИ СИЛЛАИ РАҲМ

Рав ба пурсидан бари хешони хеш
То кӣ гардад муддати умри ту беш.
Ҳар кӣ гардонад зи хешованд рӯй,
Бегумон, нуқсон пазирад умри ӯй.
Ҳар кӣ ӯ тарки ақориб мекунад,
Ҷисми худ қути ақориб мекунад.
Гарчи хешони ту бошад аз бадон,
Бадтар аз қатъи раҳам чизе мадон.
Ҳар кӣ ӯ аз хеши худ бегона шуд,
Номаш аз рӯи бадӣ афсона шуд.

## ДАР БАЁНИ ФАЗИЛАТИ ФУТУВВАТ

Чист мардӣ? Эй писар, некӯ бидон,
Аввалан тарсидан аз ҳақ дар ниҳон.
Узр хоҳад мард пеш аз маъсият,
Бошадаш тоъат беш аз маъсият.
Он кӣ кори некмардон мекунад,
Бо заифон лутфу эҳсон мекунад.
Ҳар кӣ ӯ бошад зи мардони худо,
Бошад андар тангдастӣ босахо.
Эй писар, дар сӯҳбати мардон дарой,
То назарҳо ёбӣ аз фазли худой.
Ҳар кӣ аз мардони ҳақ дорад нишон,
Нагзаронад айби душман бар забон.
Худ нахоҳад мард хасмонро ҳалок,
Аз ғами эшон шавад андӯҳнок.
Меначӯяд мард инсоф аз касе,
Гар расад зулму ҷафо бо ӯ басе.
Ҳар кӣ по андар раҳи мардон ниҳод,
Меравад ҳар ҷо зи дунболаш мурод.
Эй писар, тарки муроди хеш гир,
В-он гаҳе роҳи саломат пеш гир.

## ДАР БАЁНИ ФАЗИЛАТИ ФАҚР

Фақр медонӣ, чӣ бошад, эй писар,
Бо ту гӯям гар надорӣ з-он хабар.
Гарчи бошад бенаво ӯ зери далқ,
Хешро мунъим намояд пеши халқ.
Гурсна бошад зи серӣ дам занад,
Дӯстӣ бо душманони худ кунад.
Гарчи бошад лоғару зору заиф,
Вақти тоат кам набошад аз ҳариф,

Хуни дил пур дораду дасти тиҳӣ
Менамояд дар низорӣ фарбеҳӣ.
Эй писар, худро ба дарвешон супор,
То нигаҳ дорад туро парвардигор.
Бо фақирон ҳар кӣ ҳамдам мешавад,
Дар сарои хулд маҳрам мешавад.

## ДАР БАЁНИ ИНТИБОҲӢ АЗ ҒАФЛАТ

Аз худои хештан ғофил мабош,
Ғофилона дар раҳи ботил мабош.
Ҷои гиряст ин ҷаҳон дар вай маханд,
Чашми ибрат баркушою лаб бубанд.
Ҳамчу мӯр аз ҳирс ҳар ҷое марав,
Панди носеҳро ба гӯши ҷон шунав.
Эй, писар кӯдак най, бозӣ макун,
Кор бо шайтон ба анбозӣ макун.
Нафси бадро дар гунаҳ ёрӣ мадеҳ,
Умр барбод аз табаҳкорӣ мадеҳ.
Ҳар куҷо тӯҳмат бувад, он ҷо марав,
Роҳи ҳақро ҳамчу нобино марав.
Душмане дорӣ аз ӯ эмин мабош,
Зери сақфи бесутун сокин мабош.
Дар раҳи фисқу ҳаво маркаб матоз,
Хештанро сахраи шайтон масоз.
Чун сафар дар пеш дорӣ, зод гир,
Умри худро сарбасар бар бод гир,
Эй писар, андеша аз ағлол кун,
Нафси бадро аз лагад помол кун.
То насӯзӣ, созкорӣ пеша кун,
Аз азоби қаҳри ҳақ андеша кун.
Ҷумларо чун ҳаст бар дӯзах гузар,
Ҷои шодӣ нест, бо чандин хатар.
Оташе дар пеш дорӣ, эй фақир,
Ҳеҷ хавфат нест аз нори саир.
Ақба дар роҳаст, борат бас гарон,
Нагзарад борат ба саъйи дигарон.
Дорӣ андар пеш рӯзи растахез,
Аз худоят нест имкони гурез.
Эй писар, роҳи шариат пеш гир,
Зудтар тарки ҳавои хеш гир.
Эй бародар, бош дар фармони ҳақ,
То биёбӣ ҷаннати ризвони ҳақ.
Гардан аз ҳукми худоят барматоб,
То намонӣ рӯзи маҳшар дар азоб.
То биёбӣ дар биҳишти адн ҷой,
Шафқате бинмой бо халқи худой,

То диҳандат ҷой дар дуруссалом,
Бо фақирон рӯзу шаб медеҳ таом.
Шод агар дорӣ даруни хастаро,
Боз ёбӣ ҷаннати дарбастаро.
Ҳар кӣ орад ин насиҳатро ба ҷой,
Дар ду олам роҳаташ бахшад худой.
Ё илоҳо, раҳм кун бар мо ҳама,
Афв кун ҷумла гуноҳони ҳама.
Оҷизему ҷурмҳо карда басе,
Нест моро ғайри ту дигар касе.
Гар бихонӣ вар биронӣ бандаем,
Ҳар чи фармони туро омодаем.
Раҳмати ҳақ бод бар ҷони касе,
Қ-ин насоеҳро бихонад ӯ басе.

## ХОТИМА

Раҳмате монад басе аз зулҷалол,
Бар равони поки он соҳибкамол.
Қ-ин ҳама дурҳо ба назм овардааст,
Ғӯттаҳо дар баҳри маънӣ хӯрдааст.
Ёдгоре дар ҷаҳон бигзошта,
Ҳеҷ пандеро фурӯ нагзошта.
Аҳли динро инқадар кофӣ бувад,
Аҳли дунёро ҳамин вофӣ бувад.
Ҳар кӣ инҳоро бидонад, оқил аст,
В-он ки инҳо кор бандад, комил аст,
Дар ҷавори анбиё доруссалом,
Ҳамнишини авлиё бошад мудом.
«Пандннома» ном карданд ин китоб,
Ёд гир ин пандро баҳри савоб.

Таммат.

Лаҳулҳамду, ки ин «Пандннома»-и Аттор алайҳирраҳматун миналлоҳилазизи алғаффор низ сурати итмом ва ихтимом пазируфт дар рӯзи одинаи бистуҳафтум аз моҳи шарифи мутабаррика.

Илоҳо биёмурз гӯяндаро,
Нависанда, хонанда, бишнандаро.

Таммати том.

## «ЧАҲОР КИТОБ» Ё НОМАЕ ДАР ТАҲОРАТИ ЗОҲИРУ БОТИН

«Чаҳор китоб» пас аз «Қуръони шариф» дуюмин китобест, ки дар миёни мардуми мусулмони Мовароуннаҳру Хуросон шӯҳрати тамом дошт. Гуфтан кофист, ки нусхае аз он дар ҳар хонадон мавҷуд буд. Гузашта аз ин на ҳама кас ба мутолиаи «Қуръон» қудрат дошт, вале ҳама «Чаҳор китоб»-ро ё худ қироат мекардаанд ва ё аз қироати дигарон баҳра мебардоштаанд. Аз ин сабаб дар гузаштаи наздик аксари мардуми мо онро ё ба пуррагӣ ва ё фаслу бобҳои ҷудогонаашро аз ёд медонистанд. Аммо баъд аз он ки дар сарзамини мо даврони «атеизми қоҳир» фаро расид, мардуми мо аз ин ғизои маънавӣ маҳрум гашт. Ҳоло ба истиснои тоифаи мушаххаси одамон ва шахсони алоҳида боқӣ ҳама аз мутолиаи «Чаҳор китоб» бенасибанд.

Ва лозим ба таъкид аст, ин қабил бенасибгаштанҳо боиси футуру рахнаҳои нобахшиданӣ дар маънавиёти мардум гаштааст. Чаро ки «Чаҳор китоб» асарест, ки дар худ баёни «мӯъҷазу дилпазири» асосоти шариату тариқат, аз ҷумла фароизу суннатҳои вузӯ, ғусл, намоз ва рӯза, маърифати имон, ислом, таҳорат ва намоз, илми чаҳоргонаи тавҳид, намоз, рӯза ва ҳайзу нифос, фароизи имон, шароит, аркон ва аҳкоми онро, ки донистанашон лозим аст, гунҷонидааст. Ба сухани дигар, он китобест, ки дар он ҳамзамон бо тафаккури динӣ, тафаккури бадеӣ, илмӣ ва фарҳангии мардуми мо, ҷаҳонфаҳмию ҷаҳонбинии урфии он инъикос гардидааст. Вай китобе буд, ки мардуми мо дар тӯли садсолаҳо аз рӯи он қавлу амал мекард, шину хез менамуд.

Аз мутолиаи «Чаҳор китоб» ба касофати табдили алифбо ва ҳукмравоии «атеизми қоҳир» бебаҳра мондани мардуми мо дар зарфи чанд даҳсолаи охир ӯро аз асосоти ҷаҳонбинию ҷаҳонфаҳмиаш дур сохт. Ва ин ҳама дуршуданҳои мо аз собиқаи фарҳангӣ ба ҳамин ҳолат овард, ки имрӯз дигар дарки мероси адабӣ ва илмӣ бароямон бисёр ва бисёр душвор гардидааст. Ҳол он ки мо алалхусус имрӯзҳо ба дарки он ҳама ғановати маънавии хеш беш аз ҳарвақта ниёзи шадид дорем ва дар чунин шароит дастраси умум гардонидани «Чаҳор китоб» бо алифбои кириллӣ ҳам фарзу ҳам суннат аст.

Ба замми ин «Чаҳор китоб» як пандномаи басо ҷолиб ва пурарзише ва як намунаи насри сара ба забони форсии тоҷикӣ мебошад, ки барои фаро гирифтани дарси нотакрори зиндагӣ ва забони фасеҳу гӯё кӯмак мерасонад.

«Чаҳор китоб» тавре ки аз унвони он ҳам бармеояд, иборат аз чаҳор китоби алоҳида ё қисмест, ки дар як муҷаллад гирд омадааст ва табиист, ки муаллифи ягона надорад. Мувофиқи маълумоте, ки дар худи китоб омадааст, муаллифи кисми аввал худро аз Бухоро дониста, дар Хуросон кас-

би илм намуданашро зикр намудааст. Бино ба гуфтани ӯ, санаи китоби аввал 699 ҳиҷрӣ мутобиқ ба 1300 масеҳист.

Ингуна маълумот дар китоби дуюм ва сеюм, ки мансур аст, мавҷуд нест. Қитоби чаҳорум бо номи «Пандномa»-и Аттор омадааст.

Гумони яқин аст, ки дар як муҷаллад гирд омадани чаҳор китоб зери унвони «Чаҳор китоб» дар асри XVII сурат гирифтааст. Зеро то он сана аз мавҷуд будани чунин як китоб маълумоте нест.

Аз мутолиаи нусхаҳои каламии «Чаҳор китоб» ва нашрҳои гуногуни он бармеояд, ки он дар ду шакл, яъне мухтасар ва муфассал, интишор доштааст. Мо ҳоло нусхаи мухтасари онро, ки бештар роиҷ буд, ба нашр омода кардем. Нашри нусхаи мукаммали он кори оянда аст.

Дар тасҳеху такмили матни феълӣ устоди Донишгоҳи Тоҷикистон Ҳадятуллои Файзулло ва шоир Саидалӣ Маъмур саҳм доштанд, аз ин рӯ камина вазифадор ҳастам, ки аз эшон сипосгузорӣ намоям. Ҳамчунин қарзи хеш медонам, таъкиди онро ки ин кор бо тарғибу ташвиқи нависандаи номӣ Кӯҳзод, ки машаққати таҳрири ин китобро низ ба худ раво дидааст ва бо дастгирии раёсати мӯҳтарами нашриёти «Адиб» ба анҷом расид.

*Абдунабӣ Сатторзода,*
**устоди Донишгоҳи Тоҷикистон**

## ЛУҒАТНОМА

### А

**Аврат** — андоми ниҳонӣ, андоми шарми мардум.
**Адо** — пардохтан, ба ҷо овардан, навъе аз намоз.
**Айн** — асл, зот, асли ҳар чиз, моҳияту ҳақиқати ҳар чиз, хатмӣ.
**Айтом** — ҷамъи ятим, ятимон.
**Алим** — дарднок, аламнок, пуразоб.
**Алтоф** — ҷамъи лутф.
**Амдо** — қасдан.
**Анвисат** — занон.
**Анин** — нола, зорӣ.
**Ано** — заҳмат, ранҷ, машаққат.
**Анбозӣ** — шарикӣ, ҳамроҳӣ.
**Андоми зан** — андоми ниҳонии зан.
**Аркон** — ҷамъи рукн.
**Арз** — навъе аз намоз.
**Арзагоҳ** — ҷои арз.
**Арш** — навъе аз қибла.
**Асдиқо** — ҷамъи садиқ, содиқон.
**Асхиё** — ҷамъи сахӣ, сахиён.
**Асҳоб** — ҷамъи соҳиб, аҳли суҳбат.
**Аттор** — атрфурӯш, доруфурӯш.
**Ауз** — паноҳ.
**Ахвон** — ҷамъи ахӣ, бародар.
**Ахӣ** — бародар.
**Аъдо** — ҷамъи аду, душман.
**Аъдод** — ҷамъи адад, ададҳо.
**Аъқоб** — гуноҳ.
**Ағлол** — ҷамъи ғул, тавқи оҳанин, ки ба даст ва гардани зиндониён меандозанд.
**Ақаба** — роҳи душвор дар кӯҳ; амри сахт ва азим.
**Ақориб** — наздикон, қарибон.
**Ақориб** — ҷамъи ақраб, каждум.
**Аҳаде** — нафаре.
**Аҳком** — ҷамъи ҳукм.

Аҳами муҳимот — аз ҳама муҳим.
Аҷсом — ҷамъи ҷисм, ҷисмҳо.

## Б

Бавл — пешоб.
Базаҳкор — гунаҳкор, хатокор.
Балиёт — бало, сахтӣ, азоб, ранҷ, кулфат.
Барог — ҳуҷҷати афви гуноҳ, бахшоиш ва озодӣ.
Басар — бинои, қувваи босира.
Батолат — танбалӣ, сустиродагӣ, бекорӣ.
Бидоят — ибтидо, оғоз, шурӯъ.
Бидъат — расму русуми наве, ки мухолифи таълимоти маъмули динист.
Булфузул — пургӯӣ, ҳарзагӯӣ.
Бурд — чакман.

## В

Валид — писар, фарзанд.
Ваъд — ваъда.
Ваъид — ваъдаи ягон нияти бад.
Вараъ — парҳезкорӣ, тақводорӣ, порсоӣ.
Висоқ — банд, қайд; хона, манзил.
Витр — танҳо ва тоқ, навъе аз намоз.
Восил — пайваста, васлшуда.
Вофӣ — бовафо; тамом ва комил.
Вузӯ — таҳорат.

## Г

Ғазоф — беҳуда, ҳарза.

## Д

Далқ — либоси пашминаи дарвешон; хирқаи қаландарон.
Даф — узви бадан.
Дафқ — чаҳанда.
Дирра — дурра, тасмаи чармини махсус, ки мӯҳтасиб бо ин гунаҳкоронро мезад.
Дубур — пушт, мақъад.
Дақ — овоза.

## З

Забҳ — сар буридани ҳайвонот, қурбонӣ кардан.
Залолат — хорӣ, беэътиборӣ, нописандӣ.
Замима — паст, бад.
Зеҳ — ресмони (тори) камон.

**Зино — хуфтухоби бенихоҳи зану мард.**
**Зокир** — зикркунанда, ёдоваранда.
**Зукурат — мардон.**
**Зулминан — соҳиби миннатҳо, соҳиби эҳсонҳо,** киноя **аз** худо.
**Зулҷалол — соҳили ҷалол.**

## И

**Изола** — дафъ кардан, дур кардан.
**Илтиҳоб** — афрӯхтани оташ.
**Имтисол** — итоат кардан, фармон бурдан.
**Инзиол** — фурӯ рехтани оби сафедаи насл.
**Интибоҳ** — бедор шудан, огоҳ шудан.
**Интиқолот** — аз ҷое ба ҷое рафтан, аз ҷое ба ҷое нақл кардан.
**Инқиёд** — итоат кардан.
**Инқитоъ** — қатъ шудан.
**Ионат** — ёрӣ додан.
**Истикбор** — такаббур кардан.
**Истимоъ** — шунидан, гӯш додан.
**Истиншоқ** — об ба бинӣ кашидан дар вақти таҳорат.
**Истинҷо** — худро аз наҷосат ва палидӣ пок кардан.
**Истиоб** — фаро гирифтан.
**Истихфоф** — сабук ё кам шумурдани чизеро ва касеро.
**Истифтоҳ** — фатҳ кардан, оғоз кардан.
**Истиғфор** — мағфират талабидан, омурзиш кардан, бахшоиши гуноҳ хостан.
**Итоб** — сарзаниш, маломат, таъна; қаҳр, хашм, ғазаб.
**Итлоқ** — озодӣ, раҳоӣ, нисбат.
**Ишо** — торикии шаб, ки вақти намози шаб аст.
**Иқтидо** — пайравӣ ба имом дар вақти намоз.
**Иҳтилом** — фурӯ рехтани оби манӣ.
**Иҷоб** — воҷиб ва зарур гардонидан.
**Иҷтиҳод** — ҷидду ҷаҳд, кӯшиш.

## Ё

**Ёғӣ** — саркаш, нофармон, исёнгар.

## Қ

**Қароҳият** — дилнокашӣ, нафратангезӣ.
**Қаррубаён** — навъе аз қибла.
**Қаср** — шикастан.
**Қатми адам** — олами нестӣ.
**Қафорат — фидя, он чизе ки дар товони гуноҳ дода мешавад.**

Кирми кадудона — кирме, ки дар рӯда пайдо мешавад.
Кисват — либос, пӯшок.
Курт — навъе аз қибла.

## Л

Лаим — нокас, фурӯмоя, паст, сифла.
Лаҷоҷ — низоъ, ҷангу ҷидол, хусумат, ситезакорӣ.
Лиҳия — риши мардон.
Лошахар — хари лоғари заифи мурданӣ.

## М

Мавло — соҳиб.
Мавсуф — сифат.
Мавқуф — навъе аз имон.
Мавъизат — насиҳат, панду андарз ва тавсия ба кори динӣ.
Мазмаза — об гардонидан дар даҳон.
Мазаҳ — маза.
Маёмин — шахсони муборак ва чизҳои муборак.
Макруҳот — нораво.
Малӣ — сарватманд, соҳибмол, тавонгар; сифати худо.
Малъун — лаин, лаънатӣ.
Манӣ — нутфа.
Маном — хоб дидан, хобгоҳ.
Мансух — аз эътибор соқитшуда.
Маосӣ — ҷамъи маъсият, рафтор ва ҳаракат бар хилофи амру наҳйи дину шариат, кори номашрӯъ.
Мардуд — навъе аз имон.
Маснун — суннат шуда.
Масоҳиф — ҷамъи мусҳаф.
Масҳ — молидан бо даст.
Машкук — шаковар, шубҳаангез.
Машраб — зарфе, ки аз он шароб менӯшанд; ғоя, маслак.
Машият — ирода, хоҳиш.
Маъбуд — чизе ки онро парастиш мекунанд.
Маъдуд — шумурда шуда, ба миқдори маҳдуд.
Маъсият — кори номашрӯъ.
Маъосӣ — гуноҳ.
Маъсум — навъе аз имон.
Мағфират — афви гуноҳ, омурзиш, бахшиши гуноҳ.
Мақар — қароргоҳ.
Мақҳур — дучори қаҳр шуда.
Мақрӯъ — қироат карда шуда.
Маҳорим — ҷамъи маҳрам, наздикон.
Маҳшар — рӯзи ҳашр, растохез.
Маҳшур — фароҳамомада, ҷамъшуда.

**Маҷҷонӣ** — муфт, ҳарза, ройгон.
**Мирфақайн** — ду оринҷ.
**Меъроҷ** — нардбон, дараҷот, улвият, болоравӣ.
**Моида** — дастархони пур.
**Молик** — номи фариштае, ки гӯё дарбони дӯзах будааст.
**Мубоҳ** — ҷоиз, раво, ҳалол.
**Мубтадеъон** — аҳли бидъат.
**Муволот** — дӯстӣ.
**Мудбир** — бадбахт, бахтбаргашта.
**Муназзаҳ** — покиза шуда, пок.
**Мунзал** — нозилшуда, фурӯдомада.
**Мунир** — рушан.
**Мунҳӣ** — расонандаи хабар ва пайғом, огоҳонанда.
**Мурсал** — пайғамбаре, ки соҳиби китоб бошад.
**Мустакмил** — комил, пурра.
**Мустаон** — он кӣ аз ӯ ионат металабанд, он кӣ аз ӯ ёрӣ мепурсанд.
**Мустакбирӣ** — мутакаббирӣ, мағрурӣ, гарданафрозӣ.
**Мустағфирӣ** — мағфиратталаб, омурзиш пурсанда.
**Мустатоб** — пок, покиза.
**Мустаҳба** — ибодате, ки иҷро карданаш савоб дошта, аммо тарк карданаш гуноҳ набошад.
**Муталошӣ** — пора-пора, пароканда; мушавваш, парешонҳол.
**Мутақӣ** — тақводор, парҳезгор.
**Муфсидот** — ҷамъи муфсид, табаҳкор, вайронкор, бадкор.
**Мушрик** — он кӣ ба ягонагии худо бовар надорад, бутпараст.
**Мӯътамад** — боэтимод.
**Мӯътариф** — эътирофкунанда.
**Мӯътод** — одатӣ, хӯгирифта.
**Муғоир** — мухолиф.
**Муқтадӣ** — пайравикунанда.
**Муҷмал** — навъе аз имон.
**Муқбил** — соҳибиқбол, хушбахт.
**Муҳиб** — дӯстдор, дӯст.
**Мӯҳтадӣ** — ҳидоятшаванда ба роҳи рост.
**Мӯҳрим** — ҳаром, нораво, ғайришаръӣ.
**Мӯҷибот** — ҷамъи мӯҷиб ҷавобдиҳанда, ҷавобгӯянда.
**Муҷомаат** — ҳамбистарии зану мард.

## Н

**Навофил** — ҷамъи нофил (нофила), намозе ки гузориданаш фарз аст, на суннат.
**Назеҳ** — пок, покиза, тоза, босафо.
**Наим** — неъмат, мол боигарӣ.

**Накбат** — бадбахтӣ, бечорагӣ, сахтӣ, хорӣ, ранҷ, машаққат.

**Нафл** — намозе, ки гузориданаш фарз аст, на суннат.

**Нафоис** — ҷамъи нафс, нопокиҳои нафсонӣ.

**Нафси аммора** — хоҳиш ва тақозои табиати инсон ба лаззатҳои дунёӣ.

**Нафур** — нафраткунанда.

**Нақл** — кӯчондан кашондан, навъе аз намоз.

**Наҳӣ** — манъ кардан, боздоштан.

**Низорӣ** — харобӣ, лоғарӣ, сустӣ, заифӣ.

**Нори сақар** — оташи дӯзах.

**Нори самум** — оташи дӯзах.

**Нос** — инсон.

**Носир** — имдодгар, ёридиҳанда.

**Нофила** — намози суннат ва ибодате ки бар банда воҷиб набошад.

**Ноқа** — шутур.

**Ноқизот** — ҷамъи нақз, шикастанҳо.

**Нузл** — зиёфат ва меҳмонӣ, ки пеши меҳмон гузоранд.

**Нузул** — фуруд омадан, поин омадан; фиристода шуда, фармудашуда.

## О

**Обдаст** — обе, ки бо он дастурӯй мешӯянд, таҳорат.

**Олим** — доно, огоҳ.

**Ом** — умумӣ, ҳамагонӣ.

**Осиё** — гунаҳкорон.

## П

**Палид** — нопок.

## Р

**Равоҳ** — шом.

**Рауф** — раҳмдил, ғамхор.

**Рафеъ** — олӣ, баланд.

**Раҳм** — мехрубонӣ, шафқат, ғамхорӣ, дилсӯзӣ.

**Раҷм** — сангсор кардан.

**Рибо** — судхӯрӣ, суд, фоида.

**Рифоҳият** — осудагӣ, хушҳолӣ, осоиш, роҳат.

**Риҷо** — умед, орзу, чашмдошт.

**Роғиб** — моил, хоҳишманд, талабгор.

**Рукӯъ** — хам шудан дар намоз ба дараҷае, ки кафи дастҳо ба сари ду зону бирасад.

**Рухо** — осудаҳолӣ.

Саббор — бисёр сабркунанда.
Сабутӣ — мусбӣ.
Савб — тараф ҷониб, рӯй, самт, ҷиҳат, либос.
Салаф — гузаштагон.
Салбӣ — нафӣ, манфӣ.
Самеъ — шунаванда.
Самъ — шунавоӣ.
Санги масона — санги кисаи бавл, санги шошадон.
Сарир — ҷогаҳ, бистар, ҷои хоб.
Сахо — саховат.
Саъир — дӯзах, оташ.
Сақар — дӯзах, ҷаҳаннам.
Сибён — ҷамъи сабий, кӯдакон.
Сидқат — ростӣ ва дурустӣ.
Сироти мустақим — номи пулест, ки бар сари дӯзах бошад.
Собирин — ҷамъи собир, сабркунанда.
Соим — рӯзадор.
Солеҳ — порсо, покдил, покдоман, некӯсират.
Суккон — ҷамъи сокин.
Сулук — ҷамъи солик, соликон.
Сунан — ҷамъи суннат, суннатҳо.
Суннат — ибодат ва одате, ки аз ҳазрати Муҳаммад мондааст.
Сууд — баланд шудан.
Сӯъ — бадӣ, хосияти бад, хислати бад.

## Т

Тавоф — зиёрат.
Тавсан — асп, аспи саркаш.
Тавсиф — васф, сифат.
Тавфир — ҷамъ кардан, бисёр кардан, даромад, суд, фоида.
Тавфиқ — комёбӣ, пешрафт.
Таквин — офариниш.
Такбир — «оллоху акбар» гуфтан.
Талбис — макр, фиреб, ҳила.
Танбил — танбал.
Тард — рад кардан.
Тасмия — номи худоро зикр кардан, «бисмиллоҳ» гуфтан.
Татаввӯъ — бо майл ва хоҳиши худ кореро ба ҷо овардан.
Тафрид — фард шудан, гӯша гирифтан, гӯшанишин шудан.
Таъдиб — адаб додан.
Таъдил — рост кардан, дуруст кардан, баробар кардан, боэътидолӣ.
Таяммум — бо хок ва рег таҳорат кардан.
Тақбил — бӯсидан.

Такдир — кудрат, тавоной.
Тағофул — ғафлат.
Такдис — муқаддас шумурдан, ба покӣ нисбат додан.
Тақӣ — тақводор, парҳезкор.
Тақарруб — наздикӣ.
Таҷаммул — ороиш, ҳашмат, шукӯҳ, дабдаба.
Таҷрид — аз дигарон дур гаштан, танҳо мондан.
Таҳаммул — бардошт.
Таҳият — салом, дуруд.
Таҳлил — «ло илоҳа иллоллоҳ» гуфтан.
Таҳрима — гуфтани «оллоҳу акбар» дар аввали намоз.
Таҳур — поккунанда ва пок.
Тин — гил ва хоки намнок.
Толеҳ — бадкор, табаҳкор, зишткирдор, бадкирдор.
Тоъот — ибодат, парастиш.
Туфатулайн — зуд, фавран.
Тухуллал — низоъ, ҷудой.

## У

Узнайн — ду гӯш.
Уламои куро — қориёни донишманд.
Умра — ҳаҷҷи асғар.
Ушр — андоз, боҷу хироҷе, ки ба андозаи даҳяки мол гирифта мешуд.
Ухравӣ — охиратӣ, ондунёӣ.
Укбо — охират.
Уюб — ҷамъи айб, айбҳо.
Уҷб — ғурур, худписандӣ, ҳавобаландӣ, такаббур ва худбинӣ.
Уҷр — андоз, мукофот, кассос.

## Ф

Фалоҳ — наҷот, растагорӣ, комёбӣ, некуаҳволӣ, салоҳи ҳол.
Фароиз — ҷамъи фариза, фармудаи худо аз намозу рӯза ва закот.
Фарҷ — андоми ниҳонии зан.
Фасод — табоҳӣ, вайронӣ, бадахлоқӣ, зишткорӣ, бетартибӣ.
Фиол — ҷамъи феъл, феълҳо.
Фоҳир — бошукӯҳ, қиматбаҳо.
Фоқа — фақр, камбағалӣ, мӯҳтоҷӣ, нодорӣ.
Футувват — ҷавонмардӣ, сахо, карам.

## Х

Хавр — бим, тарс.
Хайл — гала, гурӯҳ, тоифа, ҷамоат, қавм, аскарони савора.

**Хайрулбашар** — инсони нек, хайрхоҳ.
**Халаф** — писар.
**Халил** — дӯсти наздик.
**Хев** — оби даҳан, туф.
**Хилол** — байн.
**Хирқа** — либоси дарвешон ва қаландарон.
**Хисол** — ҷамъи хислат, хислатҳо.
**Хоиф** — тарсӯ, тарсанда.
**Хосир** — зарардида, зиёндида.
**Хузӯъ** — фурӯтанӣ, хоксорӣ, шикастанафсӣ, итоат кардан, худро паст задан.
**Хулд** — биҳишт, ҷаннат, фирдавс.

## Ш

**Шафеъ** — шафоаткунанда, касе ки барои дигаре илтимоси афв мекунад.
**Шафоъат** — илтимос, талаб.
**Шақ** — шикоф, чок, нима.
**Шақӣ** — бадбахт.
**Шақоват** — бадбахтӣ, сахтӣ.
**Шикебой** — сабурӣ, тоқат орому қарор.
**Шокир** — шукркунанда, шукргузор.

## Э

**Эътизор** — узрхоҳӣ.
**Эъзоз** — иззат.
**Эҳтироз** — парҳез кардан.

## Я

**Ядаин** — ду даст.
**Ямин** — тарафи дасти рост.
**Ясор** — тарафи дасти чап.

## Ғ

**Ғано** — бонгарӣ, дороӣ, тавонгарӣ.
**Ғайримутаноҳӣ** — беохир.
**Ғилуғаш** — олудагӣ ва кудурат.
**Ғул** — занҷир, тавқи оҳанине ки ба даст ва гардани зиндониён андозанд.
**Ғусл** — шустушӯи тамоми бадан.

## Қ

Қадар — тақдир, сарнавишт.
Қазо — ба ҷо овардани намоз ё рӯза пас аз гузаштани вақти он.
Қайум — пуштибон, химоятгар.
Қаллош — ҳиллагар, маккор, айёш, беору номус, беному нанг.
Қантараҳ — пул, кӯпрук.
Қарқ — сӯрохӣ, шикофӣ, ҷой.
Қасоват — сахтдилӣ.
Қаҳр — ғалаба.
Қаъдаи охирин — нишастан дар намоз.
Қиёма — рост истодан дар вақти намоз.
Қоим — рост, устувор, пойдор.
Қоҳир — хашмгин, қаҳркунанда, ғолиб.
Қунут — дуо хондани дарозмуддат дар намоз.
Қуро — ҷамъи қария.
Қут — хӯрданӣ, таом.

## Ҳ

Ҳай — зинда.
Ҳайз — хориҷ шудани хун аз зан, узри занон.
Ҳайзуннос — фарзанди инсон.
Ҳайи лоямут — зиндаи ҷовид.
Ҳало — Эй! Хой!
Ҳалқ — мӯ тарошидан.
Ҳамоқат — аблаҳӣ, аҳмақӣ.
Ҳанийю мурӣ — гуворо, хуш, матбӯъ.
Ҳашфа — закар.
Ҳилм — нармдилӣ, мулоиматӣ.
Ҳирс — тамаъ, чашмгуруснагӣ.
Ҳиштан — партофтан.
Ҳиҷомат — хунгирӣ.
Ҳодис — тоза, нав, чизе ки нав ба вуҷуд омадааст.
Ҳоиза — зани ҳайздида.
Ҳубб — дӯстӣ, меҳр, муҳаббат.
Ҳубут — аз биҳишт ба поён, ба ҷазираи Сарандеб фуруд омадани Одам.
Ҳулла — либос, ҷома, куртаву эзор, либоси нав.
Ҳуҷӯъ — хоб ва ором.

## Ҷ

Ҷаббор — соҳиби тавоноӣ ва қудрат, як номи худо.
Ҷавоз — иҷозат, рухсат.
Ҷавор — наздикӣ, ҳамсоягӣ.
Ҷанб — қаробат бо зан.

**Ҷоеъон** — гуруснагон.

**Ҷанобат** — ҳолати пеш аз ғусл, нопокии пас аз муомилаи занушӯӣ.

**Ҷуд** — саховат, бахшиш, эҳсон.

**Ҷӯъ** — гуруснагӣ.

**Ҷуҳулӣ** — нодонӣ, ҷоҳилӣ.

М 503(12)—90 Бе эълон

(С) Нашриёти «Адиб», 1990.

**ЧАҲОР КИТОБ**

*(ба забони тоҷикӣ-форсӣ)*

Муҳаррири ороиш *В. Будный*
Муҳаррири техникӣ *Меҳрӣ Саидова*
Тасҳеҳи *Ҳикмат Неъмат*

Ба матбаа 05. 10. 90 супурда шуд. Ба чопаш 10. 12. 90 имзо шуд. Андозаи 60Х90$^1/_{16}$. Коғази офсетӣ. Ҳуруфи адабӣ. Чопи баланд. Ҷузъи чопии шартӣ 6,0 Ҷузъи рангаи шартӣ 6,5. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 5,59 Адади нашр 500000 нусха. Супориши № 4096. Нархаш 5 сӯм.

Нашриёти «Адиб». 734003. Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ, 33.

Комбинати полиграфии Кумитаи давлатии ҶШС Тоҷикистон оид ба матбуот. 734063, Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126.

5 сўм. 800.

# چهار کتاب

A